ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ 371(575.3)
ТКБ 74.204 (2 тоҷик)
Д-14

ДАВЛАТЗОДА ФАРЗОНА ИБРОҲИМ

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Иматзода Л. М.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА..... 2

НОМГУИ ИХТИСОРАҲО..... 3

МУҚАДДИМА..... 4-18

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛИИ РУШДИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ВА ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ……..... 19-75

1.1. Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакону хонандагони хурдсол дар адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ 19-48

1.2. Коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила 48-72

Хулосаи боби якум..... 72-75

БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА 76-114

2.1. Шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тибқи талаботи замони муосир 76-96

2.2. Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот 96-112

Хулосаи боби дуюм..... 112-114

БОБИ 3. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАТБИҚИ АМСИЛАИ РУШДИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН ВА НАТИҶАБАРДОРӢ АЗ ОН 115-157

3.1. Татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи томактабӣ ва оила 115-145

3.2. Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ 146-155

Хулосаи боби 3..... 155-157

Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо..... 158-166

Руйхати адабиёт..... 167-188

Замимаҳо..... 189-192

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

МТУ - Мактабҳои таҳсилоти умумӣ

МТТ - Муассисаҳои таълимии томактабӣ

ХК - Хонаҳои кӯдакон

РСИ - Рушди сифатҳои иҷтимоӣ

ААШ - Арзёбии арзиши шахсӣ

СМ - Сатҳи мутобиқшавӣ

ХМ - Худшиносии мусбат

ЭБХ - Эътимод ба худ

МХ - Малакаҳои худтанзимкунӣ

ЗИ - Зеҳни иҷтимоӣ

РИР - Рушди иҷтимоии рӯйдиҳанда

СГСИ - Сатҳи гуногуни салоҳияти иҷтимоӣ

ҲПИ - Ҳамкории педагогию иҷтимоӣ

ММ - Муҳити маҷозӣ

ГН – Гурӯҳи назоратӣ

ГО - Гурӯҳи озмоишӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мутобиқати иҷтимоии инсон, яъне қобилияти муваффақона мутобиқ шудан ба шароити нави иҷтимоӣ ва бевосита ба дигаргуниҳои доимии ҷомеа вобаста аст. Дарки раванди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тарбия буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд аст. Зимни пешниҳоди вазифаҳои нав дар раванди тарбия онро бояд дар мадди назар дошт, ки дар ташаккули шахсият муҳити оила мақоми аввалиндараҷа доранд.

Мақсади ҳамкории МТТ ва оила фароҳам овардани шароит барои иҷтимоикунонӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдак мебошад. МТТ ва оила фазои заруриро барои рушди иҷтимоӣ таъмин мекунад. Дар суханрониҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Дар тадбиқи талаботи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлати Тоҷикистон се омили асосӣ-ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар руҳияи ватандӯсӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбия ёбанд» [152, с.15].

Қобили зикр аст, ки инкишофи шахсият дар зинаи таҳсилоти томактабӣ, махсусан давраи аз синну соли аз 3 то 7 сола дар ташаккули кӯдак муҳим ҳисобида мешавад. Дар Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидааст, ки «Таҳсилоти томактабӣ ба пешниҳод намудани хизматрасонӣ барои рушди кӯдак равона шуда, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад» [11, с.15].

Маҳз дар ҳамин давра асосҳои салоҳияти иҷтимоӣ гузошта мешаванд, ки ба кӯдак имкон медиҳанд, ки бомуваффақият бо дигарон муошират кунад, ҳиссиёти худро идора кунад, мушкилотро ҳал намояд ва дар маҷмуъ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид шавад. Дар солҳои аввали ҳаёт

кӯдак, тадриҷан меъёрҳои иҷтимоӣ, яъне қоидаҳои рафтореро, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, омӯхта, аз худ мекунад. Ин раванд ба инсон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун як субъекти фаъолият дарк кунад, яъне ҳамчун шахсе, ки қодир аст дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунад ва ба он таъсир расонад. Дар ин маврид академик Ф.Шарифзода чунин қайд мекунанд: «Арзишҳои иҷтимоӣ–педагогӣ хусусият ва муҳтавои арзишҳоеро инъикос менамоянд, ки дар низомҳои мухталифи ҷамъиятӣ амал мекунанд ва дар шуури ҷамъиятӣ дар шакли ахлоқ, дин, фалсафа зоҳир мегарданд. Ин ғояҳо, тасаввурот, қоидаҳое мебошанд, ки фаъолияти тарбиявӣ ва муоширатро дар чаҳорчӯби ҷамъият ба низом медароранд» [122, с.243]

Тавре қайд намудем, иҷтимосозии ибтидоӣ, ки раванди асосии азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ дар кӯдакӣ мебошад, асосан дар оила оғоз гардида, дар МТТ идома меёбад. МТТ ва оила ва муассисаҳои таълимӣ масъулияти асосиро барои тарбияи насли наврас ба дӯш доранд, зеро маҳз онҳо ба кӯдакон арзишҳо, донишҳо ва малакаҳоеро медиҳанд, ки барои ҳаёти муваффақона дар ҷомеа заруранд. Кӯдакони синни томактабӣ қобилияти ба осонӣ таваҷҷуҳро аз як объект ба объекти дигар иваз мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ҷаҳони атрофро омӯзанд. Оҳиста-оҳиста кӯдак шахсияти худро ва ҷудо будани худро аз ҷаҳони беруна дарк мекунад. Ӯ мефаҳмад, ки ӯ аз дигарон фарқ мекунад ва дорои хусусиятҳои беназири худ аст. Ин эътироф ба шарофати ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, амалҳои гуногун ва тарзи рафтори азхудкардашуда ба амал меояд.

Дар асоси ақидаҳои дар боло зикршуда метавон қайд кард, ки рушди бомуваффақияти иҷтимоии кӯдак тавассути фаъолияти муътадил бо оила ва МТТ сурат мегирад. Мавриди баррасии мавзӯи таҳқиқшаванда муайян гардид, ки бисёре аз падару модар ба ин раванд омода нестанд, ки дар натиҷа рушди кӯдакон бе ташаккули мақсадноки сифатҳои муҳимми иҷтимоӣ сурат мегирад.

Андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда аз мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо шаҳодат медиҳанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Имрӯз дар раванди баррасии мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон омилҳои зерин мавҷуданд, ки дар педагогикаи муосир истифода шудаанд:

- назарияи иҷтимоикунонӣ;
- тараққиёти иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи иҷтимоикунонии давомдор;
- фардикунонӣ ва фарҳангсозӣ ҳамчун ҷузъи муҳими рушди иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ .

Дар «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» [1] ба иҷтимоисозӣ ва фардикунонии кӯдак диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки рушди комили кӯдакро таъмин мекунад. Ин тасаввуроти мутахассисонро дар бораи рушди иҷтимоии кӯдак тағйир медиҳад ва МТТ ва оила дар тарбия ва рушди иҷтимоӣ якҷоя кор мекунанд. Олимон, аз қабили ва дигарон, аҳамияти тарбияро дар муҳити МТТ ва оила таъкид кардаанд. Муҳаққиқони хориҷӣ Л.С.Виготский [31], Т.Н. Доронова [42], Е.С.Евдокимова [44], Л.В.Коломийченко [53], А.В. Петровский [99], А.Н.Щетинина [125], Л.А.Метлякова [85] ва ватанӣ М.Лутфуллозода [67], Ф.Шарифзода [122], Х.Раҳимзода [103], С.Негматов, Б.Маҷидова [72], Н.М.Юнусова, Ф.Гулмадов, М.Иззатова [47], Л.М.Иматзода [48], М.Обидова муҳити МТТ ва оиларо муҳимтарин омили иҷтимоикунонии кӯдак дар солҳои аввалини ҳаёт шуморида, нақши ҳалкунандаи онҳоро дар ташаккули шахсият ва малакаҳои аввалини иҷтимоии кӯдак қайд менамоянд.

Олимону муҳаққиқони ватанӣ оид ба масъалаи рушди салоҳиятҳои кӯдакону хонандагон М.Лутфуллозода [66], Х.Зиёӣ [150], Ғ.Бобизода [150], М.Каримзода, Қ.Мухторӣ, С.Туронов [12], Ш.Исрофилниё, А.Байзоев [150] мақолаи илмӣ ва дастурҳои методиро аз чоп баровардаанд. Инчунин, муҳаққиқони ҷавон В.Давлатбекзода,

М.Сафаров, Р. Азиззода, Ҳ.Нарзуллоев, Р.Неъматов ва дигарон диссертатсияҳои худро ҳимоя намуданд.

Рушди иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила ҳамаҷониба аз ҷониби олимони рус О. Ф. Борисова, И. А. Дядюнова, Л. В. Коломийченко [142] таҳқиқ шудааст. Ташхиси сифатҳои муҳими иҷтимоӣ дар кӯдакони томактабӣ аз ҷониби олимон А.Н.Щетинина [33], Н.А.Вершинина [133], А.В.Минина [149], Л. А. Метлякова [85] ва дигарон гузаронида шуданд.

Айни замон таҳқиқи амиқи мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар МТТ ва оила аз ҷиҳати пурра таҳқиқ нашудааст. Хусусияти МТТ ва оилаи муосир ин имконияти тағйирёбӣ ва рушди худ мебошад. Имруз ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила муҳим ҳисобида мешавад.

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва амалияи омузиши масъала дар МТТ ва оила **ба ошкор кардани як қатор ихтилофот мусоидат кард:**

1. ***Сатҳи иҷтимоӣ-педагогӣ:*** Талаботи давлатӣ оид ба зарурати рушди иҷтимоии кӯдакон ва нокифоя будани салоҳияти мураббиёну падару модар, ки оид ба ин масъалаҳои мубрам дониши кофӣ надоранд;

2. ***Сатҳи илмӣ-назариявӣ:*** Байни сатҳи баланди омӯзиши ҷанбаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон дар илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ ва норасоии моделҳои назариявӣ ва барномаҳои аз назари илмӣ асоснокшуда барои рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила.

3. ***Сатҳи илмӣ-амалӣ:*** Тафовут байни зарурати ташаккули самараноки хислатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон дар МТТ ва оила, ва норасоии методҳои амалӣ, технологичҳои педагогӣ ва воситаҳои ташхисии кофӣ таҳияшуда барои истифодаи доимии мунтазам аз ҷониби мураббиён ва падару модар.

Мухолифатҳои баррасишуда имкон доданд, ки мушкилоти тадқиқотро дақиқтар муайян карда, роҳҳои самараноки мувофиқ барои ташаккули сифатҳои зарурии иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони

томактабӣ пайдо карда шаванд.Таҳия ва коркарди нопурраи мушкилоти мубрам ба мавзуи таҳқиқот бо номи «*Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила*» оварда расонд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2023 дар мавзуи «Роҳу усулҳои муосири иҷтимоисозии насли наврас дар раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», талаботи асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»,Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва санадҳои дигар иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи илмӣ масъалаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур муайян намудани шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила, коркард ва асосноксозии барномаи корӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ, омӯзиши шароитҳои психологӣ ва педагогӣ барои амалисозии самараноки барнома ва амсилаи коркардшуда дар МТТ ва оила мебошад.

Мақсади таҳқиқот: асосноккунии назариявии проблемаи таҳқиқот, коркард ва таъмини шароитҳои педагогии амалисозии самараноки барномаи корӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҳамкории МТТ ва оила равона шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот: Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- гузаронидани таҳлили назариявӣ ва методологии адабиёти психологӣ-педагогӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила;

- муайян ва асосноккунии назариявии шароитҳои равонӣ-педагогӣ, ки татбиқи самараноки амсилаи таҳияшудаи «Тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила» ва Барномаи кории «Ман, мо ва дигарон» мувофиқро бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ таъмин менамоянд.

- коркарди барномаи дастгирии педагогии волидон, ки ба баланд бардоштани салоҳияти педагогии онҳо ва тақвияти ҳамкории байни МТТ ва оила дар ҷараёни рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ нигаронида шудааст;

- коркард ва асосноккунии меъёрҳо ва санҷиши таҷрибавии самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоии таҳияшуда, барнома ва шароитҳои педагогии муайяншуда.

Объекти таҳқиқот: раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила, ки татбиқи самараноки амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ «Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар МТТ ва оила» ва Барномаи корӣ «Ман, мо ва дигарон» таъмин мекунанд.

Фарзияи таҳқиқот. Рушди **с**амараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин мегарданд, ки агар:

- раванди рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ба равишҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшудаи равонӣ-педагогӣ такя менамоянд, ки хусусиятҳои синну солии кӯдакон ва имкониятҳои ҳамкории МТТ ва оиларо ба эътибор мегиранд;

- амсилаи сохтори муҳтавоӣ «Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар МТТ ва оила» дар МТТ ва оила таҳия ва татбиқ карда мешавад, ки ҷузъҳои бо ҳам алоқаманди мақсаднок, муҳтавоӣ, методологӣ ва натиҷавиро дар бар гирифта, яклухтӣ ва мутассилии равонди педагогиро таъмин менамоянд;

- шароитҳои педагогии мувофиқ барои татбиқи самараноки барномаи кории «Ман, мо ва дигарон», ки истифодаи техологияҳои муосири педагогӣ ва ҳамкории якҷояи мураббиён ва волидонро дар бар мегирад, таъмин ва амалӣ мегардонанд;

- баланд бардоштани салоҳияти равонӣ-педагогии мураббиёну волидлн бо фарогирии ҷанбаҳои шахсиятӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ анҷом дода мешаванд, то ки иштироки фаъолонаи онҳо дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин гардад.

- системаи арзёбии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия карда мешавад: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дараҷаҳои инкишофро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки болоравии натиҷаҳо ба таври шаффоф арзёбӣ ва шароити педагогӣ муайян карда шавад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд баргузор карда шуд:

Марҳилаи аввал - ҷустуҷӯӣ-назариявӣ (солҳои 2019-2020):

Омӯзиши адабиёти гуногун, ки ба мавзуи баррасишаванда дахл доранд; интихоби муҳимтарин равишҳои назариявӣ ва методологӣ, ки барои кор аҳаммият доранд; шиносоӣ бо мавзуи асосии таҳқиқоти дарпешистода ва гузоштани фарзияҳо; гузаронидани таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои муҳимтарини бадастомада, баррасии шароитҳои зарурӣ, ки барои таҳияи амсила заруранд; интихоби роҳу воситаҳо барои кори дарпешистода.

Марҳилаи дуюм таҷрибавӣ-амалӣ (2020-2022): Кор бо барномаи таҳияшудаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила; баррасии сатҳи мавҷудаи салоҳияти

мураббия ва падару модар, ки барои масъалаи баррасишаванда муҳим аст; гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ.

Марҳилаи сеюм - ҷамъбастӣ (2022-2025) таҳлили маълумоти бадастомада пас аз озмоиши гузаронидашуда ва кор бо онҳо; омӯзиш ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада; таҳияи хулосаи умумӣ ва ба расмият даровардани таҳқиқот ҳамчун кори диссертатсионӣ.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти фалсафӣ оид ба ҷанбаҳои тарбияи инсон, муқаррарот дар бораи ягонагии фаъолияти муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, моҳияти иҷтимоии шахс, муқаррароти фалсафӣ барои рушди мутаносибу ҳаматарафаи шахс дар бар гирифтанд.

Ҳамчунин, муносибатҳои асосии зерин ҳамчун асосҳои методологии таҳқиқот хизмат карданд:

- системавӣ (Б. Г. Ананев, В. А. Сластенин);
- ба шахсият нигаронидашуда (Е. В. Бондаревская, О. С. Газман, В. А. Сластенин); олимони тоҷик
- салоҳиятнокӣ (Х. Лютсина, К. Роҷерс, А. В. Хуторская), ки дар шакли салоҳияти иҷтимоии кӯдакон ва падару модар пешниҳод шудааст;
- субъектӣ-фаъолиятӣ (К. А. Абулханова-Славская, О. А. Ленглер, Н. Н. Поддяков, В. И. Слободчиков, Т. П. Симакова, О. В. Суворова).

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро осори муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, педагогҳо, файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносон роҷеъ ба имкониятҳои истифодаи ҳамаи воситаҳои таълиму тарбия дар омода намудани мураббиёну падару модар ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии насли наврас, таҷрибаи пешқадами мураббиён, муассисаҳои томактабӣ ва ҷомеа дар таълиму тарбия, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳқиқот ба принсипҳо ва мафҳумҳои зерин асос ёфта буд:

- мафҳуми рушди иҷтимоӣ ҳамчун раванди мақсадноки тарбиявӣ, ки ба насли наврас нигаронида шудааст;

- принсипҳои назарияи тарбияи оилавӣ;

- ғояҳое, ки ба ташаккули ангезаи инфиродӣ ва фаъолияти мустақилона нигаронида шудаанд;

- мафҳумҳои фаъолнокии шахс ва инъикоси шахсияти як нафар дар шахсияти дигар;

- мафҳуми муносибатҳои байнишахсӣ;

- ғояҳо оид ба ташаккули муносибатҳои «субъект-субъект», ки дар раванди муошарати ҳаррӯзаи байни волидон ва фарзандон ба вуҷуд меоянд;

- мафҳумҳои ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ бо оила ҳамчун муҳити асосии рушди кӯдак.

Сарчашмаҳои маълумот асарҳои файлсуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва педагогҳо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, осори бунёдии мутафаккирони бузурги тоҷику форс, классикони адабиёти дигар халқу миллатҳо таҳқиқоти олимон дар соҳаи тарбия ва ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии насли наврас, ҳуҷҷатҳои раҳнамоии (директивии) соҳаи маориф мебошанд.

Заминаҳои эмперикии таҳқиқот. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда, омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи

пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди рушди сифатҳои иҷтимоии насли наврас; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ - таҳлили ҳуҷҷатҳои дастурӣ, омӯзиши фаъолияти педагогии мураббиёну падару модарон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, кори озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои арзёбии ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатию миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №59 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, №52 ноҳияи Фирдавсӣ , №1-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва №7-и шаҳри Турсунзода гузаронида шуд.Дар марҳилаҳои тадқиқот дар баргузории корҳои озмоишӣ 150 нафар кӯдакон иштирок намуданд. Дар марҳилаи ниҳоӣ 60 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб), 6 нафар мураббияҳои таҷрибадор, 50 нафар падару модар иштирок намуданд. Пас аз ташкили гурӯҳҳои озмоишӣ (30 нафар) ва назоратӣ (30 нафар) барои гузаронидани корҳои минбаъдаи таҷрибавӣ-озмоишӣ шароити зарурии педагогӣ фароҳам оварда шуд. Сипас, усулҳо ва методикаҳои мувофиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб ва татбиқ карда шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

1. Аз ҷиҳати назариявӣ мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила таҳлил гардида, шароитҳои педагогии амалисозии он муайян карда шуд;

2. Шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ошкор ва асоснок карда шуданд.

3. Дар ин замина амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳамкории МТТ ва оила таҳия ва назаиявӣ асоснок гардид.

4. Дар сохтори шароитҳои педагогӣ низоми ҳамкории байни мураббиён, волидон ва кӯдакон асоснок карда шудааст, ки ба ташаккули арзишманди кӯдак нисбат ба худ, дигарон ва фаъолияти муштарак равона гардидааст.

5. Барномаи кории “Ман, мо ва дигарон” таҳия гардид, ки ҳамкории ҳамаҷонибаи мурббиёну волидон ва истифодаи технологияҳои педагогии ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон нигаронидашударо пешбинӣ менамояд.

6. Низоми арзёбии сатҳи инкишофи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия шудааст, ки барои баҳодиҳии самараноки татбиқи амсилаи таҳияшуда, барномаи корӣ ва шароитҳои педагогӣ имконият медиҳад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Исбот карда шудааст, ки сифатҳои иҷтимоӣии кӯдакони синни калони томактабӣ маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки сатҳи инкишофи иҷтимоиро тавсиф мекунанд. Сифатҳои иҷтимоӣ дар мегиранд: фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, қобилияти танзими рафтори иҷтимоӣ ва имконияти ҳамкорӣ ва муошират.

2. Муайян гардидааст, ки барои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ таҳия гардад. Ин амсила низоми яклухти ҷузъҳои бо ҳам алоқаманд – ҳадафманд, муҳтавоӣ, методлогӣ ва натиҷагириро дар бар мегирад, ки пайдарпайӣ ва хусусияти мақсадноки раванди рушди сифатҳои иҷтимоиро таъмин менамоянд.

3. Собит шудааст, ки рушди самараноки сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути маҷмуи шароити педагогӣ таъмин карда мешавад. Баланд бардоштани мақсадноки салоҳияти

равонӣ-педагогии мураббиён ва волидон омили муҳим дар рушди самараноки ин сифатҳо ба шумор рафта, ҳамоҳангсозии равишҳои педагогии МТТ ва оиларо тақозо мекунад.

4. Асоснок карда шудааст, ки низоми таҳияшудаи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди сифатҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, то динамикаи рушди онҳо дар кӯдакони синни калони томактабӣ муайян ва самаранокии татбиқи модели сохторӣ-муҳтавоӣ, баномаи корӣ ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ ба таври объективӣ арзёбӣ карда шавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот:

• таҳлили мушкилоти мавҷуда ва кор бо маълумоти иловагӣ дар бораи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта;

• кор бо мафҳумҳои гуногун, масалан, бо сифатҳои иҷтимоӣ, ҳамкории субъект-субъектии мураббиёну падару модар бо кӯдак дар МТТ ва оила, салоҳияти мураббиёну падару модар;

• таҳияи сифатҳои иҷтимоӣ барои зуд муайян кардани тағйирот дар рушди кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта;

• муайян кардани сатҳи салоҳияти мураббия ва падару модар, ки барои рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта муҳим аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот:

• амсилаи сохторӣ-мазмунӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта ташаккул дода шаванд ва он метавонад, дар муассисаҳои таълимии томактабӣ истифода шавад;

• кор бо барномаи дастгирии падару модар, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон таъсир мерасонанд, метавонад аз ҷониби мураббиён ва равоншиносони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми омода кардани барномаҳои гуногуни дастгирии педагогӣ истифода шавад, ки ин махсусан ҳангоми рафтори ғайриҷамъиятии кӯдакон муҳим аст;

• интихоби воситаҳои арзёбии мувофиқ, ки ба туфайли онҳо сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон баҳо дода мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усулҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии назариявии низоми таҳияшудаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ зимни баргузории чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ дар шароити муосир таъмин мегардад.

Ҳамчунин, омилҳои зерин мавҷуданд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд:

• равишҳои методологӣ, ки ба ҳалли мушкилот бо такя ба маълумоти гуногуни илмӣ, ки аз фалсафа, педагогика ва дигар илмҳо гирифта шудаанд, имкон медиҳанд;

• усулҳое, ки ба мушкилот, ҳадафҳо ва вазифаҳои раванди таҳқиқот комилан мувофиқанд;

• усулҳои санҷидашуда, ки ба ташхиси дақиқи сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қароргирифта, мусоидат мекунанд;

• муайян намудани динамикаи мусбати рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ , ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд;

• назорати тағйироти мусбати муносибатҳо, ки дар МТТ ва оилаҳои пурра байни фарзандон ва падару модар ба вуҷуд меоянд;

- ташкили шахсии раванд;

- истифодаи усулҳои омори математикӣ.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ): аз он ҷумла, ба *банди 4.1.* – Назария, методика ва

методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; *банди 4.3.* – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; *банди 4.6.* - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва даврaҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот; омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии насли наврас дар шароити муосири муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии ибтидоӣ дар МТТ ва оила ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълиму тарбия дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила; таҳия ва тасвиби амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, барномаи рушди салоҳиятҳои мураббия ва падару модар, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои мураббиёну падару модар доир ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила .

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ - тарбиявии мураббиёну падару модар;

- ҳангоми гузаронидани суҳбату вохурӣ ва дигар тадбирҳо бо падару модар;

- дар конфронсҳои илмӣ - назариявӣ ва семинарҳо доир ба масъалаи таҳқиқшаванда;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- ҳангоми маърӯза ва суханрониҳо дар конфросҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Интишори натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 номгӯй интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, аз 192 саҳифа чопи компютерӣ иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 188 номгӯйро дар бар мегирад. Дар матни диссертатсия 17 диаграма 10 ҷадвал истифода шудааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛИИ РУШДИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ВА ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

1. Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакону хонандагони хурдсол дар адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ

Дар шароити имрӯза масъалаи рушди иҷтимоии насли наврас ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии маориф табдил ёфтааст. Ин масъала на танҳо барои илми педагогика аҳамияти назаррас дорад, балки дар раванди иҷтимоикунонии кӯдакон ва омодасозии онҳо ба ҳаёти мустақил нақши калидӣ мебозад. Дар ин маврид муҳаққиқ М.Мустафоқулов қайд мекунад: «Онҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ фаъолона ширкат варзида, мехоҳанд мустақилиятро ба даст оранд. Дар ин раванд, дар кӯдакон худшиносӣ ба вуҷуд меояд, ки онҳо кӣ будани худро, чӣ чизро дӯст доштан ва қадр кардани худро дарк мекунанд. Ин худшиносӣ барои ҳаёти муваффақонаи минбаъда хеле муҳим аст» [90, с.68].

Рушди иҷтимоӣ ва тарбия ҳамчун самти муҳими фаъолияти педагогӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баррасӣ гардида, маҳз дар ҳамин давра асосҳои шахсият, инчунин малака ва арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Дар адабиёти педагогӣ таъкид мешавад, ки рушди иҷтимоии барвақтии кӯдак заминаи асосии ташаккули шахсият мебошад: «Тарбия ва ба камол расонидани насли ояндасоз дар ҳама давру замон аз ташкили муҳити дурусти МТТ ва оила, ташаккули маърифати оиладорӣ сарчашма гирифтааст» [131,с.68].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар моддаи 14 «Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак» чунин омадааст: «Падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро доранд:

Зербанди 8) ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки кӯдак дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд» [8, с.11].

Олимони тоҷик М.Иззатова, Б.Маҷидова, Г. Ҷалолова низ бар он назаранд, ки маҳз дар синни томактабӣ асосҳои муошират, ҳамкорӣ, ҳамдардӣ ва масъулият шакл мегиранд, ки дар минбаъд ба рушди ҳамаҷонибаи шахс таъсири мустақим мерасонанд. Дар ҳамин давра кӯдак на танҳо малакаҳои иҷтимоиро азхуд мекунад, балки худидрок, эътимод ба қувваи шахсӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоиро низ инкишоф медиҳад. Аз ин ҷиҳат, таваҷҷуҳ ба рушди иҷтимоии кӯдак дар марҳилаҳои аввали ҳаёт барои ташаккули устувори шахсият аҳамияти хоса дорад.

Педагогҳои тоҷик Ф.Шарифзода ва А.Миралиев қайд менамояд, ки «Муҳит аз нуқтаи назари фаъолият бо он муайян мешавад, ки субъект дар кадом муҳит мебошад, тавассути чӣ тарзи ҳаёти ӯ ташаккул меёбад, ба инкишофи ӯ чӣ таъсир мерасонад? Тавассути бедор намудан, мадад расондан, имконият додан, таъсир расондан, яъне ғанӣ сохтан, солим гардондан» [122, с.92]. Ин андеша гувоҳӣ медиҳад, ки рушди иҷтимоӣ ва маънавии кӯдак дар робитаи зич бо фаъолияти амалӣ ва муошират ташаккул ёфта, таҷрибаи шахсии ӯро пайваста ғанӣ месозад.

Ба ақидаи як қатор олимони соҳаи педагогика ва психологияи рушд, аз ҷумла Л. С. Виготский, А. Н. Леонтев, Д. Б. Элконин, Л. И. Божович, инчунин олимони муосири тоҷик Б. Маҷидова, Л. М. Иматзода, Н.Юнусова ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ раванди мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, он асосан дар муҳити МТТ ва оила ва дар заминаи ҳамкории фаъоли падару модар бо кӯдак амалӣ мегардад.

Ҳамзамон, Б. Маҷидова таъкид менамояд, ки «хислати ҳаётдӯстӣ дар кӯдакон яке аз нишонаҳои боварӣ ба қувваю имкониятҳои шахсӣ ва эътимод ба одамони атроф мебошад» [71, с.104]. Нишон дода мешавад, ки кӯдак дар ин марҳила ба дастовардҳои муҳим ноил мегардад, аз ҷумла

азхудкунии нутқ ҳамчун воситаи муошират ва фаъолияти мустақил бо ашёҳо, ки дар рушди иҷтимоии ӯ нақши асосӣ мебозанд [72,с.160].

Бо такя ба муқаррароти назарияи рушди иҷтимоии шахсият (Л. С. Выготский), назарияи фаъолият (А. Н. Леонтев), инчунин идеяҳои муттасилии тарбияи томактабӣ ва ибтидоӣ (Д. Б. Элконин,) дар таҳқиқоти илмии онҳо чунин инъикос ёфтаанд. А. Н. Леонтев қайд мекунад, ки: «МТТ ва оила ҳамчун муҳити асосии иҷтимоишавии шахс баррасӣ мешавад, ки арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеаро ба наслҳои оянда интиқол медиҳад». [60, с.12]. Х.Раҳимзода қайд меккунад, ки «Оила – мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як шахс мебошад. Дар оила шахс тарбия ёфта, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил омода мегардад ва ба камол мерасад» [103, с.12].

Муҳаққиқ Л. В. Коломийченко изҳор кардааст, ки: «Рушди иҷтимоӣ раванди динамикӣ ва доимии азхудкунии арзишҳои фарҳанги иҷтимоӣ буда, дар ҷараёни иҷтимоикунонӣ, фардикунонӣ ва фарҳангсозӣ амалӣ мегардад ва бо тағйироти миқдорӣ ва сифатии пайвастшавӣ ба намудҳои гуногуни фарҳанги иҷтимоӣ тавсиф мешавад» [53,с. 99].

Азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамзамон бо ҷамъшавии таҷрибаи иҷтимоии кӯдак сурат мегирад. Дар натиҷа, ӯ дар ҷомеа ба натиҷаҳои муайян ноил гардида, малакаҳои навро инкишоф медиҳад, ки фаъолияти ӯро самараноктар месозанд. Чунин рушди иҷтимоӣ тавассути тарбияи иҷтимоӣ амалӣ шуда, ҳамчун ҳамкории мақсаднок ва муассир байни кӯдак ва муҳити иҷтимоӣ баррасӣ мегардад.

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлатӣ, аз қабили «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9], Стандарти рушд ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ)» [10] рушди иҷтимоӣ-коммуникативӣ ва маънавӣ-ахлоқии кӯдак ҳамчун самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ муайян гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки дар раванди таълим ва тарбия на танҳо ба азхудкунии дониш ва малакаҳои маърифатӣ, балки ба рушди сифатҳои муҳими иҷтимоӣ, аз қабили субъектӣ (қобилияти мустақил будан ва қабули қарорҳо), эҳсосӣ (қобилияти дарк ва идораи эҳсосот), ва коммуникатсионӣ (қобилияти муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон) низ таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта

тарбия карда шавад, ки қодир аст дар ҷомеа фаъолона иштирок намуда, муносибатҳои солимро барқарор намояд (ниг. ба ҷадвали 1)

Ҷадвали 1

Самтҳои мақсадноки рушди иҷтимоӣ тибқи
Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ

Самтҳои мақсаднок аз рӯи Стандартҳои давлатии таҳсилотиумумӣ	Стандарти томактабӣ	Сифат	
		Иҷтимоӣ	**Субективӣ**
Ташаббус ва мустақилият на танҳо дар як шакл, балки дар ҳолатҳои гуногун зоҳир мегарданд: гоҳе дар бозӣ, ки кӯдак озодона андеша мекунад, гоҳе дар муошират, ки фикрашро мустақилона баён мекунад. Дар раванди омӯзишу таҳқиқ низ ин сифатҳо равшан эҳсос мешаванд, зеро шахс кӯшиш мекунад худ роҳи ҳалли масъаларо пайдо намояд. Ҳатто дар фаъолияти созандагӣ ҳам ин ҳолат ба хубӣ дида мешавад. Ба назари ман, маҳз ҳамин гуногунрангии зоҳиршавӣ нишон медиҳад, ки ташаббус ва мустақилият то чӣ андоза барои рушди шахсият муҳиманд.	Мавқеи фаъоли ҳаёт ва ниёз ба худтаъминкунӣ, ташаббускорӣ инкишоф ёфтааст.	Фаъолнокӣ	+
		Ташаббускорӣ	+
Қодир аст мустақилона интихоб кунад, ки ба кадом намуди машғулият машғул шавад ва бо кӣ дар фаъолияти муштарак иштирок намояд. Масалан, баъзан ӯ бозиро бо дӯстони наздикаш авлотар мешуморад, баъзан бошад, фаъолиятеро интихоб мекунад, ки бештар ба шавқу завқи шахсиаш мувофиқ аст. Ин гуна интихобҳо нишон медиҳанд, ки ӯ аллакай қобилияти қабули қарорҳои мустақилонаро инкишоф дода истодааст.	Мустақилият ва худидоракунӣ ташаккул ёфтааст	Мустақилият	+
Бо ҳамсолон ва калонсолон фаъолияти ҳамкорӣ мекунад, дар бозиҳои муштарак иштирок мекунад.	Ҳиссиёти дигаронро дарк ва ҳамдарди карда метавонад.	Қобилияти ҳамкорӣ	+

Таъкид ба рушди сифатҳои асосии шахсият дар стандартҳои таълимӣ, маънодор аст. Ин нишон медиҳад, ки ҳадафи таҳсилот танҳо ба додани донишҳои мушаххас маҳдуд намешавад. Баръакс, масъала дар тарбияи шахсияти комилҳуқуқ меистад шахсе, ки на танҳо медонад, балки мефаҳмад, таҳлил мекунад ва мустақилона қарор қабул карда метавонад.

Агар каме амиқтар назар кунем, чунин равиш ба он равона шудааст, ки инсон тавонад дар ҷомеа ҷойгоҳи худро пайдо кунад. Масалан, шахсе, ки дорои тафаккури интиқодӣ ва ҳисси масъулият аст, осонтар ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешавад ва фаъолона иштирок мекунад. Дар ниҳоят, маҳз ҳамин гуна шахсият метавонад ба рушди ҷомеа саҳми воқеӣ гузорад, на танҳо ҳамчун истеъмолкунанда, балки ҳамчун иштирокчии фаъол ва созанда. В. В. Халикова, бо ҷудо кардани ҷузъҳои арзишӣ, иродавӣ ва танзимкунанда дар сифатҳои субъективии кӯдак, нишон медиҳад, ки рушди иҷтимоӣ чи қадар мураккаб ва бисёрҷанба аст.

Ҷузъи арзишӣ аз ташаккули арзишҳо, идеалҳо ва эътиқодҳои кӯдак шаҳодат медиҳад, ки ба ӯ дар худмуайянкунӣ ва худтанзимкунӣ дар фаъолият ва муносибат бо атрофиён ёрӣ мерасонанд. Ҷузъи иродавӣ ба қобилияти идоракунии бошууронаи рафтор ва фаъолият равона шудааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои муҳимми шахсӣ зарур аст. Ҷузъи танзимкунанда бошад, огоҳӣ ва танзими мустақилонаи ҳудуди муносибати шахс бо муҳити иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ин барои мутобиқшавӣ ва муваффақият дар ҷомеа муҳим аст. Ҳамин тариқ, рушди ҳамаҷонибаи ин ҷузъҳо ба ташаккули шахсияти муваффақ ва мутобиқ мусоидат мекунад.

Аксари олимон рушди самараноки иҷтимоии кӯдаконро тавассути сифатҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёфта тавсиф мекунанд (О. Ф. Борисова, И. А. Дядюнова, Л. В. Коломийченко, А. М. Шетинина). А. М. Щетинина нишондиҳандаҳои иҷтимоии зеринро дар кӯдакони томактабӣ ҷудо мекунад:

- «рушди қобилиятҳои иҷтимоӣ-коммуникатсионӣ;
- худбаҳодиҳӣ;
- арзёбии арзиши шахсӣ;
- сатҳи мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ»[125, с.28].

Дар идома А. М. Щетинина дар тавсифи рушди некӯаҳволии иҷтимоии кӯдак хусусиятҳои зеринро қайд мекунад:

«- вокуниш ба эҳсосоти дигарон;

- дарки ҳолати эҳсосӣ;
- ҳамдардӣ;
- худшиносии мусбат;
- эътимод ба худ;
- мустақилият;
- фаъолият;
- малакаҳои худтанзимкунӣ;
- қабули гурӯҳ;
- муоширати кофӣ;
- зеҳни иҷтимоии рушдёфта» [125,45].

А. Маслоу салоҳияти ибтидоии иҷтимоиро натиҷаи рушди иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ шуморида, изҳор кардааст, ки «Салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун сифати интегралии шахсият, ки имкон медиҳад кӯдак аз беназирии худ огоҳ бошад, худшиносӣ ва худтанзимкунӣ дошта бошад ва ҳамчунин худро як узви ҷомеа эҳсос намуда, муносибатҳо барқарор кунад, манфиатҳои дигаронро ба назар гирад ва масъулиятро ба дӯш гирад. Меъёрҳои арзёбии рушди иҷтимоӣ мустақилият, худсарӣ ва ҳамкорӣ мебошанд» [82,с.39].

Ба ақидаи муҳаққиқ Е.Носова таъкид кардааст: «Салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ натиҷаи рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад. Ин истилоҳ ҳамчун қобилияти сари вақт ҳал кардани вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ ва омодагии ҳамкорӣ бо дигарон

фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ ин қобилияти мутобиқ шудан ба ҷомеа, эҳтироми фарҳангҳои гуногун ва доштани малакаҳои муоширати муассир аст. Ин салоҳият ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосир бомуваффақият амал кунанд ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ саҳм гузоранд» [92, с.110].

Муҳаққиқ А.А. Толмачева, Л.В.Колоймиченко ҷузъҳои асосии салоҳияти иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро хеле дақиқ муайян кардааст. Ӯ бар он назар аст, ки:

«- коммуникативӣ - рушди нутқ, ҳамчун роҳи муносибат бо одамони дигар;

- маърифатӣ - муаррифии кӯдак дар бораи меъерҳои рафтори иҷтимоӣ;

- ҷузъи рефлексивӣ - намунаҳои рафтори худро пайгирӣ ва танзим кардан;

- рафторӣ - намунаҳои рафтор дар асоси интериоризатсияи меъёрҳо ва қоидаҳо;

- аксиологӣ - пур кардани меъерҳои иҷтимоӣ бо маънои арзиши шахсӣ» [53, с.117].

Дар идома Л. В. Коломийченко таъкид кардааст: «Дар синни томактабӣ ва ибтидоӣ мо метавонем танҳо дар бораи пешгӯиҳои ташаккули салоҳият сухан ронем ва чунин хусусиятҳои асосии шахсиятро ҷудо кунем: салоҳият, эҷодкорӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, масъулият, амният, озодии рафтор, худшиносии шахс, қобилияти худшиносӣ. Рушди иҷтимоии кӯдакон ҳатман ҷанбаҳои маърифатӣ, эҳсосӣ-ҳиссиётӣ ва рафториро дар бар мегирад»[53, с.112].

Рафтори кӯдак ва сифатҳои иҷтимоии ӯ натиҷаи рушди иҷтимоӣ мебошанд, ки азхудкунии меъёрҳо, муносибатҳо ва муоширатро дар бар мегирад.

Сифатҳои иҷтимоии фаъолият, ташаббус, мустақилият, худсарӣ, қобилияти ҳамкорӣ, худбаҳодиҳӣ ва рӯҳияи мусбати эмотсионалӣ аз рушди бомуваффақияти иҷтимоии кӯдакон шаҳодат медиҳанд.

Ин сифатҳоро мушаххастар баррасӣ мекунем.

Фаъолият - талаботи дохилии шахс барои азхудкунии воқеият аст (В. Д. Неблитсин), ки дар кунҷкобӣ зоҳир мешавад (Б. Г. Ананев, Н. Н. Поддяков) ва бо ангеза, мақсад ва ҳамкорӣ алоқаманд аст (В. Л. Хайкин). Н. Н. Поддяков ба ду намуди фаъолияти кӯдакон диққат медиҳад. Якум, ин вақте аст, ки кӯдак мустақилона, бо ихтиёри худ амал мекунад. Дуюм, ин аст, ки калонсолон онҳоро бо нармӣ ба амалҳои муайян водор, ҷалб ва роҳнамоӣ мекунанд.

Ташаббус - дар доираи анъанаи илмӣ, ду назари ба ҳам наздик, вале на якхела дар бораи ташаббус мавҷуданд. М.Б.Бим-Бад ҷанбаи амалии онро чунин таъкид мекунад, ки: «қобилияти муқаррар кардани мушкилоти нав ва ёфтани роҳҳои ҳал» [27,с.49]. А. Н. Поддяков ҷанбаи эҷодиро таъкид мекунад: «барои ӯ, ташаббус як равиши фаъол ва ҷустуҷӯӣ ба ҷаҳон аст, вақте ки шахс на танҳо барои амал кардан, балки барои кашф, ихтироъ ва ба даст овардани натиҷаҳо кӯшиш мекунад.. Ташаббус бо фаъолнокӣ ва кунҷкобӣ алоқаманд буда, дар сесолагӣ ба вуҷуд меояд ва дар шароити муносибати ба шахс нигаронидашуда ва дастгирии калонсолон бомуваффақият рушд мекунад» [100, с.44].

Мустақилият - ин қобилияти шахс барои амал кардан ва қарор қабул кардан бидуни кӯмаки дигарон аст. Мустақилият бо қобилияти дарк кардани манфиатҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва муайян кардани ҳадафҳои рафтор алоқаманд аст.

Рафтори ихтиёрӣ ё озодона - ин қобилияти худидоракунии рафтор тибқи қоидаҳост, ки дар банақшагирӣ, риояи меъёрҳо, иҷрои дастурҳо ва интизом зоҳир мешавад. Дар синни томактабӣ, мо бештар хислатҳои рафтори иҷтимоӣ ва риояи қоидаҳоро мушоҳида мекунем, на рафтори комилан озодона.

Ҳамкорӣ – муштарак бо ҳамсолон ва дигарон амал кардан, малакаҳои ҳамкорӣ рушд мекунад, ки онро ар фаъолиятҳои кӯдак бо дигарон мушоҳида кардан мумкин аст.

Худбаҳодиҳӣ - ин огоҳии шахс аз худ аст: сифатҳо, қобилиятҳо ва ҷойгоҳи ӯ дар байни дигарон. Г. А. Прохорова худбаҳодиҳиро чунин шарҳ медиҳад, ки «худбаҳодиҳӣ ин танзимгари рафтор амал мекунад: ба он таъсир мерасонад, ки шахс чӣ гуна муносибатҳоро бо дигарон барқарор мекунад, танқидро қабул мекунад, интизориҳои худро муқаррар мекунад, ба муваффақият ва нокомиҳо вокуниш нишон медиҳад. Ин, дар навбати худ, хусусияти фаъолият ва рушди ояндаи шахсии шахсро муайян мекунад» [101,41].

Муносибати мусбати эҳсосотӣ - ин муносибати мусбати эмотсионалӣ ба одамон, ашёҳо, табиат ва фаъолиятҳо мебошад. Ин сифат кӯдаконро ба рушд ҳавасманд карда, муваффақияти онҳоро таъмин мекунад (Ш.А. Амонашвили, Н.М. Крилова, К. Роҷерс ва дигарон).

Нишонаҳои аввалини мустақилият дар давраи буҳрони сесола (пайдоиши «Ман худам») мушоҳида шуда, худшиносии муносиб дар синни 6-7 солагӣ ташаккул меёбад.

Сифатҳои иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманд буда, ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Ҳангоми баррасии онҳо ҳамчун система, ҳамоҳангсозӣ муҳим аст. Рушди иҷтимоии кӯдак аз омилҳои беруна ва дохилӣ (иҷтимоӣ ва биологӣ, психологӣ) вобаста аст. Омилҳои дохилӣ ирсият ва хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ мебошанд. Омилҳои беруна мега-, макро-, мезо- ва микроомилҳоро дар бар мегиранд.

Б.Маҷидова дар китоби худ «Педагогикаи томактабӣ» (2015) қайд мекунад, ки «ташаккулёбии сифатҳои шахсии кӯдак масъалаи муҳими психологияи бачагона ва педагогикаи томактабӣ буда, он дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ таъмин мегардад» [73, с.125].

Рушди иҷтимоӣ инчунин аз муҳити иҷтимоӣ, аз қабили МТТ ва оила, дӯстон, ҳамсояҳо ва институтҳои таълимӣ вобастагии калон дорад. Таъсири ин муҳитҳо ба ташаккули шахсияти кӯдак, арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Тибқи таҳқиқоти Л.С. Виготский, «рушди иҷтимоӣ тавассути муошират бо дигарон, бахусус калонсолон ва ҳамсолон ба амал меояд, ки онҳо нақши дастгирӣ ва роҳнаморо мебозанд» [31,с.18].

Дар ҷараёни рушди иҷтимоӣ, кӯдак малакаҳои гуногуни муошират, ҳамкорӣ, ҳалли муноқишаҳо ва эҳсосотро азхуд мекунад. Ин малакаҳо барои мутобиқшавӣ ба ҷомеа, бунёди муносибатҳои солим ва фаъолияти муваффақона дар гурӯҳҳо муҳиманд. А.В.Минина таъкид мекунад: «Худшиносии кӯдак тавассути нақшбозӣ ва тақлид ба дигарон ташаккул меёбад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки меъёрҳо ва интизориҳои иҷтимоиро дарк кунад»[149, с. 43]

Раванди рушди иҷтимоӣ як раванди динамикӣ ва мураккаб аст, ки дар тули тамоми давраи кӯдакӣ ва наврасӣ идома меёбад. Дар ин давра, кӯдак бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мешавад, аз қабили мутобиқ шудан ба қоидаҳои нав, бунёди муносибатҳои солим ва муайян кардани шахсияти худ. Муваффақияти рушди иҷтимоӣ аз омилҳои гуногун вобаста аст, аз ҷумла дастгирии волидайн, муҳити мусоиди таълимӣ ва имкониятҳои муошират бо ҳамсолон.

Дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавон таъкид намуд, ки МТТ ва оила ҳамчун як микрофактори муҳими таъсиррасон ба рушди кӯдак баромад мекунад ва он на танҳо муҳити аввалини иҷтимоии кӯдак аст, балки ҳамчун муассисаи асосии иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият нақши калидӣ мебозад, зеро маҳз дар ҳамин муҳит асосҳои арзишҳо, рафтор ва муносибатҳои иҷтимоӣ гузошта мешаванд. А. В. Мудрик, Н. В. Шелгунов, А. С. Спиваковская, В. А. Сухомлинский, Т. А. Маркова, Г. А. Кантемирова). В. А. Сухомлинский

қайд мекунад, ки: «Дар МТТ ва оила решаҳо гузошта мешаванд, ки аз онҳо баъд шохаҳо, гулҳо ва меваҳо мерӯянд» [115,50].

Аҳаммияти ҳамкории МТТ ва оила ҳам барои худи он ва ҳам барои ҷомеа аз ҷониби А. Н. Ганичева, О. Л. Зверева, А. Н. Леонтев, В. А. Сухомлинский, Н. В. Шелгунов ва дигарон таъкид шудааст. Рушди иҷтимоии кӯдак дар МТТ ва оила ба рушди кишвар таъсир мерасонад. Масъалаҳои имконоту иқтидори МТТ ва оила дар рушди кӯдакон дар таҳқиқоти Г. А. Кантемирова, В. В. Коробкова, Л. А. Метлякова, О. А. Немова, Т. П. Симакова баррасӣ шудаанд. Е.О.Смирнова қайд мекунад: «Неруи тарбиявии МТТ ва оиларо ҳамчун имкониятҳо ва захираҳои МТТ ва оила барои тарбияи фарзанд муайян мекунад, ки арзишҳо, захираҳои молӣ ва моддӣ, фазои психологӣ ва хусусиятҳои шахсии падару модарро дар бар мегирад» [110,с.61].

Дар қаринаи мазкур, МТТ ва оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, ки ба рушди шахсияти кӯдак таъсири мустақим мерасонад, баррасӣ мешавад. Муҳити МТТ ва оила, ки дар он кӯдак ба воя мерасад, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва малакаҳои иҷтимоии ӯ мусоидат мекунад. Бояд зикр кард, ки неруи тарбиявии МТТ ва оила ба имкониятҳои моддиву молӣ, муносибати байни аъзои МТТ ва оила, маърифатнокӣ ва фарҳанги падару модар иртибот дорад.

«Барои кӯдакони синни томактабӣ интизомнокӣ ин маҳорат ва қобилияти иҷро намудани талаботҳои калонсолон, падару модар, мураббия мебошад. Дар натиҷа зарурияти иҷрои ин талаботҳоро мунтазам аз худ менамоянд» [72,с.68] - қайд намудааст Б.Маҷидова

Муносибатҳои гарму самимӣ дар МТТ ва оила , дастгирии эҳсосӣ ва фаҳмиши ҳамдигар ба рушди мутавозини шахсияти кӯдак мусоидат мекунад. Баръакс, муҳити МТТ ва оила , ки дар он низоъҳо, беэътиноӣ ва зуроварӣ ҳукмрон аст, метавонад ба рушди равонӣ ва иҷтимоии кӯдак таъсири манфӣ расонад. Ин ҳолат зарурати таҳкими МТТ ва оила ва расонидани кумаки психологӣ ва педагогӣ ба МТТ ва оилаҳои дар

ҳолати душвор қарордоштаро ба миён меорад. Фарзандро аз хурдӣ талқин намоянд аз илму дониш баҳравар гарданд. Қарзи ҳар як падару модар ба фарзандон, албатта ин молу сарват нест, балки тарбияи ахлоқу одоб мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқ А.А.Бодалев, ки чунин қайд кардаанд «МТТ ва оила бояд ғояи ватандустӣ, хештаншиносӣ ва амсоли онҳоро дар кӯдакон тарбия намуда, пеш аз ҳама бо ин мақсад дар онҳо нисбат ба меҳнати ҷамъиятӣ муносибати ҳаматарафа доштанро ташаккул диҳад.Супорида шудани намудҳои гуногуни меҳнат дар МТТ ва оила пеш аз ҳама мустақилият ва масъулиятнокиро дар кӯдакон тарбия менамояд.Танҳо дар натиҷаи ҳамин натиҷаи қобилияти бартараф намудани душворӣ дар кӯдак пайдо гардида, ташаббускорӣ дар онҳо ташаккул меёбад» [131, с.23].

Академик М.Лутфуллозода дар китоби худ “Фарзанд ҳадяи Худованд» таъкид менамояд: «Тарбияи кӯдак дар МТТ ва оила бояд ба меҳрубонӣ, фаҳмондан ва тадриҷ асос ёбад, на ба ҷазо»[68,с.8]. Тарбияи дар асоси ҷазо ба рушди равонӣ ва иҷтимоии кӯдак зарар мерасонад.

Педагоги барҷаста Б.Маҷидова таъкид намудааст: «Дар муносибатҳои дӯстонаи кӯдакони давраи калони томактабӣ дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд.Онҳо кӯшиш менамоянд мафҳуми ДУСТӢ-ро мувофиқи фаҳмиши худ шарҳ диҳанд. Ба монанди «дӯстӣ ин вақте, ки ҷанҷол намкунӣ», «бо рафиқат маслиҳат менамоӣ», «якҷоя нағз бозӣ мекунӣ», «вақте ки ба ту ёрдам мекунад» ва ғайраҳо кӯдакон ба сифатҳои ахлоқии ҳамсолон бештар диққат дода ба кирдору амалҳои якдигар баҳо медиҳанд, мехоҳанд ваҷҳҳои дӯстиро дониста гиранд.Доимӣ будани ҳисси дилбастагӣ ва дӯстии худро нишон диҳанд, якҷоя бозӣ намоянд, дар иду дилхушиҳо ҳамроҳ бошанд, дустиро қадру эҳтиром созанд»[74, с. 53].

Педагог О.В.Солодянкина чунин қайд кардааст, ки: «Дар МТТ ва оила ҳисси муҳаббат, эҳтиром, масъулият ва ҳамдигарфаҳмӣ ташаккул меёбад. Агар дар хона фазои солими ахлоқӣ ҳукмфармо бошад, фарзанд ҳамчун шахси боодоб, меҳрубон ва масъулиятшинос ба воя мерасад. Падару модар на танҳо бояд фарзандро таъмин кунанд, балки ӯро бо роҳи дуруст ҳидоят намоянд, меҳнати ҳалол, ватандӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва дӯст доштани илму донишро омӯзонанд» [112, с. 49]

Муаллифон С. А. Козлова ва Е. А. Аркин аҳаммияти ниҳоят бузурги муҳити наздикро таъкид мекунанд: «Зеро он дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши муҳим мебозад. МТТ ва оила ҳамчун муҳити иҷтимоӣ таъсири амиқ ва доимӣ мерасонад. Тарбияи МТТ ва оила аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки муносибатҳои байни калонсолон ва кӯдакон дар фазои эҳсосӣ ва муҳаббатомез сурат мегиранд. Ин муносибатҳо устувор ва давомдор буда, падару модар ва дигар аъзои калони МТТ ва оила ба кӯдак таъсири тарбиявӣ мерасонанд. Дар МТТ ва оила кӯдак арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳоро меомӯзад ва ин барои ҳаёти минбаъдааш замина мегузорад» [52, с.62]. «Давраи кӯдакӣ давраест, ки кӯдакро аз талабаи мактабхон, падару модар, мураббия ва дигар калонсони атроф бо вақту ҳудуди синнусолӣ, дониш, маҳорату малака, таҷрибаи зиндагӣ, мавқеи зиндагӣ ҷудо менамояд.Олами ботинии кӯдак ва калонсол сарҳад, ҳудуде дорад, ки онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунанд»[71,с.51]. – қайд кардааст Б.Маҷидова

Волидайн метавонанд барои кӯдак «идеали муҳими дигар» шаванд ва арзишҳои худро ба ӯ интиқол диҳанд. МТТ ва оила намунаҳои рафтори иҷтимоиро ташаккул дода, кӯдак дар он ҳаётро дар амал меомӯзад, малакаҳои меҳнатӣ, муошират ва ғамхориро аз худ мекунад. Иштироки кӯдак дар корҳои МТТ ва оила ӯро ба воқеияти зиндагӣ ворид сохта, меъёрҳои ҳамзистиро меомӯзонад. Ҳама рӯйдодҳои МТТ ва оила воситаи тарбияи кӯдак мегарданд. Таъсире, ки МТТ ва оила мерасонад, ягон ниҳоди дигари ҷомеа расонида наметавонад.

МТТ ва оила фазои асосии фардикунонии кӯдак буда, дар он паҳлуҳои инфиродии кӯдак ва ҷаҳони ботинии ӯ ба таври мукаммал ошкор карда мешаванд. Муҳаққиқи маъруфи рус Б.Т. Лихачев изҳор кардааст, ки: «Тарбияи коллективӣ, гарчанде ки ташаккули ҳар як шахсро дар назар дорад, аммо аз соҳаҳои нозуки ҳаёт ва шахсияти кӯдак мегузарад» [61, с.197].

МТТ ва оила ҳамчун микроҷамъият имкониятҳои беназири рушди иҷтимоии кӯдакро фароҳам меорад. Ба андешаи Л. М. Иматзода «Сохтор ва вазифаҳои фазои тарбиявии МТТ ва оила шароити асосии ташаккули шахсият ва рушди иҷтимоии кӯдакро муайян менамоянд. Шароити зисти кӯдак дар МТТ ва оила муҳити арзишманди иҷтимоӣ-педагогиро ба вуҷуд меорад ва барои ташаккули ӯ ҳамчун субъекти фаъолияти ҳаётӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми таҳлили фазои тарбияи МТТ ва оила ба сохтор ва вазифаҳои он диққат додан зарур аст» [137, с.69].

Бо дарназардошти тақсимоти нақшҳо дар МТТ ва оила сохтор ва мутобиқати инфиродии аъзои он фарқ мекунад. Л. Тимофеева муайян кардаанд, ки: «Нақш ҳамчун маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки шахс бояд дар як шароити муайяни иҷтимоӣ чӣ гуна рафтор кунад. Ба ибораи дигар, нақш як намунаи интизории рафтор дар як вазъияти муайян аст. Дар МТТ ва оила ҳар як узв нақши худро дорад (модар, падар, фарзанд ва ғайра), ки бо маҷмуи ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва интизориҳои муайян алоқаманд аст. Мувофиқати шахс ба нақши худ ва мутобиқати нақшҳои аъзоёни МТТ ва оила омили муҳими муҳити солими МТТ ва оила мебошад» [154, с.78].

Дар анъанаи илмӣ фаҳмиши нақши МТТ ва оила бар мафҳуми нақши иҷтимоӣ асос меёбад. Нақши иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи иҷтимоии шахс муайян карда мешавад, ки бо меъёрҳои муқарраршудаи иҷтимоӣ ва намунаҳои рафтор мувофиқ аст. Ин маънои онро дорад, ки нақши МТТ ва оила ҷузъи таркибии низоми васеътари нақшҳои иҷтимоии инсон мебошад ва ба арзишҳо, меъёрҳо ва интизориҳои ҷомеа такя мекунад. Ба

ибораи дигар, рафтори ҳар як узви МТТ ва оила на танҳо аз муносибатҳои шахсӣ, балки аз меъёрҳои иҷтимоие, ки дар ҷомеа шакл гирифтаанд, вобаста аст. Дар ин замина, педагоги маъруф Ю.Е. Алешина чунин таъкид мекунад: «нақши модар дар оила на танҳо бо муносибатҳои шахсӣ байни модар ва фарзанд муайян мегардад, балки бо тасаввуроти иҷтимоӣ дар бораи вазифа ва масъулияти ӯ низ алоқаманд аст. Ҳамин хусусият ба дигар нақшҳои оила, аз ҷумла падар, фарзанд ва дигар аъзои оила низ дахл дорад» [17,с.82].

Дар ҳамин замина С. Айнӣ чунин таъкид мекунад, ки: «тарбияи ахлоқии кӯдак аз синни барвақтӣ оғоз ёфта, муҳити оила ҳамчун асоси ташаккули шахсият хизмат мекунад [15, с 15].

Аз нигоҳи академик Ф.Шарифзода «Хонавода муҳимтарин мактаби урфу одат буда, дар ин ҷо инсон дар роҳу ташаккули ахлоқию сиёсии шахсият қадамҳои аввалин мегузорад. Фаъолияти густурдаи ҷамъиятии падару модар дар тарзи ҳаёти хонавода инъикос меёбад. Дар хонавода фарзандони аз ҷиҳати ғоявӣ эътиқодманд ба камол мерасанд. Дар мавриди таҳвили таҷрибаи ғоявии калонсолон ба хурдсолон анъанаҳои гуногун (оғозу анҷоми соли таҳсил, рӯзи камолот, гирифтани шиноснома ва ғ.) нақши бориз мебозанд» [122, с. 191].

Мазмун ва иҷрои нақшҳо бо меъёрҳои иҷтимоии қабулшуда танзим гардида, барои фаъолияти муштараки аъзои оила аҳамияти муҳим доранд. Сохтори нақшии оила бо тақсимоти вазифаҳо байни аъзоён ва принсипҳои муносибатҳо - ҳамкорӣ ё тақсими масъулият - тавсиф мешавад. Оилаҳое, ки сатҳи баланди ташкил доранд ва бо нишонаҳои коллективӣ (ҳадафҳои умумӣ, масъулият ва ҳамкории фаъол) фарқ мекунанд, барои рушди иҷтимоии кӯдакон шароити мусоид фароҳам меоранд.Ба андешаи мо ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар синни барвақт яке аз омилҳои асосии муваффақияти минбаъдаи шахсият ба шумор меравад.

Ю. Е. Алешина қайд менамояд, ки «ҳар як нақши дохилии оила барои таъмини фаъолияти устувори он ва қонеъ гардонидани ниёзҳои аъзои оила хизмат мекунад. Ба чунин нақшҳо инҳо дохил мешаванд:

Масъули таъминоти моддии оила - шахсе, ки манбаи асосии даромад буда, эҳтиёҷоти молиявии оиларо таъмин мекунад.

Соҳиби хона - шахсе, ки барои нигоҳдории шароити зист, тартиб ва оромии муҳити оила масъул аст

Ташкилкунандаи вақтхушӣ - шахсе, ки фароғат ва истироҳати оиларо ба роҳ монда, фазои мусбат ва ҳамдигарфаҳмиро тақвият медиҳад.

Ташкилкунандаи фарҳанги оила - шахсе, ки арзишҳо, анъанаҳо ва қоидаҳои дохилии оиларо шакл медиҳад ва нигоҳ медорад.

Масъули нигоҳ доштани робитаҳои хешутаборӣ - шахсе, ки муносибатҳоро бо хешовандон нигоҳ дошта, ҳамкории иҷтимоиро таъмин менамояд.

«Равонпизишк - шахсе, ки дастгирии эмотсионалӣ нишон дода, бо ҳамдардӣ ва маслиҳат дар ҳалли мушкилот кумак мерасонад. Масъули нигоҳубин ва тарбияи фарзанд - шахсе, ки нигоҳубини ҷисмонӣ ва эмотсионалии кӯдак, рушди ӯ ва омодагиашро ба ҳаёти мустақил таъмин менамояд» [17, с.122-134].

Кӯдакон дар оила вобаста ба синну сол, ҷинс ва мавқеи худ дар сохтори оила нақшҳои гуногунро иҷро мекунанд: кӯдак ҳамчун гирандаи ғамхорӣ ва муҳаббат, писар ё духтар ҳамчун давомдиҳандаи анъанаҳои оила, набера ҳамчун маркази таваҷҷуҳи бобою бибӣ, инчунин бародар ё хоҳар ҳамчун ҳамбозӣ ва ҳамкор.

Дар баъзе ҳолатҳо, дар муносибатҳои дохили оила падару модар ба кӯдак нақшҳоеро таҳмил мекунанд, ки мавқеи устувори ӯро ва оила муайян месозанд. Ин метавонад нақши парастор, қобилак ё гунаҳкор бошад. Чунин нақшҳо метавонанд ба рушди шахсияти кӯдак таъсири манфӣ расонанд, зеро онҳо имконияти рушди табиӣ ва мустақилияти ӯро маҳдуд месозанд.

Дар ҳамин замина, андешаҳои А. Форобӣ низ аҳаммияти тарбиявӣ доранд, ки қайд кардааст: «Ҳадафи тарбия дар синни аввалин – ба кӯдак фаҳмонидани арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва оила ҳамчун пойгоҳи асосӣ дар ин роҳ нақши ҳалкунанда дорад».

Иҷрои нақши иҷтимоӣ бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахс алоқаманд аст. Масалан, кӯдак ҳуқуқ дорад ба ғамхорӣ, муҳаббат ва таҳсил, аммо уҳдадор аст ба падару модар итоат кунад ва дар корҳои хона ба онҳо ёрӣ расонад. Сохтори нақшии оила ва вазифаҳои он хусусияти муҳимтарини оила маҳсуб меёбанд. Вазифаҳои оила метавонанд таъмини эҳтиёҷоти моддӣ, эмотсионалӣ, таълимӣ ва иҷтимоии аъзоёни онро дар бар гиранд. Иҷрои ин вазифаҳо барои фаъолияти муқаррарии оила ва рушди ҳамаҷонибаи аъзоёни он зарур аст Таҳлили сохтори оила ба мо имкон медиҳад, ки фаҳмиши ҳамаҷониба дар бораи тарзи кори системаи оила пайдо кунем. Ин таҳлил ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) Чӣ гуна вазифаҳои оила амалӣ карда мешаванд: Ин ба он дахл дорад, ки оила эҳтиёҷоти асосии аъзоёни худро, аз қабили ғизо, сарпаноҳ, либос, таҳсил, нигоҳубини тиббӣ ва дастгирии эмотсионалӣ чӣ гуна қонеъ мекунад. Оё вазифаҳо ба таври муассир тақсим ва иҷро карда мешаванд?

2) Ташкилкунанда ва роҳбар кист: Ин муайян мекунад, ки кӣ дар оила қарорҳои муҳимро қабул мекунад, захираҳоро идора мекунад ва самти умумии оиларо муайян мекунад. Оё роҳбарӣ мутамарказ аст ё байни якчанд аъзо тақсим шудааст?

3) Иҷрокунанда кист: Ин муайян мекунад, ки кӣ вазифаҳои мушаххасро дар оила иҷро мекунад, ба монанди пухтупаз, тоза кардани хона, нигоҳубини кӯдакон, таъмири хона ва ғайра. Оё вазифаҳо ба таври одилона тақсим карда мешаванд?

4) Тақсимоти масъулият ва вазифаҳо дар байни аъзои МТТ ва оила чӣ гуна аст? Вазифаю масъулият ва имкониятҳо чӣ гуна тақсим карда

мешаванд? Оё ҳангоми қабули қарорҳо андешаи ҳама ба назар гирифта мешавад? Оё дастрасии баробар ба захираву имкониятҳо вуҷуд дорад?

Бо таҳлили ин ҷанбаҳо, мо метавонем вазъу вусъати муносибатҳои МТТ ва оилавиро арзёбӣ кунем, мушкилоти эҳтимолиро муайян созем ва барои мустаҳкам кардани солимии МТТ ва оила ва беҳбудии аъзоёни он мудохила намоем.

Муҳимтарин таҳқиқот оид ба ҳамкории вазифавӣ-нақшавӣ дар МТТ ва оила натиҷаи корҳои олимони маъруф ба монанди А.И. Антонов, С. И. Голод, М. С. Матсковский, А. Г. Харчев ва дигарон мебошад, ки дар соҳаи ҷомеашиносӣ ва равоншиносии МТТ ва оила саҳми арзанда гузоштаанд. Ин таҳқиқот ба баррасии он равона шудаанд, ки чӣ гуна МТТ ва оила вазифаҳои гуногуни худро иҷро мекунад ва аъзоёни он чӣ гуна нақшҳоро иҷро мекунанд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки рӯйхати ягона ва ҳамагонӣ қабулшудаи вазифаҳои асосии МТТ ва оила вуҷуд надорад. Ҳар як муаллиф вобаста ба дидгоҳи консептуалии худ маҷмӯи вазифаҳоро пешниҳод намуда, онҳоро ба таври гуногун шарҳ медиҳад. Бо ин вуҷуд, аксари таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки вазифаҳои МТТ ва оила ба эҳтиёҷоти асосии аъзоёни он мутобиқ мебошанд.

Дар ин замина, муҳаққиқони соҳаи психологияи МТТ ва оила Э. Г. Эйдемиллер ва В. В. Юститскис таъкид менамоянд, ки: «МТТ ва оила як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоиро иҷро менамояд, аз ҷумла:

Вазифаи тарбиявӣ - интиқоли арзишҳо, меъёрҳо ва таҷрибаи иҷтимоӣ ба наслҳои оянда.

Вазифаи хоҷагидорӣ-маъмулӣ - фароҳам овардани шароити моддӣ барои зиндагии аъзоёни оила .

Вазифаи эҳсосотӣ - ташкили муҳити мусоиди эмотсионалӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ.

Вазифаи муошират маънавӣ - мубодилаи арзишҳо ва ақидаҳо миёни аъзоёни оила .

Вазифаи назорати аввалияи иҷтимоӣ - танзими рафтори аъзоёни оила мутобиқи меъёрҳои ҷомеа.

Вазифаи ҷинсӣ-эротикӣ - нигоҳ доштани муносибатҳои наздики ҳамсарон.

Ин вазифаҳо маҷмӯи асосии фаъолиятҳои оиларо инъикос намуда, вобаста ба шароити иҷтимоӣ метавонанд тағйир ёбанд» [127, с.45-47].

Ф.Шарифзода дар ин масъала чунин андеша дорад: «Нишонаи ҳамоҳангӣ дар хонавода чист? Нишонаи ҳамоҳангӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар хонавода муносибати гарму самимӣ вуҷуд дорад, аҳли он худро орому осуда эҳсос мекунанд, аз чизе тарзу ҳарос надоранд. Дар чунин хонавода муҳити хуби равонӣ мавҷуд мебошад» [121, с. 193].

Дар онҳо моҳияти иҷтимоии оила ва ҳамкории он бо ҷомеа инъикос меёбад (расми 1).



Расми 1. Низоми ҳамкории оила дар муҳити иҷтимоӣ

Дар муносибатҳои дуҷониба бо ҷомеа, ки тавассути мураббӣ амалӣ мешавад, кӯдак иҷтимоӣ мешавад, нақшҳои иҷтимоӣ ва намунаҳои рафторро азхуд мекунад, дониш, муносибатҳо ва меъёрҳоро дарк мекунад. МТТ ва оила фазо барои рушди иҷтимоӣ фароҳам меорад, меъёрҳоро меомӯзонад ва арзишҳоро ташаккул медиҳад. Бо ворид шудан ба робитаҳои иҷтимоӣ берун аз оила кӯдак бо фаъолиятҳои гуногун шинос шуда, мавқеи шахсӣ ва низоми арзишҳоро инкишоф медиҳад. Дохилшавӣ ба МТТ ӯро барои иҷрои нақшҳои дар оянда омода мекунад ва сифатҳои зарурии иҷтимоиро ташаккул медиҳад.

Дар осори мутафаккирони тоҷик низ нақши оила ҳамчун муҳити аввалини тарбия таъкид мегардад. Муҳаққиқ Ш.Шаропов қайд кардааст: «Тарбия бояд аз синни барвақт оғоз ёфта, МТТ ва оила дар ташаккули ахлоқ ва маънавияти кӯдак нақши ҳалкунанда дорад» [123, с.158].

Раванди иҷтимоишавӣ дар муҳити оила ва ҷомеа ба таври мутақобила ва пайваста амалӣ мегардад. Оила ҳамчун институти асосии иҷтимоишавӣ ба кӯдак арзишҳои умумиинсонӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва намунаҳои рафтори қабулшударо интиқол медиҳад. Дар ҳамин замина, муҳити МТТ ва оила ба ташаккули шахсият ва мутобиқшавии кӯдак ба ҷомеа мусоидат мекунад.

Академик Ф.Шарифзода ба он ақида мебошад:»Дар хонавода фарзандон ва калонсолон ҳамеша якҷоя ҳастанд, бо якдигар ҳамвора муошират ва маслиҳату машварат менамоянд, ки ин дар ташаккули симои ахлоқию маънавии онҳо таъсири амиқ мерасонад. Хонавода барои фарзанд муҳити табиии фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Маҳз дар ин ҷо фарзандон оид ба фарҳанги якҷоя зистан, кор кардан, душвориҳоро бартараф сохтан тасаввурот ҳосил менамоянд. Он дарси маънавию ахлоқие, ки фарзандон дар ин ҷо мегиранд, тамоми умр дар хотири онҳо нақш хоҳад баст» [122, с. 202].

Ҷараёни иҷтимоишавӣ берун аз оила дар муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ идома меёбад. Дар ин муҳитҳо фард малакаҳои нави иҷтимоӣ ва таҷрибаи муоширатро азхуд намуда, доираи муносибатҳои худро васеъ мегардонад. Иштирок дар фаъолиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ба ташаккули мавқеи шахсӣ ва низоми арзишҳои ӯ мусоидат мекунад.

Таъсири муҳити иҷтимоӣ метавонад ҳам мусбат ва ҳам мураккаб бошад. Дар раванди иҷтимоишавӣ фард ба мушкилоте, аз қабили номувофиқатӣ бо меъёрҳои ҷомеа ё муноқишаҳои арзишӣ дучор мегардад. Ҳалли чунин ҳолатҳо аз муҳити дастгиркунандаи оила , муносибати ҷомеа ва қобилияти мутобиқшавии худи фард вобаста мебошад.Аз ин рӯ, ба андешаи мо рушди иҷтимоии кӯдак ҳамчун раванди мураккаби ҳамгироии таъсири муҳити оила ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Олими тоҷик Х.Раҳимзода дар китоби «Маърифати оиладорӣ» масъалаи мазкурро ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, дар *боби 5* овардааст: «Одоби муносибат дар оила дар аввал оид ба хусусиятҳои оилаи ҷавон, муҳити психологӣ ва мушкилот дар оила, сипас муносибати зану шавҳари ҷавон ва чӣ гуна пос доштани эҳтироми волидон мавод пешниҳод шудааст, ки аз худ намудани он барои ҷавонон маҳз дар ин синну сол бамаврид ва муҳим ҳисобида мешавад»[103, с.216]. Дар боби 6 «Оила ва тарбияи фарзанд» марҳилаи дар тарбияи фарзанд масъул будани оилаи ҷавон мебошад. Дар бораи психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия ва вазифаҳои волидон нисбат ба фарзандон маводи таҳлилиро бо истифода аз иқтибосу мисраҳои шеърӣ аз ашъори шоирону нависандагон пешниҳод намудаанд.

Мутобиқшавии шахс ба ҷомеа ба тавозуни байни таъсири оила ва муҳити беруна асос меёбад. Ин мувозинат ба кӯдак имкон медиҳад, ки арзишҳои оилавиро нигоҳ дошта, ҳамзамон ба талаботи иҷтимоӣ мутобиқ гардад. Дар ин раванд, нақши падару модар ва мураббиён муҳим буда, онҳо дар қабули қарорҳои дуруст ва рушди иҷтимоии кӯдак таъсири назаррас мерасонанд.

Ҷалби кӯдак ба фаъолияти оила, аз ҷумла иҷрои вазифаҳои хонагӣ ва дастгирии ташаббуси ӯ, барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин раванд ба рушди сифатҳое, аз қабили эътимод ба худ, ҳамдардӣ, қобилияти ҳамкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва масъулият мусоидат менамояд.

М.Иззатова бар он андеша аст, ки «таъмин намудани ҳамкорӣ бо падару модар шарти муҳими тарбияи меҳнатии кӯдакон мебошад. Мавҷудияти талаботи ягона дар ва оила ва кӯдакистон ба ташаккулёбии маҳорату малакаҳои меҳнатӣ имконият медиҳад, ки иҷрои вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ таъмин гардад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки на ҳамаи падару модарон аҳаммият, вазифа, восита ва роҳу усулҳои тарбияи меҳнатиро медонанд» [47, с.31].

Иштироки тадриҷии кӯдак дар корҳои оила - аз иҷрои супоришҳои оддӣ то қабули ташаббусҳои мустақил - на танҳо малакаҳои амалӣ, балки системаи муносибатҳои ӯро бо худ ва муҳити атроф ташаккул медиҳад. Дар натиҷа, сифатҳои муҳими шахсӣ, аз ҷумла худбаҳодиҳӣ, эътимод ба қувваи худ, меҳрубонӣ, қобилияти ҳамкорӣ, ватандӯстӣ ва муносибати масъулиятнок ба фаъолият инкишоф меёбанд.

Дар китоби «Педагогикаи томактабӣ»-и Б.Маҷидова оварда шудааст:»Бояд тазаккур дод, ки дар синни барвақти вақти бачагӣ дар заминаи ба вуҷуд омадан ва инкишофёбии фаъолияти амалҳо бо ашёҳо бозиҳои мазмундори нақшофарӣ, фаъолиятҳои созандагароии (тартибдиҳии) сюжетӣ, бозӣ-инсенеровка, расмкашӣ, худхизматрасонӣ ва мураккабшавии фаъолияти амалҳо ва ашёҳо таъин мегардад» [73,с.168].

Дар асоси бозиҳои дидактикӣ З.Қурбонова қайд намудааст: «Бо кӯдакони 3-7 сола бошад бозии дидактикӣ як қисми машғулият мегардад. Ташкил кардани бозӣ –машғулиятҳоро дар мавзӯҳои «Саёҳат ба боғи ҳайвонот», «Дӯстони хориҷии мо», «Дар устохонаи кулолгарӣ» ва ғайраҳоро ташкил намудан мумкин аст. Дар бозӣ–машғулиятҳо мураббия ба донишу тасаввуротҳои кӯдакон такя менамояд, аз маводҳои

аёнӣ, бозичаҳо васеъ истифода мебарад, ки барои шавқовару хотирмон шудани онҳо мадад мерасонад» [176,с.26].

Вазифаҳои оила тавассути алоқаи дуҷониба амалӣ мешаванд: аз як тараф, робитаи оила бо ҷомеа ва фарҳанги васеъ, аз тарафи дигар, муносибатҳои дохилии байни аъзои оила. Ҳар як вазифа тавассути иҷрои нақшҳои мушаххас, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои оиларо муайян мекунанд, амалӣ мегардад. Масалан, кӯдак метавонад дар нақши ёвар дар корҳои хона, дӯст ва ҳамсуҳбат барои падару модар ё ғамхор нисбат ба хешовандони калонсол баромад кунад.

Ҷалби кӯдакон ба фаъолиятҳои муштарак бо оилаҳои худ, бахусус бо калонсолоне, ки барои онҳо муҳиманд, шароит барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ фароҳам меорад ва ба онҳо кӯмак мекунад, ки аъзои мустақил ва фаъоли ҷомеа шаванд. Кӯдакон тадриҷан нақшҳои гуногуни иҷтимоиро меомӯзанд ва дар ҳаёти оила ва ҷамъиятӣ иштирок мекунанд.

Дар ин ҷода, нақши падару модар дар фароҳам овардани шароити муносиб ва истифодаи имкониятҳо барои ҳалли мушкилоти тарбиявии иҷтимоӣ муҳим аст. Падару модар бояд дарк кунанд, ки то чӣ андоза муҳиманд ва чӣ гуна метавонанд муҳити мусоидро барои рушди фарзандашон фароҳам оваранд. Чунончи, муҳаққиқ Н.А.Валнер қайд мекунад: «Падару модари масъулиятшинос тарбияро ҳамчун ҳамкории мутақобила медонанд, ки ба азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад ва ба кӯдакон барои ҳаёти муваффақона дар ҷомеа замина мегузорад. Баръакс, аксари падару модар тарбияро танҳо таълим меҳисобанд, ки ин рушди иҷтимоӣ ва шахсияти кӯдакро маҳдуд мекунад. Падару модар барои муошират ва тарбияи фарзандон дар як шабонарӯз 13 дақиқа сарф мекунанд. Ин вақт на барои фаъолияти муштарак ва муоширати маънавӣ, балки барои назорати қатъии иҷрои вазифаҳои кӯдакон сарф мешавад» [160, с.17].

Ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳамкории мақсаднок ва бо технологияи муайяншудаи падару модар бо кӯдак ба

амал меояд. Набудани таҳқиқот дар ин самт ва дастрас набудани он барои падару модар ба зарурати равиши нав барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ дар оила ишора мекунад.

Дар ҳоле ки усулҳои кор, фароғат ва бозӣ вуҷуд доранд, муҳим аст, ки дигар фаъолиятҳоро барои рушди иҷтимоӣ ба назар гирем.

Имрӯз оила дар рушди иҷтимоии кӯдакон ва ҳалли мушкилоти миллӣ нақши муҳим мебозад. Дар муҳити тағйирёбандаи таълимӣ, падару модар ба иштирокчиёни комили раванди таълим табдил меёбанд.

Ба андешаи педагог А.Р.Уразова «Аз худ намудани дониш маҳорату малакаҳо давра ба давра таъмин гардида истифодабарии методҳо дар ҳар як давра хусусияти ба худ хос дорад ва онҳо бояд инкишофи кӯдакро таъмин намоянд» [184, с.15]. Инчунин, дар идома таъкид менамояд: «Кӯдак маҷмӯи донишҳоро асосан дар раванди машғулиятҳо аз худ мекунанд.Барои васеъ намудани донишҳо мураббия метавонад, аз мушоҳидаҳо, саёҳат, адабиёти бадеӣ, тамошои расмҳо, суҳбат дар мавзуъҳои гуногун ва ғайраҳо истифода барад, то ки диққати кӯдаконро бештар ба меҳнати атрофиён ҷалб намуда, шавқу рағбати онҳоро ба дониста гирифтани ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ зиёд намояд» [184, с. 89].

Дар бораи натиҷаи донишомӯзии кӯдакон Б.Маҷидова бар он андеша аст, ки «хусусияти ёдгирӣ, донишомузии кӯдакони синни томактабӣ дар он аст, ки онҳо дар раванди фаъолиятҳои гуногун муошират бо ҳамсолну калонсолон (ҳатто бо хурдтаракон), бозӣ, меҳнат, маишат, истироҳату фароғат ва машғулиятҳои махсус такмил карда шуда дониш маҳорату малакаҳоро меомӯзанд, ки аз худ мекунанд. Масалан, ҳангоми бозӣ кардан бо рег кӯдак мехоҳад мисли рафиқаш, ки дирӯз нақб сохта буд, нақб созад» [74, с.44]. Аз ҳамин нигоҳ, педагог Е.С.Евдокимова чунин иброз медорад: «Барои инкишоф додани қобилияти таҳлилу таркиб намудан, муқоисакунӣ, хулосабарорӣ, абстраксия кардан ба кӯдакон донишҳои назариявӣ низ додан лозим аст.

Ҳангоми дастрас намудани донишҳои назарив̄ бояд ба чунин қоидаҳо риоя карда шаванд:

•ба кӯдак имконияти дуруст идрок намудани ашёву ҳодисаҳоро таъмин намуда нисбатбаонҳо муносибати дуруст, ҳавасманд̄ бедор карда шавад;

•ҳангоми такроран мушоҳида намудани ашёву ҳодисаҳо ба кӯдак мадад расонидан лозим аст» [44,с. 114].

Айни замон дар бораи мушкилоти МТТ ва оила бисёр андешарон̄ мекунанд. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки шавҳарон ва занон на ҳамеша барои бунёди муносибатҳои нав омодаанд ва ин ба фарзандони онҳо таъсири манф̄ мерасонад (ба ақидаи А.И. Антонов, В.А. Борисов, О.Л. Зверева, М.С. Матсковский, А.Г. Харчев, З.А. Янкова ва дигарон). Дар натиҷа оҳиста-оҳиста эҳсос мешавад, ки одамон аз ҳамдигар дур мешаванд. Баъзан ин раванд ҳатто ноаён оғоз меёбад: муошират камтар мегардад, фаҳмиш коҳиш меёбад. Ба назари ман, маҳз дар ҳамин ҳолат робитаи байни наслҳои калонсолу ҷавон осеб мебинад, гоҳе суст мешавад, гоҳе бошад тамоман гум мешавад. Масалан, вақте ки арзишҳо ё тарзи фикр фарқ мекунанд, ин фосила боз ҳам бештар эҳсос мешавад.

Олими тоҷик А.Нуров таъкид менамояд, ки: «тағйироти иҷтимоӣ бо дигаргуншавии фарҳангҳо алоқаманд буда, муносибатҳои оила низ дар ин раванд тағйир меёбанд. Ба андешаи ӯ, модели оилаи анъанав̄, ки бо назорати шадид ва яккаҳукмрон̄ тавсиф мешуд, дар шароити муосир самаранок нест, зеро кӯдакон низ ба рушди муносибатҳои нав ва муошрати баробарҳуқуқ ниёз доранд. Таъсири мутақобилаи кӯдак ва падару модар, инчунин талаботи кӯдакон ба мустақилият метавонад ба пайдоиши ихтилофҳо оварда расонад. Дар чунин шароит, таҷдиди муносибатҳои оила ва тақвияти ҳамкории калонсолон бо кӯдакон аҳаммияти муҳим пайдо мекунад»[94, с.77].

Аз ин рӯ, нақши падару модар ва мураббиён дар чунин шароит боз ҳам муҳимтар мешавад. Онҳо танҳо нозир нестанд баръакс, бояд

фаъолона ҳамроҳи кӯдак бошанд ва ӯро роҳнамоӣ кунанд. Масалан, дар интихоби манбаъҳои иттилоотӣ кӯмак расондан, якҷо онҳоро таҳлил кардан ва фаҳмондан, ки кадом боэътимод асту кадомаш не. Ҳамзамон, зарур аст, ки бо кӯдакон оид ба хатарҳои муҳити рақамӣ, аз ҷумла ки бетаҳқир ва паҳншавии маълумоти бардурӯғ мунтазам суҳбат бурда шавад.

Дар ин замина фаҳмидани он муҳим аст, ки имрӯз ба рушди иҷтимоии кӯдак на танҳо муҳити анъанавии оила ва ҷомеа, балки муҳити рақамӣ низ таъсир мерасонад. Кӯдакон маълумотро аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дарёфт менамоянд, ки метавонанд ба донише, ки аз ҷониби падару модар ва омӯзгорон пешниҳод мешавад, таъсири назаррас расонанд. Дар ҳамин замина, ба андешаи мо ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ хусусияти марҳилавӣ дошта, ба шароити таълимии МТТ ва муҳити оила вобастагии зич дорад [184, с.50].

Муҳаққиқ О.Л. Зверева бар он ақида аст, ки: «Мушкилоти падару модар дар надоштани тасаввуроти дақиқ дар бораи хусусиятҳои синну солӣ, таҷрибаи шахсӣ ва истифодаи адабиёти тасодуфӣ аст. Тарбияи тавакалии кӯдак бо серкорӣ шарҳ дода мешавад, фаъолият якранг ва нокифоя аст, бозиҳо ва муошират кам аст. Сабаби паст будани сатҳи салоҳияти падару модар аст [46,162].

Муҳаққиқ В.В. Коробкова чунин меҳисобад, ки «МТТ ва оила метавонанд ба тағйирот мутобиқ шуда, мақсаднок кӯдаконро тарбия ва малакаҳои иҷтимоиро дар онҳо рушд диҳанд. Ҳоло, бо тағйир ёфтани мазмуни таҳсилот, рушди иҷтимоии насли наврасу ҷавон аҳамияти хоса пайдо мекунад. Олимон фаъолона меомӯзанд, ки чӣ гуна хислатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд ва роҳҳои кӯмак ба шахс барои ҳамгироӣ ба ҷомеа кадомҳоянд. Рушди иҷтимоии кӯдакон равандест, ки тавассути он онҳо арзишҳои фарҳангиро тавассути иҷтимоишавӣ аз худ мекунанд» [55,181].

Муҳаққиқ Г.Ҷалолова қайд кардааст, ки «давраи синнусоли томактабӣ ва ибтидоӣ барои ташаккули дониш ва малака дар кӯдак давраи хуб аст. Дар ин вақт кӯдакон метавонанд инкишоф ёбанд ва эҷод кунанд, онҳо омодаанд, ки сифату хусусияти ашёҳо, ҳодисаҳои гирду атрофро дониста гиранд ва онҳоро дар соҳаҳои нав санҷанд.Ба ин мазмун рушди эҷодии кӯдакон ва хонандагони хурдсол як раванди ҷолиб ва шавқовар аст» [186,116].

Сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди иҷтимоикунонӣ ташаккул ёфта, барои рушди шахсии онҳо аҳамияти калидӣ доранд. Онҳо сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакро инъикос намуда, ба тарзи муошират ӯ бо муҳити иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Ба онҳо фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори ихтиёрӣ, қобилияти муошират ва ҳамкорӣ, худбаҳодиҳӣ ва муносибати мусбати эмотсионалӣ дохил мешаванд. Сатҳи баланди инкишофи ин сифатҳо аз рушди самараноки иҷтимоии кӯдак шаҳодат медиҳад.

Дар ин замина, Б. Маҷидова ва З. Рустамова таъкид менамоянд, ки «Тарбияи иҷтимоӣ ҳамчун ҳамкории мақсаднок байни тарбиягар ва кӯдак баромад намуда, рушди саривақтӣ ва босифати иҷтимоиро таъмин мекунад. Ин ҳамкорӣ бояд ба таври мақсаднок ташкил гардида, натиҷаҳои он бо усулҳои мушаххаси педагогӣ арзёбӣ карда шаванд. Ҳамзамон, дар раванди тарбияи иҷтимоӣ ба ҳар як кӯдак муносибати инфиродӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои амалӣ намудани имкониятҳои ӯ аҳамияти муҳим дорад» [83,176]. Дар идома, андешаи Н. Е.Н. Коротаева ҷонибдорӣ менамоем, ки чунин андеша дорад: «Тарбияи иҷтимоӣ, агар содатар бигӯем, пеш аз ҳама як навъ ҳамкории огоҳона миёни тарбиягар ва кӯдак аст. Маҳз дар ҳамин раванд шароит фароҳам меояд, ки рушди иҷтимоии кӯдак на танҳо саривақт, балки босифат низ пеш равад. Албатта, чунин ҳамкорӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд ва онро бояд бо ҳадафи равшан ва бо дарназардошти хусусиятҳои кӯдак ташкил кард» [157,43].

Дар таҷриба дида мешавад, ки вақте ин раванд дуруст ба роҳ монда мешавад, натиҷаҳо ҳам возеҳтар мегарданд. Масалан, бо истифода аз усулҳои мушаххаси педагогӣ метавон дид, ки кӯдак то чӣ андоза дар муошират, ҳамкорӣ ё риояи меъёрҳо пешрафт кардааст.

Ҳамзамон, як ҷанбаи бисёр муҳим вуҷуд дорад: муносибати инфиродӣ. Ба назари ман, ҳар кӯдак тарзи худи рушд ва имкониятҳои хос дорад, бинобар ин муҳите лозим аст, ки ӯ худро озод эҳсос кунад. Маҳз дар чунин шароит кӯдак метавонад қобилиятҳои худро беҳтар нишон диҳад ва тадриҷан ба ҷомеа мутобиқ гардад.

Бо такя ба таърифи тарбияи иҷтимоӣ, ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила ҳамкории мақсадноки падару модар бо кӯдак аст, ки тағироти сифатии салоҳиятҳои иҷтимоиро таъмин мекунад. МТТ ва оила омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ буда, имкон медиҳад, ки ниёзҳои кӯдак омӯхта, тарбия шахсиятӣ карда шавад ва фазои мусоид эҷод гардад. Потенсиали МТТ ва оила аз сохтори функсионалӣ ва нақши он иборат аст: арзишҳо, муҳити мусоиди эмотсионалӣ, ҳамкории аъзои МТТ ва оила бо ҳамдигар ва соҳаи иҷтимоӣ. Ҳамкории самараноки падару модар ва фарзанд шарти асосии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ мебошад. Аммо, мушкилоти омодагии МТТ ва оила ба рушди иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модардар масъалаҳои иҷтимоӣ ва фардикунонии кӯдак зарур аст.

Барои таъмини рушди самараноки иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила зарур аст, ки салоҳияти педагогии падару модарро дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва фардикунонии кӯдак баланд бардошта шавад. Ин баланд бардоштани салоҳият бояд ба мураббия ва падару модар дарки амиқи хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, усулҳои самараноки муошират ва роҳҳои эҷоди муҳити мусоиди рушдро фароҳам оварад.

Муайян кардани самтҳои асосии баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модар дар заминаи таҳлили вазъи воқеии МТТ ва

оилаҳои муосир ва эҳтиёҷоти кӯдакон имконпазир аст. Таҳқиқоти мухталиф, аз ҷумла таҳқиқоти равоншиносон Л.И.Божович, П.Я.Галперин, Л.С. Виготский нишон медиҳанд, ки «муҳити МТТ ва оила шароити мусоиди рушди шахсият ва иҷтимоишавии кӯдак мебошад. Бинобар ин, таъмини муносибатҳои солим ва мусоид дар МТТ ва оила, инчунин фароҳам овардани шароит барои фаъолияти мустақилона ва эҷодии кӯдак, вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад» [28;32,31].

Дар ин замина, масъалаҳои муҳими баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модар инҳоянд:

1. шиносоӣ бо хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, аз ҷумла марҳилаҳои рушди равонӣ ва ҷисмонӣ;

2. усулҳои самараноки муошират бо кӯдакон, аз ҷумла гӯш кардани фаъол, изҳори ҳамдардӣ ва дастгирӣ. Муҳим аст, ки падару модар донанд, ки чӣ гуна муноқишаҳоро ҳал кунанд, қоидаҳо ва сарҳадҳоро муқаррар кунанд, инчунин муҳити бехатар ва ҳавасмандкунандаро барои кӯдак фароҳам оваранд.

Ҳамчунин, падару модар бояд бо назария ва амалияи тарбияи иҷтимоӣ шинос бошанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд дарк кунанд, ки чӣ гуна кӯдакон малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, ҳалли мушкилот ва қабули қарорҳоро меомӯзанд. Падару модар бояд ба кӯдакон дар рушди эҳсоси масъулият, эҳтиром ба дигарон ва арзишҳои ахлоқӣ кӯмак расонанд. Инчунин, муҳим аст, ки падару модар намунаи ибрат бошанд ва арзишҳоеро, ки мехоҳанд ба кӯдакон интиқол диҳанд, дар ҳаёти худ амалӣ намоянд.

Баланд бардоштани дониши падару модар равиши бисёрҷонибаро талаб мекунад. Ин бояд шаклҳои гуногуни таълим ва таблиғотро дар бар гирад. Масалан, семинарҳои махсус, ҷаласаҳои омӯзишӣ ва машваратҳои инфиродӣ метавонанд баргузор шаванд. Инчунин таъсиси гурӯҳҳои дастгирӣ арзанда аст, ки дар онҳо падару модар метавонанд таҷриба мубодила кунанд ва ба якдигар кӯмак расонанд.

Барои падару модар муҳим аст, ки ба маълумоти нав ва тасдиқшуда, ки бо забони содда навишта шудаанд, дастрасӣ дошта бошанд. Онҳо инчунин бояд аз равоншиносон, муаллимон ва кормандони иҷтимоӣ кӯмак пурсанд.

Агар падару модар дар ҳаёти мактаб ва муассисаи томактабӣ, масалан, дар чорабиниҳо, лоиҳаҳо ва шӯроҳои падару модар фаъолона иштирок кунанд, беҳтар мефаҳманд, ки фарзандонашон чӣ гуна таълиму тарбия мегиранд ва, ба ин восита рушди ҳаматарафаи онҳоро дастгирӣ мекунанд.

Бо дарназардошти талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модар на танҳо шарти зарурии рушди ҳамаҷониба ва муваффақияти иҷтимоии кӯдакон мебошад, балки инчунин кафолати таъмини сифати таҳсилот ва омодасозии насли наврас ба зиндагии мустақилона дар ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Ин раванд бояд мунтазам ва мувофиқи эҳтиёҷоти падару модар ва кӯдакон ба роҳ монда шавад. Зеро бад-ин васила мо салоҳияти падару модарро баланд бардошта талаботи санадҳои меъёрии мазкурро амалӣ созем, ки ин, дар навбати худ, ба рушди ҳамаҷониба ва муваффақияти иҷтимоии кӯдакон мусоидат мекунад. Инчунин, муҳим аст, ки падару модар бо назария ва амалияи тарбияи иҷтимоӣ шинос бошанд ва тавонанд дар амал аз он истифода баранд.

1.2. Таҳияи амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила тибқи талаботи замони муосир

МТТ ва оила низ низоми педгогӣ буда, пешбурди масоили тарбиявию таълимӣ ва иҷтимоиро ба уҳда дорад. Вазъи низоми мазкур, ки бо тамоми вазифаҳо ва нақшҳои хоси он муайян карда мешавад, сохтори функсионалӣ ва нақши МТТ ва оиларо дар ҷомеа инъикос

менамояд. Махсусан, оила ҳамчун муҳити аввалиндараҷаи иҷтимоишавӣ, ба шахсияти кӯдак таъсири амиқ расонида, барои рушди ҳамаҷониба ва омодагии ӯ ба зиндагии мустақил замина мегузорад. Дар ин мавриД, Асосгузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷикон ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмию таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд» [152, с. 15].

Равиши шахсиятӣ кӯшиш мекунад, ки кӯдакро ҳамчун як шахсият дарк кунад ва беназирии ӯро нигоҳ дорад. Он барои интихоби мустақилона, назорат ва кашфи худ, инчунин рушди қобилиятҳои эҷодӣ шароит фароҳам меорад. Ин равиш бо равиши субъективӣ алоқаманд аст: дар муошират ҳамаи иштирокчиёни муҳити таълимӣ баробаранд ва арзишҳои онҳо муҳиманд.

Муносибати ба салоҳият нигаронидашуда имконият фароҳам меорад, ки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабии калонсол ва кӯдакони синни калони томактабӣ ҳамчун ҷузъи таркибии салоҳияти иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд. Дар таҳқиқоти илмӣ таъкид мегардад, ки «салоҳияти иҷтимоӣ маҷмӯи дониш, малака ва таҷрибаи муносибатҳои иҷтимоиро дар бар мегирад» [19, с. 45]. Дар ҳамин замина, масъалаҳои вобаста ба салоҳияти мураббия ва волидон ва технологияҳои ташаккули он низ мавриди омӯзиш қарор мегиранд (А. М. Шетинина, Л. В. Коломийченко, В. И. Байденко, И. А. Зимняя, А. К. Маркова ва дигарон).

Амсила, ҳамчун як объекти сунъӣ, ки дар шакли тарҳҳо ва рамзҳо сохта шуда, сохтор, хосиятҳо ва алоқамандии унсурҳои объекти таҳқиқшавандаро дар шакли содда ва умумӣ инъикос менамояд. Амсиласозии педагогӣ, дар навбати худ, раванди тарҳрезии низоми педагогӣ дар намуди амсила мебошад, ки барои арзёбии муносибатҳои

дохилӣ ва хусусиятҳои падидаҳои педагогӣ дар шакли соддакардашуда истифода мешавад.

Истифодаи усули амсиласозӣ дар соҳаи педагогика имконият медиҳад, ки раванди таълим ва тарбия сохторбандӣ гардида, низоми муайян ва мураттаб дар тарҳрезии онҳо ҷорӣ карда шавад. Ин ба педагогҳо ва муҳаққиқон имкон медиҳад, ки равандҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълиму тарбияро беҳтар дарк намуда, барои такмили онҳо тадбирҳои муассир андешанд. Ғайр аз ин, амсиласозӣ имконият медиҳад, ки стратегияҳо ва усулҳои нави таълимӣ санҷида шуда, самаранокии онҳо пеш аз татбиқи васеъ дар амалия арзёбӣ гардад.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ таҳия гардидааст, ки низоми ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоиро дар муҳити МТТ ва оила тасвир менамояд. Ин амсила аз бахшҳои асосии мақсаднокӣ (бо ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас), консептуалӣ (бо таъминоти илмӣ, аз ҷумла равишҳо ва принсипҳо), муҳтавоӣ (ҷузъҳои барномавӣ), технологӣ (усулҳо, технологияҳо, воситаҳо, шаклҳо ва марҳилаҳои кори ташкилӣ) ва натиҷавӣ (меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбӣ) иборат аст. Амсилаи мазкур ҳамкории мақсадноки мураббиву падару модар ва кӯдакро фаро гирифта, ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак мусоидат мекунад (Ниг. ба расми 2).

Бахши мақсаднок	**АМСИЛАИ СОХТОРӢ-МУҲТАВОИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МТТ ВА ОИЛА**
	МТТ, ОИЛА, НИҲОДИ ИҶТИМОӢ
	Ташаккули сифатҳои шахсии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила, аз ҷумла рушди фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори ихтиёрӣ, қобилияти ҳамкорӣ, худбаҳодиҳӣ ва муносибати мусбии эмотсионалӣ.

Давоми ҷадвал

<table>
<tr><td rowspan="2">Бахши мазмунноқӣ</td><td colspan="4">Барномаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила (ҷанбаи инфиродии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак).</td></tr>
<tr><td colspan="4">Барномаи роҳнамоии мураббиёну волидон оид ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила (бо таъкиди рушди инфиродии волидон).</td></tr>
<tr><td colspan="5"></td></tr>
<tr><td rowspan="6">Бахши таъмини методӣ</td><td colspan="4">Шароити 1. ҲАМКОРИИ СУБЪЕК- СУБЪЕКТИИ МУРАББИЯ, ВОЛИДОН БО КӮДАК</td></tr>
<tr><td>Аксеологӣ – Арзишӣ (муносибати арзишнок бо ҳамдигар, бо фаъолият)</td><td>Эмотсионалӣ (услуби тарбия дар МТТ ва оила, муҳити МТТ ва оила))</td><td>Рағбатноқӣ (когнитивӣ) (мавқеи субективии иштирокчиёни ҳамкорӣ)</td><td>Фаъолноқӣ (фаъолияти якҷояи муташаккилона)</td></tr>
<tr><td colspan="4">Шаклҳои ташкил: намудҳои фаъолияти МТТ ва оила-хоҷагидорӣ-маишӣ, тарбиявӣ-маърифатӣ, иртиботӣ-эҳсосотӣ, фарҳангӣ (маданият ва варзиш) маънавӣ-ахлоқӣ, иқтисодӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4">Даврaҳои ҳамкорӣ: ҳавасмандкунӣ, мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, фаъолияти якҷоя, рефлексия</td></tr>
<tr><td colspan="4">Шароити 2.САЛОҲИЯТИ МУРАББИЯ ВА ВОЛИДОН</td></tr>
<tr><td>Шахсиятӣ</td><td colspan="2">Маърифатӣ</td><td>Фаъолиятӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4">Шаклҳои ташкил: муҳити иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ (вебинарҳо, курсҳои онлайн), семинарҳо ва омӯзишҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мураббиёну волидон, иҷрои супоришҳои амалӣ, татбиқи роҳҳои рушди инфиродӣ, ташкили ҳамкорӣ бо кӯдакон дар намудҳои гуногуни фаъолияти МТТ ва оила, роҳбаладӣ (менторинг), таҳлили ҳолатҳо аз ҷониби волидон ва фаъолияти гурӯҳӣ (кор дар гурӯҳҳо).</td></tr>
<tr><td colspan="5">МАРҲИЛАҲО: ПРОБЛЕМАВӢ-ТАҲЛИЛӢ, ҶУСТУҶӮӢ-ТАШХИСӢ, ЛОИҲАКАШӢ, АМАЛИГАРДОНӢ, НИҲОӢ-ҶАМЪБАСТӢ</td></tr>
<tr><td rowspan="3">Бахши самарабахшӣ</td><td colspan="4">Арзёбии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Дараҷаи баланд</td><td>Дараҷаи миёна</td><td>Дараҷаи паст</td></tr>
<tr><td colspan="4">Натиҷа: ноил шудани аксари кӯдакон ба дараҷаи баланди рушди сифатҳои иҷтимоӣ</td></tr>
</table>

Расми 2. Амсилаи сохторӣ-мазмунии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила

Бахшҳои амсиларо дар алоҳидагӣ ба таври мухтасар шарҳ медиҳем.

1.Бахши мақсаднокии амсила бо ҳадафҳо ифода ёфта, ҳамчун натиҷаҳои интизорравандаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилот пешниҳод шудааст: фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, озодии рафтор, қобилияти баҳамтаъсиррасонӣ, ҳамкорӣ, худшиносӣ, рӯҳияи мусбати эҳсосӣ.

Ин ҷо нишондиҳандаҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакро бори дигар манзур мекунем:

- **фаъолият** - талаботи дохилии шахс барои азхудкунии воқеият аст, ки дар кунҷкобӣ зоҳир мешавад ва бо ангеза, мақсад ва ҳамкорӣ алоқаманд аст. Фаъолияти кӯдакон ду намуд - худфаъолиятӣ ва фаъолияте, ки тавассути насли калонсол ангехта мешавад;

- **ташаббус -** маҳорати муқаррарсозии ҳадафу вазоифи нав ва аз уҳдаи иҷрои онҳо баромада тавонистан. Муҳаққиқон ташаббусро ҳамчун як равиши пешгирикунанда ва эҷодӣ ба ҷаҳон мебинанд, ки дар хоҳиши омӯхтан, ихтироъ кардани усулҳои нав ва ба даст овардани натиҷаҳо ифода меёбад. Ташаббус бо фаъолнокӣ ва кунҷкобӣ алоқаманд буда, дар сесолагӣ ба вуҷуд меояд ва дар шароити муносибати ба шахс нигаронидашуда ва дастгирии калонсолон бомуваффақият рушд мекунад;

- **мустақилият** - ин қобилияти шахс барои амал кардан ва қарор қабул кардан бидуни кӯмаки дигарон аст. Мустақилият бо қобилияти дарк кардани манфиатҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва муайян кардани ҳадафҳои рафтор алоқаманд мебошад;

- **рафтори ихтиёрӣ ё озодона** - ин қобилияти худидоракунии рафтор тибқи қоидаҳост, ки дар банақшагирӣ, риояи меъёрҳо, иҷрои дастурҳо ва интизом зоҳир мешавад. Дар синни томактабӣ, мо бештар хислатҳои рафтори иҷтимоӣ ва риояи қоидаҳоро мушоҳида мекунем, на рафтори комилан ихтиёрӣ ё озодона;

- **ҳамкорӣ** – муштарак бо ҳамсолон ва дигарон амал кардан, малакаҳои ҳамкорӣ рушд мекунад, ки онро дар фаъолиятҳои кӯдак бо дигарон мушоҳида кардан мумкин аст;

- **худбаҳодиҳӣ -** ин аст, ки шахс чӣ гуна худ, қобилиятҳои худ ва ҷойгоҳи худро дар ҷомеа арзёбӣ мекунад. Он рафторро танзим мекунад, ба муошират, тафаккури интиқодӣ, худбаҳодиҳӣ ва вокунишҳо ба муваффақияту ва нокомиҳо, ба кор ва рушди ӯ таъсир мерасонад.

- **муносибати мусбати эмотсионалӣ** – ин муносибати мусбати эмотсионалӣ ба одамон, табиат ва касбу кор буда, кӯдаконро ба рушд ҳавасманд карда, барои комёб шудан дар зиндагиву фаъолият мусоидат мекунад.

2. Бахши мазмуннокии амсила.

Барои рушди мунтазами малакаҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон, мо ду барнома таҳия кардем:

1. Барнома барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила .

2. Барнома барои дастгирии мураббиёну падару модар дар рушди малакаҳои иҷтимоии кӯдакон.

Ҳарду барнома барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила нигаронида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим доранд, аммо таъсири онҳо маҳдуд аст. Онҳо наметавонанд, ба муносибатҳои дохили оила бевосита дахолат кунанд ё кӯдакро маҷбур созанд, ки дар корҳои оила иштирок кунад.

Аз ин рӯ, падару модар нақши калидӣ мебозанд. Онҳо бояд фазои мусоидро дар оила фароҳам оваранд, то кӯдак тавассути иштирок дар корҳои оила ва муносибат бо аъзои оила сифатҳои иҷтимоиро аз худ намояд. Муассисаҳои таълимӣ метавонанд падару модарро бо дониш ва маслиҳатҳои зарурӣ таъмин кунанд, то онҳо дар ин раванд муваффақ гарданд.

Барнома барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни томактабӣ (фаъолият, ташаббускорӣ, худдорӣ, ҳамкорӣ, эътимод ба худ, худбаҳодиҳӣ, мустақилият ва андешаи мусбат) дар асоси маълумоти ташхисӣ таҳия гардид. Барои ҳар як кӯдак барномаи инфиродӣ бо иштироки падару модар ва мураббӣ тарҳрезӣ шуд. Татбиқи он дар шароити МТТ ва оила тавассути ҷалби кӯдак ба фаъолиятҳои гуногуни ҳаётӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид, ки ба рушди ҳамаҷонибаи ӯ дар муҳити воқеӣ мусоидат намуд.

Барномаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар МТТ ва оила ҳамчун самти кор бо мураббия ва падару модар дар доираи барномаи дуюм — «Барномаи дастгирии падару модар дар тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни 5-7 сола дар оила» истифода гардид. Мазмуни он ба рушди салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ равона шудааст.

Дар шароити хона усулҳои рафтори нақшӣ («бозӣ») истифода гардиданд, ки ба таҳкими тачрибаи иҷтимоии кӯдак мусоидат карданд. Истифодаи донишҳои муосир ва ташкили муҳити дастгирикунанда ба падару модар имкон дод, ки раванди тарбияро бошуурона ба роҳ монда, рушди кӯдакро назорат ва фаъолияти худро мувофиқ намоянд.

3. Бахши таъмини методии амсила - маҷмӯи амалҳои пайдарпайеро дар бар мегирад, ки татбиқи принсипҳо ва шароитҳои интихобшударо таъмин менамоянд ва дар он нақши фаъоли мураббӣ равшан зоҳир мегардад [11]. Амсилаи пешниҳодшуда унсурҳои асосии технологияи педагогиро фаро мегирад:

Ҳадаф: ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳамкорӣ бо падару модар. Ҷалби онҳо ба раванди таълим имкон дод, ки таъсири тарбиявӣ пурзӯр гардад.

Мундариҷа: маҷмуи вазифаҳои маърифатӣ ва амалӣ, ки мураббия ва падару модар дар интихоб ва мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои инфиродии кӯдак иштирок намуданд.

Марҳилаҳо: раванд бо пайдарпайии муайян (ташхис, тарҳрезӣ, татбиқ, ҷамъбаст) амалӣ гардид, ки ҳамкории ҳамаи иштирокчиёнро таъмин намуд.

Ҳамкорӣ: муносибатҳо дар асоси муколама, шарикӣ ва фардикунонӣ ташкил шуда, падару модар фаъолияти омӯхташударо дар муҳити МТТ ва оила идома доданд.

Ҳавасмандӣ: шароите фароҳам оварда шуд, ки иштирокчиён имкони интихоби фаъолият ва нишон додани ташаббусро дошта бошанд.

Озодӣ: раванди таълим мутобиқшаванда буда, дар доираи принсипҳои умумӣ имкони эҷодкорӣ нигоҳ дошта шуд.

Воситаҳо: истифодаи маводи тасвирӣ, аудио ва видео, инчунин технологияҳои рақамӣ (семинарҳои онлайн ва ғайра) ба дарки беҳтари мавод ва баланд гардидани ҳавасмандии кӯдакон мусоидат намуд.

Дар асоси мавқеъҳои назариявӣ барои татбиқи самараноки амсила шароитҳои зерин фароҳам оварда шуданд:

Шароити 1. Ҳамкории субъект–субъектии мураббия, падару модар бо кӯдак. Ин ҳамкорӣ дар заминаи эҳтиром ва баробарӣ ташкил шуда, ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- аксиологӣ (арзишҳо ва муносибати арзишнок бо ҳамдигар, бо фаъолият;
- эмотсионалӣ (муносибати дастгирикунанда ва эътимоднок);
- рағбатнокӣ (ташаббус ва ҳавасмандӣ ба фаъолияти муштарак);
- фаъолнокӣ (ташкили фаъолияти муштарак ва масъулият).

Шароити 2. Салоҳияти мураббия ва падару модар. Барои самаранокии раванд он бояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

– шахсиятӣ (худидоракунӣ ва муносибати мусбат);

- маърифатӣ (дониш дар бораи рушди кӯдак);

– фаъолиятӣ (малакаҳои амалии тарбия ва муошират).

Шароитҳои номбурда ба таври муфассал дар зер баррасӣ мегарданд.

Дар ҳолатҳои муосир, муносибати байни падару модар ва фарзандон дигар набояд яктарафа бошад. Дар баромадҳои худ Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тарбияи фарзанд дар оила, махсусан нисбат ба модар мунтазам таъкид менамоянд: «Модар мураббӣ ва тарбиятдиҳандаи аввалини фарзандон аст. Модар барои фарзандон такягоҳ, мадор ва куҳи сабур аст. Вақте ки фарзандон дар хидмати падару модаранд, онҳо мояи ифтихорашон ҳастанд. Вале дар навбати худ фарзандон бояд боиси обруву эътибори падару модар гарданд ва чунин фарзандон, албатта, фарзандони солеҳи падару модар ҳастанд» [153].

Дари ин радиф, олимони тоҷик Х.Раҳимов ва А.Нуров тарбияи оилавиро барои кӯдак муҳим арзёбӣ намудаанд: «Тарбияи оилавӣ як қисми тарбияи ҷамъиятӣ мебошад. Вазифаи оила дар доираи кору бори хонадон оқилона ташкил кардани ҳаёти кӯдакон аст, то ки онон таҷрибаҳои муфиди наслҳои калонсолро азхуд кунанд, дар фаъолияти амалии худ истифода бурда тавонанд» [104, с. 231].

МТТ ва оила низоми педагогӣ буда, пешбурди масоили тарбиявию таълимӣ ва иҷтимоиро ба уҳда доранд. Вазъи низоми мазкур, ки бо тамоми вазифаҳо ва нақшҳои хоси он муайян карда мешавад, сохтори функсионалӣ, нақши МТТ ва оиларо дар ҷомеа инъикос менамояд. МТТ ва оила ҳамчун муҳити аввалиндараҷаи иҷтимоишавӣ, ба шахсияти кӯдак таъсири амиқ расонида, барои рушди ҳамаҷониба ва омодагии ӯ ба зиндагии мустақил замина мегузорад. Дар ин маврид муҳаққиқ В.Давлатбекзода қайд мекунад: «Мураббиён бояд ташаббускорӣ кунанд ва фаҳманд, ки барои ба кӯдакон фоида овардан муносибати хешро ба оилаи алоҳида чӣ тавр ба роҳ монанд. Мураббиён зимни ҳамкориҳои педагогӣ бо падару модаррон бояд ба рушддиҳии маҳоратҳои мустаҳкаму самаранок дар муошират пардозанд ва бо кадом роҳ ҷалб кардани падару модарро муайян намоянд» [167, с.34].

Мо бояд ба кӯдак ҳамчун як шахси комилҳуқуқ нигоҳ кунем, ки қодир аст дар ҳаёти МТТ ва оила фаъолона ширкат варзад. МТТ ва оила , чун як гурӯҳи иҷтимоӣ, сохтори мушаххас дорад: ҳар як узви он

нақши худро мебозад ва вазифаҳои муайянеро иҷро мекунад. Ин нақшҳо ва вазифаҳо бояд дар кӯдак низ ташаккул ёбанд ва ҳамкорӣ дар ин самтҳо бояд дар ҷараёни иштироки ӯ дар фаъолиятҳои МТТ ва оила ба роҳ монда шавад.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун метавонад хеле муфид бошад:

Меҳнат: ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ мекунад, шавқи ӯро ба омӯзиш афзун карда, ба ӯ кӯмак мекунад, ки дигаронро беҳтар дарк кунад. Кӯдак худро узви муҳими МТТ ва оила эҳсос мекунад, ба олами калонсолон ворид мешавад ва дар он иштирок мекунад. Мустақилияти ӯ бедор мешавад, манфиатҳояш ташаккул меёбанд ва фаъолиятҳои гуногун бо ҳам пайваст мешаванд.

Муносибатҳои эҳсосӣ: Кӯдак худро баробарҳуқуқ ҳис мекунад ва ниёзҳои маърифатии худро қонеъ мегардонад. Ин ба ӯ кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони атроф роҳ ёбад.

Истироҳат: Бозиҳо ва фароғатҳои фарҳангӣ калонсолон ва кӯдаконро муттаҳид месозанд ва эҳтиёҷоти гуногуни кӯдакро ба дастгирӣ ва муҳаббати волидайн қонеъ мегардонанд.

Масъалаҳои иқтисодӣ: Кӯдак дар бораи муносибатҳои молиявӣ маълумот мегирад ва сарфакориро ёд мегирад.

Арзишҳои маънавӣ: Кӯдак меъёрҳо ва қоидаҳоро меомӯзад ва рафтори худро идора карданро ёд мегирад.

Тарбия ва таълим: Кӯдак механизмҳои рушд ва идоракунии рафтори худро дарк карда, падару модарро ҳамчун шахсони тарбиятгар мешиносад ва нақши худро дар МТТ ва оила мефаҳмад.

Ҷомеа: Кӯдак муошират карданро меомӯзад, ҳиссиёти иҷтимоии худро мустаҳкам мекунад ва дар ҷомеа зиндагӣ карданро ёд мегирад.

Дар китоби дарсии «Педагогика» Х.Раҳимов ва А.Нуров қонуниятҳои таълиму тарбияро дар ташаккули кӯдакони синни томактабӣ чунин пешниҳод намудаанд:

«-тарбия ҳамонвақт имконпазир аст, ки худи кӯдак низ фаъол бошад;

• кӯдак бо меҳру навозиш ва дӯстдории калонсолон эҳтиёҷ дорад, ки қонеъ нагардидани он сабаби суст инкишоф ёфтани ӯ мегардад;

• таъмин намудани шароит ба кӯдак барои амали гардонидани имконияти талаботҳои шахсӣ, барқарор намудани муносибати мутақобилаи кӯдак бо калонсолон ва умуман олами иҳотакарда» [104, с.123].

Ҳамин тариқ, ҳамкории мураббия бо падару модар на танҳо муносибатҳои байни онҳоро беҳтар мекунад, балки барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдак замина мегузорад.Ҳамкории мазкур ҷузъҳои арзишӣ, эмотсионалӣ, конативӣ ва фаъолиятӣ-системавиро фарогир буда, ҷузъи арзишӣ муносибати арзишӣ ба худ, ягонагии арзишҳо ва ангезаи ҳамкорӣ мебошад. Ягонагии арзишҳо дар МТТ ва оила , ки меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва принсипҳои рафторро дар бар мегирад, муҳим аст. Хусусан калонсолон дорандаи арзишҳо ҳастанд ва дар тарбияи кӯдакон таҳкурсии онро гузошта метавонанд. Вазифаи МТТ ва оила аз он иборат аст, ки ин арзишҳоро тавассути ҳама намудҳои фаъолият ташаккул диҳанд.

Арзишҳо ҳамчун ҳадафҳои ниҳоӣ ва талаботи стандартҳои арзёбӣ фаҳмида мешаванд, ки асоси рафтори насли наврасро ташкил медиҳанд. Равияҳои арзишӣ дар ҷараёни фаъолияти ҳаётӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбанд ва ба интихоби рафтор таъсир мерасонанд. Мо таваҷҷуҳи худро ба меъёрҳои арзишии пешниҳоднамудаи Л.В. Коломийченко равона кардем, ки қайд мекунад: «...чунин арзишҳо, мисли шахсият, ватан, шаҳр, сарватҳои моддӣ ва табиат, МТТ, оила ва ғ.. Маҳз ҳамин меъёрҳо аз насл ба насл мегузаранд, тавассути онҳо арзишҳо аз калонсолон ба наврасону кӯдакон мегузаранд ва тадриҷан дар зеҳни онҳо ҷой мегиранд» [53, с.59].

Агар ба ҷанбаи эҳсосотии оила назар андозем, мебинем, ки он бештар дар фазои умумӣ ва тарзи муошырати аъзои оила инъикос меёбад. Вақте ки дар оила ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирӣ ҳукмфармост, ин фавран эҳсос мешавад. Масалан, агар аъзоён якдигарро қадр кунанд,

бо меҳрубонӣ муносибат намоянд ва аз оил и худ ифтихор дошта бошанд, чунин муҳит худ ба худ имкониятҳои рушдро барои ҳар як шахс фароҳам меорад. Дар чунин шароит, эҳсоси масъулият низ табиӣ шакл мегирад, ки ҳар кас худро як қисми муҳимми ин муҳит ҳис мекунад.

Барои эҷоди чунин фазои мусбат, тарзи муошрати одамон ва интизориҳои онҳо аз якдигар муҳим аст. Падару модар барои муносибатҳои худ бо фарзандонашон масъуланд. Ин аз он иборат аст, ки онҳо чӣ гуна эҳсос мекунанд, одатҳои онҳо чист, чӣ гуна хислат, ҷаҳони ботинӣ ва амалҳои фарзандашонро дарк мекунанд ва мефаҳманд. Дар ниҳоят, ҳама чиз аз он вобаста аст, ки падару модар то чӣ андоза дар ин раванд фаъолона иштирок мекунанд. Масалан, то кадом дараҷа онҳо ғамхорӣ зоҳир менамоянд, чӣ гуна ниёзҳои фарзандашонро мефаҳманду қонеъ месозанд. Кам нест аҳамияти тарзи муошират: оё онҳо метавонанд оромона суҳбат кунанд, баҳсҳоро бо фаҳмиш ҳал намоянд ё не.

Падару модар бояд якҷоя интихоб кунанд, ки вобаста ба муносибат бо якдигар ва ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ чӣ гуна фарзандонашонро тарбия кунанд. А.Г. Асмолов чунин мешуморад, ки: «муносибати байни падару модар ва фарзандон бояд бар пояи дастгирии тарафайн, ҳамкорӣ ва ба назар гирифтани шахсияти ҳар як кӯдак бунёд карда шавад» [22, с.47]. Бинобар ин, нигоҳ доштани робитаи эҳсосотӣ ва муносибати мусбат, инчунин, қадр кардани якдигар, кӯмак кардан ва муошират кардан ҳамчун шахсони баробарҳуқуқ муҳим аст.

Ҷузъи ангезаи ҳамкорӣ, ки таҳия шудааст, фаъолияти муштараки мураббия ва падару модарро ба рушди фаъолиятҳои муштарак равона мекунад ва ҷузъи асосии ангезаи ҳамкорӣ мебошад. Унсурҳои асосӣ дар ин ҷо шавқ, кӯшиш ва хоҳиш мебошанд, ки ангезаи шахсии субъектҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак афзоиш медиҳад.

Дар консепсияи «шахсисозӣ», ки аз ҷониби А. В. Петровский ва В. А. Петровский пешниҳод шудааст, ки: «субъектӣ инъикосшуда - ҳамчун тағйирёбии сифатҳои муҳими одамони дигар тавсиф мешавад. Ин тағйирот дар рафтор ва шуур тавассути инъикоси шахсият дар дигарон

ба амал меояд. Ба ибораи дигар, шахс тавассути таъсир расонидан ба дигарон ва дидани инъикоси худ дар онҳо, худро ҳамчун субъект муаррифӣ мекунад»[99,37].

Ҳамкории навъи субъект–субъектӣ, ки дар он калонсолон кӯдакро ҳамчун шахси фаъол ва дорои мавқеи худ қабул мекунанд, барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии ӯ аҳамияти калидӣ дорад. Маҳз чунин муносибат ба кӯдак имкон медиҳад, ки худро танҳо иҷрокунанда не, балки иштирокчии ҳақиқии раванд эҳсос кунад.

Дар айни замон, ибтикори волидайн дар ташкили фаъолият бо кӯдакон нишонаи равшани мавқеи фаъолонаи худи онҳо мебошад. Масалан, вақте онҳо на танҳо супориш медиҳанд, балки кӯдакро ба андешидан ва интихоб ҷалб мекунанд, натиҷа дигар мешавад. Ҳамзамон, дастгирии эҷодиёти кӯдак дар ин раванд нақши муҳим мебозад, зеро он ба ӯ имконият медиҳад, ки худро озодона ифода кунад ва тадриҷан ба мустақилият одат намояд.Кӯдак танҳо дар мавқеи субъектӣ ҳавасманд, фаъол ва ташаббускор буда, худбаҳодиҳии кофӣ дорад.

Ҷузъи системавӣ-фаъолиятӣ маънои татбиқи фаъолияти муштарак дар МТТ ва оиларо дар бар мегирад. Калонсолон ҳамчун ташкилкунандагони фаъолият, кӯдаконро аз ҷиҳати техникӣ ва арзишӣ дастгирӣ мекунанд. Дар ин раванд, вазифаҳои кӯдак васеъ шуда, сифатҳои иҷтимоии ӯ ташаккул меёбанд.

Ҳамкории субъект-субъектӣ дар МТТ ва оила иштироки ҳамаи аъзоёнро (бо назардошти синну сол) дар фаъолиятҳои гуногун дар бар гирифта, таъсири мутақобиларо таъмин мекунад. Иштироки кӯдак дар корҳои МТТ ва оила ба азхудкунии меъёрҳои хонавода ва муаррифии ӯ ҳамчун субъекти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Ҳар як фаъолият марҳилаҳои мушаххас дорад: ҳавасмандӣ, ҳадафгузорӣ, банақшагирӣ, бозӣ, амалҳои муштарак ва худбаҳодиҳӣ.

Барои ҷалби кӯдак ба фаъолияти муштарак, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои синнусолии ӯ диққати ҷиддӣ дода шуда, ташаббус ва фаъолиятнокии инфиродӣ бояд пайваста дастгирӣ гардад. Дар адабиёти

педагогӣ таъкид мешавад, ки «фаъолиятнокии кӯдак дар шароити дастгирии мақсадноки калонсолон ташаккул меёбад.

Марҳилаи ҳадафгузорӣ, ки зинаи муҳими минбаъдаи фаъолияти муштарак ба ҳисоб меравад, бояд ба муайянсозии ҳадафҳои барои кӯдак фаҳмо ва аз ҷиҳати равонӣ қабулшаванда равона гардад. Муҳим он аст, ки ин раванд тавассути муколама амалӣ шавад, ки дар он кӯдак ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ иштирок намояд. Тавре ки дар тадқиқотҳо қайд шудааст, «дарки ҳадаф аз ҷониби кӯдак шарти асосии фаъолшавии ӯ дар фаъолияти муштарак мебошад» [2, с. 55].

Марҳилаи банақшагирӣ муайян намудани воситаҳо, усулҳо ва меъёрҳои самаранокии фаъолиятро дар бар мегирад. Дар ин марҳила намунаи иҷрои фаъолият таҳия гардида, нақшҳо миёни иштирокчиён тақсим мешаванд, ки ба танзими раванди ҳамкорӣ мусоидат мекунад.

Ба андешаи Владимир Петровский, «кӯдак дар раванди фаъолияти муштарак бо дастгирии калонсолон аз сатҳи мушоҳидагар ба иҷрокунанда ва минбаъд ба эҷодкор мегузарад» [99, с. 62]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки рушди шахсият ва ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ маҳз дар муҳити фаъолияти фаъол ва ҳамкорона амалӣ мегардад.

Дар марҳилаи минбаъдаи худбаҳодиҳӣ, одатан мушоҳида мешавад, ки кӯдакон боз як бори дигар худро нишон медиҳанд, ки онҳо кӯшиш мекунанд фаҳманд, ки то чӣ андоза метавонанд худро дуруст арзёбӣ кунанд. Маҳз дар ҳамин давра равшантар дида мешавад, ки кӯдак чӣ гуна ба худ менигарад бо боварӣ ё бо дудилагӣ. Онҳо натиҷаи корҳоеро, ки кардаанд, бо меъёрҳое, ки қаблан дар марҳилаи банақшагирӣ муқаррар карда буданд, муқоиса ва таҳлил мекунанд.

Ҳамкории падару модар ва кӯдакон як силсила зинаҳоро тай мекунад, ки калонсолон онҳоро роҳбарӣ мекунанд:Шиносоӣ бо фаъолият ин марҳила муҳимтарин аст, зеро дар ин ҷо кӯдак бори аввал бо фаъолияти нав шинос мешавад. Падару модар бояд ба кӯдак дар бораи ҳадаф, моҳият ва қадамҳои асосии фаъолият маълумоти пурра ва дастрас диҳанд. Инчунин, муҳим аст, ки кӯдак ба фаъолият шавқ пайдо

кунад. Барои ин, метавон бозиҳо, мисолҳо ё алоқамандии фаъолиятро бо ҳаёти ҳаррӯза истифода бурд.

Дар ин маврид педагоги маъруф Б.Маҷидова дар китоби «Педагогикаи томактабӣ» бозиҳои кӯдаконаро ба ду гуруҳ ҷудо намудааст:

1. «Бозиҳои эҷодӣ:Бозиҳои нақшофарии мазмундор(сюжетӣ, нақшдор). Бозиҳои сохтмонӣ. Бозиҳои драматизатсия-саҳнавикардашуда;

2.Бозиҳои қоиданок. Бозиҳои серҳаракат. Бозиҳои дидактикӣ» [73, с.89].

Муҳаққиқи ватанӣ Г.Қурбонова чунин ақида мекунад: «Бозӣ ба рушди психикии кӯдак таъсир расонида, ҳамчун намуди пешбарандаи фаъолият дар тарбияи кӯдак нақши ҳалкунандаро дорад. Бозӣ чунин мақсадҳо бояд дошта бошад:

1. Бозӣ ба бозичаҳои кӯдакона бояд ба тараққиёти техникӣ алоқамандӣ дошта бошанд то, ки моҳиятан дар инкишофи ҷаҳонбинии фарзанд нақш гузоранд.Аз ҷумла ин қабил бозичаҳо метавонанд аз қаторачаҳо, ҳавопаймо, киштичаҳо ва роботчаҳо иборат бошанд.

2.Мақсад аз бозичаҳо бояд инкишофи завқи санъат ва ҳиссиёти эстетикӣ дар дили кудак бошад. Дар ин маврид, сохтани паркҳои истироҳатӣ ва танзими боғчаҳо, ороиши дару тирезаҳои хоначаҳо, муқоваҳои китоб ва ғайраро номбар кардан мумкин аст.

3.Кӯдаконро бо бозичаҳо бояд таъмин кард, ки қобилияти созандагӣ ва бунёдкориро дар вуҷуди онҳо бедор созанд ва идеяи меъморирo дар сари кӯдак ба вуҷуд оваранд.Биночаҳо, истиқоматгоҳҳо, ҳавзчаҳо, гузаргоҳҳо ва дигар бозичаҳои ба ин монандро дар ин маврид тавсия кардан мумкин аст» [175, с.112].

Инчунин қайд мекунад, ки «оғозу ибтидои созандагарои, бозиҳои сохтмонӣ, ин тақлид кардан бо амалҳои калонсолон аст, ки минбаъд он ба фаъолияти мустақилонаи кӯдакон мубаддал мегардад. Онҳо маҳорату малакаҳои худро дар раванди фаъолияти якҷоя бо калонсолон,

машғулиятҳои таълимии махсус ташкилкардашуда аз худ менамоянд ва ҳангоми бозиҳои мустақилона мавриди истифодабарӣ қарор медиҳанд» [175, с.132]. Дар бораи бозиҳои дидактики низ андешаи худро чунин овардааст: «Бозиҳои дидактикӣ, ки он бештар ба иҷро гардидани вазифаҳои таълимӣ, яъне ёд додан, омӯзонидан, азхудкунондани дониш, маҳорату малакаҳо ва мустаҳкам кардани онҳо равона карда мешаванд, дар педагогикаи томактабӣ васеъ истифода бурда мешаванд» [175, с.139].

Иҷрои вазифаҳо бо кумаки калонсолон, бо истифода аз «намуна»: Дар ин зина, калонсолон нақши пешбарро мебозанд ва кӯдакро дар иҷрои вазифаҳо роҳнамоӣ мекунанд. Калонсолон бояд қадам ба қадам тарзи дуруст иҷро кардани вазифаҳоро нишон диҳанд ва ба саволҳои кӯдак ҷавоб диҳанд. Ҳамин ки кӯдак мефаҳмад, ки аз ӯ чӣ талаб карда мешавад, кӯшиш мекунад, ки ин корро иҷро кунад ва калонсолон ба онҳо дар ин кор кӯмак мекунанд, агар коре анҷом дода натавонад, онро ислоҳ карда, кӯдакро рӯҳбаланд мекунанд. Ин марҳила ба кӯдак дар азхуд кардани асосҳои фаъолият ва эҳсоси боварӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин ки кӯдак асосҳои фаъолиятро азхуд кард, калонсолон метавонанд ба ҳамкорӣ гузаранд. Дар ин зина, онҳо дигар роҳнамои асосӣ нестанд, балки шарики баробарҳуқуқ мебошанд. Онҳо метавонанд дар якҷоягӣ мушкилотро ҳал кунанд, фикру мулоҳизаҳои худро мубодила кунанд ва қарорҳои муштарак қабул кунанд. Ин марҳила барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ, қобилияти кор дар даста ва қабул кардани масъулият хеле муҳим аст.

Зинаи охирин ва пешрафта - ин иҷрои мустақилона ва эҷодии фаъолият аз ҷониби кӯдак мебошад. “Дар ин марҳила, кӯдак на танҳо метавонад вазифаҳоро бидуни кӯмаки калонсолон иҷро кунад, балки инчунин метавонад ба фаъолият унсурҳои эҷодкорӣ ворид кунад, роҳҳои нави ҳалли мушкилотро пешниҳод кунад ва аз доираи вазифаҳои таъиншуда берун равад. Ин марҳила ба кӯдак дар рушди тафаккури мустақил, эҷодкорӣ ва қобилияти қабули қарорҳои мустақил мусоидат

мекунад” [75, с.32].

Ин зинаҳо барои ҳама гуна ҳамкории муштарак муҳиманд ва ба беҳтар шудани муносибатҳои падару модар ва кӯдакон мусоидат мекунанд. Олими тоҷик Х.Раҳимзода бамаврид қайд мекунанд, ки: «Кори муҳим ва асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ба оила вобаста мебошад. Тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақили оилавӣ пеш аз ҳама вазифаи падару модарон аст. Кӯдаки навзод, ки баъзан ӯро ба ниҳоли наврас монанд мекунанд, дар оила чашм кушода оламро мебинад, падару модар, хешу таборашро мешиносад, табассум кардан, хестану нишастан, қадами нахустин гузоштан, давидану афтиданро меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар мегузарад ва бо таъсири бевоситаи онҳо тарбия меёбад»[103, с.35].

Мо мекӯшем, ки падару модар дарк кунанд, ки муносибати онҳо бо фарзанд бояд ба муколамаи мутақобила асос ёбад, ки дар он ҳар як тараф имконият дорад ақидаи худро баён кунад ва шунида шавад. Падару модар бояд фаҳманд, ки салоҳдиди кӯдак барои рушди шахсияти ӯ муҳим аст ва онҳо бояд барои дастгирии мустақилияти ӯ шароит муҳайё кунанд.

Барои ин, падару модар бояд кӯдакро на танҳо дар амалҳои ӯ дастгирӣ кунанд, балки инчунин ба ӯ имконият диҳанд, ки аз хатогиҳои худ сабақ гирад. Танҳо дар чунин муҳити дастгирӣ ва эътимод кӯдак метавонад шахси солим ва муваффақ ба воя расад.

Ҷузъи шахсиятӣ дар салоҳияти мураббия ва падару модар муҳим буда, муносибати мураббия ва волидайнро ба ҳамкорӣ бо кӯдак муайян мекунад. Барномаи пешниҳодшуда ба масъалаи рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ин раванд махсусан дар бахшҳои ибтидоӣ - «Кӯдак дар ҷомеа» ва «Падару модарӣ - масъулияти бузург аст» - таъкид ёфтааст, ки дар онҳо аҳамияти нақши кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ ва масъулияти падару модар дар

тарбияи насли наврас равшан инъикос мегардад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ қайд мешавад, «муҳити иҷтимоӣ ва тарбиявии МТТ ва оила омили калидии ташаккули шахсияти кӯдак мебошад.

Ҷузъи маърифатии салоҳияти мураббия ва падару модар бо дониш, қобилияти ҷустуҷӯ, дарк ва интихоби иттилооти дахлдор алоқаманд буда, ҳамчун пояи ташаккули салоҳиятҳои амалӣ (малака ва қобилиятҳо) хизмат мекунад. Дар ин замина таъкид мегардад, ки донишҳои педагогии мураббия ва падару модар бояд дорои хусусияти амалӣ бошанд ва дар ҳалли масъалаҳои воқеии тарбия истифода шаванд. Яъне донишҳои волидайн на танҳо маҷмӯи маълумоти назариявӣ, балки воситаи фаъол барои танзими раванди тарбияи кӯдак мебошанд.

Ҷузъи маърифатӣ ташаккули тасаввурот, мафҳумҳо ва принсипҳои вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдак, хусусиятҳои муҳити МТТ ва оила, сохтор ва вазифаҳои он, инчунин асосҳои педагогии ташкили ҳамкории самаранокро дар бар мегирад. Дар тадқиқотҳо таъкид мешавад, ки дарки хусусиятҳои инфиродии кӯдак шарти муҳими интихоби усулҳои дурусти тарбия мебошад. Олими рус М.Н.Недвецкая чунин меҳисобад: «Қабл аз ҳама падару модар ва мураббӣ нисбати якдигар бояд боварии комил дошта бошанд, чунки маҳз дар чунин ҳолат фазои кӯдакистон озод мегардад. Ҳамкориҳои МТТ бо оилаи тарбиятгирандагон дутарафа ба роҳ монда мешавад. Дар ҳолате, ки педагогҳо ва падару модар талаботҳои таъсиррасонии мақсаднокро ба кӯдак мефаҳманд, натиҷаи тарбия боз ҳам бештар самари хуб дода метавонад [96, с. 154].

Ин маънои онро дорад, ки мураббия ва падару модар бояд имкониятҳои ҳар як кӯдакро муайян намуда, муносибати инфиродиро дар раванди таълиму тарбия таъмин намоянд. Онҳо вазифадоранд хусусиятҳои рушди кӯдакро дар марҳилаҳои гуногуни синну солӣ, ниёзҳо ва манфиатҳои ӯро дарк кунанд, ҳамзамон нақши муҳити МТТ ва оиларо ҳамчун фазои асосии иҷтимоишавӣ дуруст арзёбӣ намоянд.

Ғайр аз ин, донистани принсипҳои ташкили муҳити мусоиди МТТ ва оила, истифодаи усулҳои муассири рушди малакаҳои иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки раванди тарбия мақсаднок ва самаранок ташкил карда шавад.

Ҷузъи фаъолиятӣ, агар содда бигӯем, маҷмӯи васеи малакаҳо ва салоҳиятҳоро дар бар мегирад, ки кӯдак метавонад дар амал истифода барад. Ин малакаҳо бо усулҳои гуногуни фаъолият алоқаманданд ва дар ин маврид ба панҷ навъи асосӣ тақсим шудаанд. Ин захираҳо ба падару модар имкон медиҳанд, ки масъулиятҳои худро самаранок иҷро кунанд ва аз дониш ва нақшаи дурнамои худ барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарин истифода баранд.

Ҷузъи фаъолиятӣ заминаи мустаҳкамеро барои тарбияи кӯдакони босалоҳият ва муваффақ фароҳам меорад ва малакаҳои муҳимро дар бар мегирад: қобилияти дарки кардани эҳсосоти кӯдак, муошират самаранок, ҳалли мушкилот, қабули қарорҳои огоҳона, инчунин роҳҳои идоракунии рафтори кӯдак ва эҷоди фазои солим дар МТТ ва оила . Тавре ки таҳқиқоти таҳқиқгарон нишон медиҳанд, ин малакаҳо дар тарбияи кӯдак хеле муҳиманд.

Қобилияти таҳқиқотӣ ҳамчун заминаи асосии фаъолияти педагогии волидайн, дар асоси принсипҳои мушоҳидакорӣ, таҳлил ва арзёбии интиқодӣ амалӣ карда мешавад. Чунин малакаҳо имкон медиҳанд, ки волидайн равандҳои рушди кӯдакро дар динамикаи он пайгирӣ намуда, стратегияи таълимии муассирро таҳия созанд.

Вобаста ба ин, олими маъруф Л.С. Виготский дар асари худ таҳти унвони «Тафаккур ва нутқ» таъкид кардааст, ки: «Рушди кӯдак дар муҳити иҷтимоӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва дар ин раванд муносибати волидайн нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, қобилияти таҳқиқотии волидайн имкон медиҳад, ки онҳо омилҳои муҳити зистро, ки ба рушди кӯдак таъсир мерасонанд, ба назар гирифта, муҳити мусоидро барои рушди ҳамаҷонибаи ӯ таъмин намоянд» [31, с.211].

Қобилияти амсиласозӣ (тарроҳӣ)-ии *мураббия ва* волидайн

иборатанд аз:

1) Муайян кардани дурнамои рушди кӯдак ва гузоштани ҳадафҳои педагогӣ дар асоси имкониятҳо ва манфиатҳои ӯ.

2) Банақшагирии машғулиятҳо, меҳнат ва фароғати кӯдак ва ташкли фаъолияти кӯдак дар МТТ ва оила .

3) Тарҳрезии рушди салоҳияти кӯдак - яъне кӯшиш барои ташаккули қобилиятҳои шахсӣ, ҳамзамон ворид намудани тағйирот ба ҳамкории МТТ ва оила, беҳтар кардани муносибатҳо мавриди нақша гирифтани робита бо ҷомеа. Маҳз чунин равиш метавонад ба иҷтимоикунонии муваффақонаи кӯдак мусоидат намояд.

Ин маънои онро дорад, ки «волидон ва мураббиьн вазифадоранд дар таълиму тарбияи кӯдакон фаъолона ширкат варзида, вобаста ба пешрафти ҷомеаи имрӯзаи инсонӣ фарзандон ва тарбиятгирандагонро таълиму тарбия диҳанд» – қайд менамояд педагог Л.Иматзода [75, с.106].

Мураббия ва волидайн бояд тасаввур кунанд, ки кӯдак дар оянда чӣ гуна шахсе хоҳад буд, чӣ гуна малакаҳо ва донишҳоро азхуд мекунад ва чӣ гуна дар ҷомеа мавқеъ касб мекунад. Бар асоси ин дурнамоҳо бояд ҳадафҳои педагогии мушаххас муқаррар гардад, ки ба имконият ва ҳадафҳои рушди ҳамаҷонибаи кӯдак муошират дар МТТ ва оила набояд танҳо як раванди интиқоли маълумот бошад, балки шакли муносибате бошад, ки дар он ҳар як узви МТТ ва оила ҳамчун шахсият эътироф карда шавад ва ҳуқуқ дорад дар қабули қарорҳо ва муайян кардани ҳадафҳо иштирок намояд.

Дар китоби «Педагогикаи томактабӣ»-и муҳаққиқ Б. Маҷидова дар бораи инкишофи фикрии кӯдакон чунин андешаи худро баён карданд: «Тарбияи фикрӣ раванди таъсиррасонии мақсадноки калонсолон ба фикр ва шуури кӯдакон бо мақсади таъмин намудани инкишофи фикрӣ, қобилияту маҳоратҳои ақлию зеҳнӣ бо роҳи додани дониш, маҳорату малакаҳо, рушд додани дониш, маҳорату малакаҳо, рушд додани протсесҳои маърифатӣ мебошад. Натиҷаи тарбияи фикрӣ инкишофи ақлию зеҳниро таъмин менамояд, ки он дар

тағйиротҳои миқдорию сифатии дониш, маҳорату малакаҳо ва таҷрибаи шахсии кудак зоҳир мегардад.

Нишонаҳои инкишофи фикрии кӯдакон инҳо мебошанд:

• зиёд шудани ҳаҷм , характер ва мазмуни донишҳо,

• дараҷаи ташакулёбии продсесҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, нутқ, тафаккур, диққат, хотир ва хаёл),

• мавҷуд будани маҳорату қобилияти мустақилона ва эҷодкорона аз худ намудани дониш, маҳорату малакаҳои нав,

• дар таҷрибаи амалӣ истифода бурда таваностани дониш, маҳорату малакаҳо» [74, с.88].

Дар идома таъкид мегардад, ки: «Тарбияи фикрӣ ва таъмин намудани инкишофи маҳорату қобилияти фикрронӣ дар насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими МТТ ва оила ва муассисаҳои таҳсилоти дар ҳазорсолаи сеюми инсоният ба ҳисоб меравад»[74, с. 106].

Тавре ки Н. Я. Соловев, Э. Г. Эйдемиллер ва В. В. Юститский қайд кардаанд, қобилиятҳои коммуникатсионӣ ҳамаи намудҳои фаъолияти МТТ ва оиларо убур менамоянд ва таъмин мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки муошрати самаранок ба танзими хуби фаъолиятҳои рӯзмарра (хуб хоб кардан, хӯрокхурӣ) ба ҳалли мушкилот, арзёбии дурусти вазъият мусоидат намуда, ҳамчунин муҳити солими эмотсионалӣ ва психологиро дар МТТ ва оиларо муҳайё месозад. Бе муошрати хуб, ҳатто вазифаҳои оддитарин дар МТТ ва оила метавонанд ба бӯҳрон табдил ёбанд. Дар ин маврид муҳаққиқ О.В.Солодянкина мушикофона нигоштааст, ки: «Барои тарбияи ҳазор кӯдак илми идоракунӣ лозим аст, барои тарбияи як кӯдак илми муошират. Мутаассифона, бисёре аз падару модар дар муошират душворӣ мекашанд»[112, с.38].

Қобилияти иҷрои ҳалли масъалаҳои марбут ба МТТ ва оила оид ба тарбияи кӯдакон ноил шудан ба ҳадафҳоро рушди онҳоро дар назар дорад. Ҳамзамон, ин масъала ба худидоракунии калонсолон низ зич алоқаманд аст. Яъне сухан танҳо дар бораи кӯдак нест, балки худи

мураббия ва падару модар низ бояд тавонанд тарзи рафтор ва муносибатҳои худро бознигарӣ кунанд. Масалан, баъзан лозим меояд, ки сохтор ва нақшҳои МТТ ва оила каме тағйир дода шаванд, то муҳит бароҳаттар гардад.

Ба назари мо, вақте калонсолон омодаанд муносибат ва амалҳои худро мутобиқ созанд, натиҷаҳо зудтар эҳсос мешаванд: муносибатҳо беҳтар мешаванд, фазо мусоид мегардад.

Қобилияти худбаҳодиҳӣ. Барои мураббия ва падару модар муҳим аст, ки қобилияти таҳлили худ ва амалҳои худро дошта бошанд, рафтор ва муносибатҳои худро назорат кунанд, салоҳияти худро ҳамчун волидайн арзёбӣ кунанд ва рушди худро дар ин самт ба нақша гиранд. Тавре ки Ш. Амонашвили иброз кардааст: «Тарбияи фарзанд бояд аз худ оғоз шавад ва танҳо ба онҳое, ки аз салоҳият бархӯрдоранд, супурда шавад. Кор бо падару модар бояд аз таълими стандартӣ фарқ кунад ва ба амалия, мустақилӣ ва равиши инфиродӣ асос ёбад. Барои падару модар муҳим аст, ки фаъолона иштирок кунанд, роҳнамоӣ ва дастгирӣ карда шавад, аз он ҷумла, аз омӯзгор ҳамчун мураббӣ»[18,115].

Марҳилаҳои кор бо мураббия ва падару модар, аз қабили проблемавӣ-таҳлилӣ, ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ, лоиҳакашӣ, ҷорикунӣ ва ҷамъбастӣ-таҳлилӣ, бояд дар доираи ҳар як фаъолият давра ба давра такрор шаванд, то хусусияти ҳавасмандкунанда ва дастгирии онҳо нигоҳ дошта шавад. Ин имкон медиҳад, ки мундариҷаи ҳар як мавзуъ хусусияти лоиҳавӣ ва мукаммал дошта бошад.

Мо равишҳои методологӣ, принсипҳо ва шароити фаъолияти амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар МТТ ва оиларо баррасӣ кардем. Шаклҳои муносибати онҳо дар расми 3 оварда шудааст.

Нақшаи 1. Бо ҳам алоқамандандии муносибат, принсип ва шароитҳои татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар МТТ ва оила



Бахши натиҷавии амсила: Самаранокии амсила бо истифода аз меъёри ноилшавӣ ба ҳадафи гузошташуда арзёбӣ карда мешавад. Аниқтараш, таҳлил ба он равона карда мешавад, ки то чӣ андоза муваффақ шудем, ки ба дараҷаи назарраси рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ноил гардем. Ин сифатҳо иборатанд аз: мустақилият, озодии рафтор, фаъолият, ташаббускорӣ, таъсири мутақобил ва ҳамкорӣ бо дигарон, худбаҳодиҳӣ ва беҳбудии эҳсосӣ.

Ба ибораи дигар, бахши натиҷавӣ ба мо нишон медиҳад, ки амсила то чӣ андоза дар ноил шудан ба ҳадафҳои дар назардошташуда, яъне ба рушди ҳамаҷониба ва мусбати сифатҳои иҷтимоии кӯдакон муваффақ шудааст. Дар ин ҷода, мо маҳз ба зуҳуроти сифатҳои шахсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем, чунки: «Меъёри асосии рушди иҷтимоӣ, на дараҷаи азхудкунии меъёр ва қоидаҳои иҷтимоии рафтор, мутобиқшавӣ ба ҷаҳони атроф, мавқеи ҳаётии аз ҳама осон, балки дараҷаи мустақилият, ташаббускорӣ, эҷодкории шахс мебошад» [83, с.79].

Илова бар усулҳои ташхисии қаблан тавсифшуда, мо дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии таҳқиқот ба таври фаъол аз як қатор усулҳои маъруфи ташхисии пешниҳоднамудаи муаллифони Н. А.

Абрамова, А. И. Баркан, Л. В. Кирс, А. М. Щетининой, В. Г. Шур истифода бурдем. Инчунин бояд қайд кард, ки мо ҳангоми истифодаи ин усулҳо, усулҳои мутобиқгардонидашударо бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии гурӯҳи таҳқиқшаванда таҳия кардем. Ин имкон дод, ки натиҷаҳои боэътимодтар ва дақиқтар ба даст оварда шаванд, инчунин муқоиса бо маълумоти дигар таҳқиқотҳоро осонтар гардонем. Илова бар ин, барои баланд бардоштани эътимоднокии маълумот, мо аз усулҳои гуногуни муқоисаи маълумоти бадастовардашуда ва муқоисаи натиҷаҳои ҳосилкардаи якчанд муҳаққиқон истифода кардем.

Рушди ҳар як сифат ба холҳо табдил дода шуда, бо сатҳҳои баланд, миёна ва паст муайян карда шуд. Сатҳи умумии рушд ҳамчун арзиши миёна ҳисоб карда шуда, барои арзёбии самаранокии амсила, мо тағйирот дар муносибати мураббия, падару модар бо кӯдакон, услуби тарбияи онҳо, тарзи қабули мураббия ва падару модар ва маҳорати роҳандозии фаъолиятҳои муштарак бо онҳо баррасӣ кардем. Ин нишон медиҳад, ки мураббия ва падару модар дар иҷрои масъулиятҳои худ то кадом андоза босалоҳият шудаанд.

Дар натиҷа, муносибатҳои дохили МТТ ва оила мувофиқ шуда, ба ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд ва фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ мекунанд. Самаранокии амсила бо илмӣ будан, мутобиқат ба тамоюлҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ниёзҳои МТТ ва оила асоснок мешавад.

Сохтори бахшии амсила аз бахшҳои мақсаднок, мазмуннокӣ, таъмини методӣ, марҳилаҳо ва самарабахшӣ иборат буда, ҳамчун системаи педагогии ҳамкории сеҷонибаи байни мураббия, падару модар ва кӯдакон амал мекунад. Ин сеҷонибагӣ раванди таълим ва тарбияро ҳамгиро ва ҳамоҳанг сохта, ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак мусоидат мекунад.

Бахши мақсадноки амсила ҳадафи стратегӣ ва самти асосии онро ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона месозад. Ин сифатҳо ҳамчун нишондиҳандаи муҳими муваффақияти иҷтимоикунонии кӯдакон

дар ҷаҳони муосир арзёбӣ шуда, имкониятҳои мутобиқшавӣ, ҳамкорӣ ва рушди минбаъдаи онҳоро дар ҷомеа муайян мекунанд.

Равишҳои назариявӣ-методологӣ, ки дар асоси он амсила таҳия шудааст, дар бахши консептуалии он инъикос ёфтаанд. Ин бахш ҳамчун асоси назариявии амсила хизмат карда, принсипҳо, усулҳо ва стратегияҳои асосиро муайян менамояд, ки мувофиқи он мундариҷаи бахшҳои дигари амсила бунёд мегардад. Ин робитаи мутақобила байни назария ва амалия самаранокии амсиларо таъмин менамояд.

Воситаҳои ташхисӣ, ки дар таҳқиқот истифода шуданд, барои муайян кардани самаранокии амсилаи сохташуда равона гардидаанд. Ин арзёбӣ дар асоси таҳқиқи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ анҷом дода шуд. Кор бо ин кӯдакон ҳам ғайримустақим (тавассути мураббия ва падару модар) ва ҳам бевосита аз ҷониби мураббия ва падару модари онҳо гузаронида шуда, имкон медиҳад, ки таъсири ҳамаҷонибаи амсила ба рушди иҷтимоии кӯдак арзёбӣ карда шавад. Илова бар ин, ин равиш имкон медиҳад, ки нақши мураббия ва падару модар дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдак муайян карда шуда, барои таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани ин раванд асос фароҳам оварда шавад.

Хулосаи боби якум

1. Дар сиёсати имрӯзаи маориф ба иҷтимоисозӣ ва фардикунонии насли наврас, тарбияи шахсияти ба ҷомеа мутобиқшаванда таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад. Ташаккули сифатҳои муҳими шахсӣ аз кӯдакӣ вазифаи муҳим буда, аз ҷониби олимон омӯхта мешавад. Сифатҳои иҷтимоӣ аз қабили фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, ҳамкорӣ ва худшиносӣ муҳиманд.

2. Мушкилоти рушди шахсияти кӯдак дар МТТ ва оила мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор дошта, мавриди омӯзиш қарор дорад. Тарбияи мақсаднок дар МТТ ва оила, ки фазои мусоид ва муносибатҳои эътимодбахш дорад, барои ташаккули хислатҳои шахсии кӯдак аҳамияти

ҳалкунанда дорад. Бояд имкониятҳои истифоданашудаи МТТ ва оиларо дар тарбияи фарзанд баррасӣ ва шароити рушди иҷтимоии онҳоро муайян кард.

3. Ҳамкории аъзои МТТ ва оила дар асоси талаботи ҳаётӣ дар фаъолиятҳои гуногун амалӣ мешавад. Иштироки фаъолонаи кӯдак дар ин фаъолиятҳо омили муҳими рушди сифатҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар вазъиятҳои гуногун кӯдак бо ҷомеа ошноӣ пайдо карда, бо калонсолон ҳамкорӣ мекунад, ки ин ҳолат кӯдакро ба иҷтимоишавӣ ва фардикунонӣ мутобиқ карда, мавқеи ҷамъиятӣ, риояи меъёру ҳуқуқ ва масъулият барои иҷрои ӯҳдадориҳо дар ӯ рушд мекунанд.

4. Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки чанд омил дар рушди иҷтимоии кӯдак дар муҳити МТТ ва оила нақши калидӣ мебозанд. Аз ҷумла, мавқеи калонсолони бонуфуз, шакли ҳамкории шарикона ва ҷалби худи кӯдак ба фаъолиятҳои МТТ ва оила аз муҳимтарин шароитҳо ба ҳисоб мераванд.

5. МТТ ва оила дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ аст. Аммо, бархе аз мураббиёну падару модар кӯдаконро аз мадди назар дур карда, имкониятҳои рушди иҷтимоии онҳоро аз даст медиҳанд. Онҳо масъулияти худро дар тарбияи кӯдак пурра эҳсос намекунанд ва имкониятҳои ташкили фаъолияти муштараки ҳамоҳангшудаи МТТ ва оиларо надоранд.

6. Барои фароҳам овардани шароити мусоид дар МТТ ва оила ҷиҳати тарбияи сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон, зарур аст, ки кори махсус оид ба ташаккули салоҳияти мураббиёну падару модар барои иҷрои вазифаи тарбиявӣ ташкил карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки мураббиёну падару модар бояд нақши худро ҳамчун тарбиятгар аз нав дида баромада, мувофиқи ҳуҷҷатҳои муосири давлатӣ ва маълумоти илмӣ, ки дар ин соҳа мавҷуд аст, онро тақвият диҳанд. Аз ҷумла, барномаҳои таълимӣ, машваратҳо ва тренингҳо барои мураббиёну падару модар метавонанд дар баланд бардоштани огоҳӣ ва салоҳияти онҳо дар масъалаҳои тарбияи кӯдак ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои

рушди иҷтимоии ӯ нақши муҳим бозанд.

7. Дар идомаи кор ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар се марҳилаи асосӣ - муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ сурат гирифт, ки амсилаҳои таҳияшуда мавриди истифода қарор ёфтанд.

8. Марҳилаи муқарраркунанда бо мақсади муайян намудани сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муассисаҳои таҷрибавӣ гузаронида шуд. Барои ин, мушоҳидаи мунтазами кӯдакон ва гузаронидани таҳқиқотҳои махсус ба роҳ монда шуд.

9. Таҳлили манбаъҳои илмӣ ошкор намуд, ки МТТ ва оила ҳамчун муҳити аз ҳама асосӣ барои кӯдак, дар ташаккули сифатҳои шахсиву ҳаётии ӯ нақши калидӣ дорад. Азҷумла, имкониятҳои оила дар тарбияи кӯдакон кам мавриди таваҷҷуҳ қарор меёбад, ки ин ба ташаккули кӯдакон халал мерасонад.

10. Дар оила муносибати самимӣ байни падару модар ва фарзандон, иштироки якҷоя дар корҳои хона - ин барои инкишофи хислатҳои хуби кӯдак хеле муҳим аст.

11. Ҳамкорӣ дар МТТ ва оила аз эҳтиёҷоти зиндагӣ пайдо шуда, дар вақти иҷрои вазифаҳои гуногуни хонагӣ зоҳир мешавад. Ин ҳамкорӣ шаклҳои гуногун дорад: меҳнатӣ, муошират эҳсосӣ, фароғатӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ.

12. Дарки аҳамияти нақши мураббиёну падару модар дар рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ шарти асосии иҷтимоикунонии бомуваффақияти онҳо дар ҷомеа мебшад Ин, дар навбати худ, зарурати ташкили кори махсус бо мураббия падару модарро ба вуҷуд овард, ки ба баланд бардоштани дониш, малака ва огоҳии онҳо дар бораи рушди иҷтимоии кӯдакон равона карда шудааст.

13. Таҳқиқотҳои зиёде, ки дар заминаи муносибати салоҳиятнок ба мураббиёну падару модар гузаронида шуда, имкон доданд, ки ташаккули салоҳияти онҳо ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳа муайян карда шавад ва якчанд ҷузъро дар бар мегирад.

14. Пеш аз ҳама, ин як ҷузъи шахсист, ки омодагии мураббиёну падару

модарро барои муносибати бошуурона ба раванди таҳлили эҳсосот ва арзишҳо, ки ба ҳамкорӣ бо кӯдак таъсир мерасонанд, дар бар мегирад.

15. Дуюм, ин як ҷузъи маърифатӣ мебошад, ки дониши мураббиёну падару модарро дар бораи қонуниятҳои инкишофи кӯдакон, роҳу усулҳои самараноки тарби, дар амал татбиқ кардани дониш, фароҳам овардани муҳити рушд барои кӯдак ва барқарор кардани муносибатҳои мусбӣ бо ӯро дар назар дорад.

16. Дар доираи пешниҳодшуда дар таҳқиқот, раванди рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон дар амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ амалӣ гардид, ки малакаҳои иҷтимоии кӯдакон тавассути МТТ ва оила рушд мекунад. Вақте ки мураббиёну падару модар салоҳиятдортар мешаванд, онҳо малакаҳои муошират бо кӯдаконро ҳамчун шахсони баробарҳуқуқ ва ҷалби онҳоро ба фаъолиятҳои гуногун ташаккул медиҳанд.

17. Ин равиш ба кӯдакон имкон дод, ки малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, ҳалли мушкилот ва мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои гуногуни иҷтимоиро бомуваффақият аз худ кунанд. Ба ибораи дигар, салоҳияти касбии мураббия ва дониши падару модар воситаи муҳимтарин дар иҷтимоисозии кӯдакон мегардад.

БОБИ 2. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА

2.1. Шароитҳои психологӣ педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии

томактабӣ ва оила

Ҳадафҳои таҳқиқотиро пайгирӣ намуда, дар баробари таҳияи амсилаи сохторӣ ва мундариҷаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар МТТ ва оила, муайян ва асоснок кардани шароитҳои психологию педагогии ташаккули фаъолиятӣ аз ин амсила банақша гирифта шуд. Дар аввал шароитҳои психологию педагогӣ аз нуқтаи назари олимону муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ мегардад.

Олими рус А.В.Петровский қайд мекунад «Шароитҳои педагогӣ маҷмӯи махсус эҷодшудаи омил, раванд ва шароитҳое мебошанд, ки ба таълиму тарбия таъсир мерасонанд ва барои ҳалли мушкилоти алоҳида дар педагогика мусоидат мекунанд»[99, с.34]. Бо ибораи олимони ватанӣ Т.Мустафоқулов ва М.Нарзуллоева»....шароитҳои педагогӣ воситаенд, ки имкон медиҳанд раванди таълим ва тарбия ба самти дуруст равона шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад. Ин шароитҳо метавонанд гуногун бошанд ва аз имкониятҳои муассисаи таълимӣ, салоҳияти омӯзгор, хусусиятҳои фардии хонандагон, муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста бошанд» [90, с.89].

Муҳим аст, ки шароитҳои педагогӣ ба таври мақсаднок ва бо назардошти мақсади гузошта ташкил карда шаванд, то ки таъсири самарабахшро таъмин намоянд. Барои мисол, дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, шароитҳои педагогӣ метавонанд аз ташкили фаъолиятҳои муштарак, муҳити дастгирикунанда, истифодаи усулҳои таълими ҳамкории МТТ ва падару модар иборат бошанд.

Муҳаққиқ Н.В. Микляева иброз карданд, ки: «Шароити педагогӣ-психологӣ аз ташкили раванди таълим ва маҷмӯи воситаҳои педагогӣ, усулҳо ва шаклҳои ташкили раванди таълим, усулҳои мушаххаси ҳамкории педагогӣ, мундариҷаи иттилоотии таълим, хусусиятҳои микроиқлими психологӣ, ки имконияти таъсири мақсадноки педагогиро таъмин мекунанд, иборат мебошад» [86, с.76].

Барои татбиқи самараноки амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии

кӯдакон дар МТТ ва оила, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди психологӣ ва педагогӣ зарур аст. Таҳқиқотҳо оид ба иқтидори тарбиявии МТТ ва оила (А.В. Петровский ва В.А. Петровский В. В. Коробкова, Л. А. Метлякова ва дигарон) ҳамкории мураббиёну падару модарро ҳамчун шарти муҳими тарбияи бомуваффақият муайян мекунанд. А.В. Петровский ва В.А. Петровский дар консепсияи «шахсисозии субъекти инъикосшуда», таъкид мекунанд, ки: «дар раванди ҳамкорӣ кӯдак хислатҳои калонсолонро қабул карда, доираи ҷаҳони худро васеъ мегардонад» [99, с.18].

Аз ин рӯ, «... Ҳамкории МТТ ва оила ҳамчун шароити асосии рушди иҷтимоии кӯдак, махсусан ташаккули сифатҳои иҷтимоии ӯ, аз нигоҳи манбаи имконият арзёбӣ мешавад. Барои муайян кардани хусусиятҳои ҳамкории самарабахш, бояд моҳияти мафҳуми «ҳамкорӣ»-ро баррасӣ намуд, ки маънои фаъолияти муштарак ва иштироки дутарафа дорад» [96, с.58].

Мафҳуми «ҳамкорӣ» дар маънои муосираш дар нимаи асри бистум истифода шуда, он вақт бештар як назария буд. Минбаъд, «ҳамкории педагогӣ» дар асарҳои В.И. Загвязинский ва дигарон маъно пайдо карда, мавриди корбурд қарор дода шудааст. Имрӯз истилоҳи «ҳамкорӣ» дар педагогика на танҳо васеъ истифода мешавад, балки фаъолона мавриди таҳқиқ низ қарор дорад. Бо гузашти вақт, ба ин мафҳум ҷанбаҳои нав илова мешаванд, хусусан онҳое, ки хусусияти муносибатҳои байни наслҳоро равшантар инъикос мекунанд.

Г.А.Прохорова иброз кардааст, ки: «Ҳамкорӣ шарти мутақобилаи мавҷудияти зуҳуроти воқеият бо ҳамдигар ва вобастагии мутақобилаи унсурҳо ва хусусиятҳои алоҳидаи онҳо мебошад. Ҳамкории педагогӣ муносибати байни фаъолиятҳои омӯзгор ва хонанда аст, ки амали як тараф амали тарафи дигарро ба вуҷуд меорад ва дар навбати худ боз амали тарафи аввалро ба вуҷуд меорад» [101, с. 32].

Дар ин росто, А.П. Панфилова бар он назар аст, ки: «Ҳамкориро ҳамчун функсияи интерактивии муошират арзёбӣ намуда, на фақат

робитаи мутақобила, балки таъсиррасонӣ ва тағйирёбии тарафҳоро дар натиҷаи фаъолияти муштарак таъкид мекунад» [98,с.68].

Вобаста ба ин, муҳаққиқ Е.В. Коротаева иброз кардааст, ки «таъсири ҳамкорӣ мусбат ва манфӣ буда метавонад. Он метавонад дастгирикунанда, рушддиҳанда ё баръакс, харобкунанда ва маҳдудкунанда бошад» [174]. Дар адабиёти педагогӣ-психологӣ шаклҳои гуногуни ҳамкории самарабахш пешниҳод шудаанд, ки ҳар яке паҳлӯҳои мухталифи муносибати мусбатро бо кӯдак инъикос мекунанд. Масалан, «тарзи ёрирасонии муносибат ба кӯдакӣ» аз ҷониби Л.Де Моз, педагогикаи «фаҳмо» аз ҷониби Н. Б. Крилова, услуби «қабули бечунучарои» кӯдак аз ҷониби Ю. Б. Гиппенрейтер ва ғайра.

Ин равишҳо ба аҳаммияти фаҳмиш, эҳтиром ва дастгирии кӯдак дар раванди тарбия таъкид мекунанд. Аз нигоҳи А. П. Панфилова: «Ҳамкории самарабахш ин тамоси муассир дар фаъолияти муштарак аст, ки ба барқарор намудани муносибатҳои боэътимод, ошкор сохтани иқтидори шахсӣ ва дар ниҳоят, ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, ҳамкории падару модар ва фарзандон бояд ба принсипҳои дар боло зикршуда асос ёфта, фазои мусоидро барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдак фароҳам оварад» [98, с. 110].

Муҳаққиқ В. Я. Ляудис бошад иброз доштааст, ки: «Самаранокии ҳамкорӣ ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки он намуди ҳамкории омӯзиширо таъмин карда, дар он фаъолияти эҷодии самараноки худи хонанда фаъол мешавад» [69, с.43].

Муҳаққиқи тоҷик В.Давлатбекзода изҳор мекунад, ки: «Зимни ҳамкориҳо бо волидайни тарбиятгирандагон ба назар гирифтан лозим аст, ки дар ҷаҳони ҳозира онҳо ба мушкилоти иҷтимоӣ, педагогию психологӣ бештар дучор мегарданд ва ба инкишофи бевоситаи кӯдакон таъсиррасон мебошанд. Таваҷҷуҳ ба он равона шудааст, ки дар аксари оилаҳое, ки ваъзи моддию синну соли гуногун доранд, дар муносибату тарбия дар оила проблемаҳои гуногун мушоҳида мегарданд» [69, с.34].

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки самаранокии ҳамкорӣ дар шароити ташкил ва идоракунии мақсадноки он бештар зоҳир мегардад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки ҳамкории педагогӣ танҳо дар ҳолати сохторнок ва мақсаднок буданаш натиҷаи мусбат медиҳад. Ин раванд ба рушди толибилмон таъсири мусбат расонида, шароити мусоидро барои фаъол гардидани қобилиятҳои эҷодии онҳо фароҳам меорад.

Дар назарияи педагогӣ ду шакли асосии ҳамкорӣ фарқ карда мешавад: ҳамкории иерархӣ, ки дар он муаллим ҳамчун роҳбар ва хонанда ҳамчун пайрав баромад мекунад, ва ҳамкории субъект-субъектӣ, ки бар асоси баробарии иштирокчиён ташкил мегардад. Тавре ки дар осори С. Л. Рубинштейн, А. В. Брушлинский ва К. А. Абулханова-Славская нишон дода шудааст, «ҳамкории баробарҳуқуқ имконият медиҳад, ки иштирокчиён барои расидан ба ҳадафи умумӣ фаъолияти муштаракро самаранок ба роҳ монанд» [105, с. 71].

Бо такя ба таҳқиқоти Алтухова А. А., Ахмерова Д. Ф., Волкова Е. Н. ва дигар муҳаққиқон метавон хулоса кард, ки барои ташаккули шахсияти мустақил ва фаъол, ки қобилияти муайян кардани ҳадаф ва расидан ба онро дорад, истифодаи муносибати субъектӣ дар раванди муошират зарур мебошад. Дар ин замина таъкид мегардад, ки «шахсият танҳо дар шароити фаъолияти фаъол ва ҳамкории баробарҳуқуқ рушд меёбад.

Рушди самараноки иҷтимоии кӯдак маҳз дар доираи чунин муносибат амалӣ мегардад. Дар ин раванд фаъолияти шахсии кӯдак ва мавқеи ӯ ҳамчун субъект аҳамияти калидӣ дорад. Тавре ки А. П. Панфилова қайд мекунад, «ҳамкории мутақобила бояд ба муколама ва баробарии ҷонибҳо асос ёбад, ки ин ба иштироки фаъолонаи ҳамаи иштирокчиён мусоидат мекунад» [98, с. 84]. Ин гуна муҳит имконият медиҳад, ки кӯдак фикру андешаҳои худро озодона баён намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ гардонад.

Ба ақидаи З.Л.Венкова «фазои субъект-субъектии ҳамкорӣ барои

рушди комили шахс аҳамияти хосса дорад. Ин фазо имкон медиҳад, ки инсон дар ҷомеа ҳамчун шахси мустақил ва беназир ҳузур дошта бошад. Дар ин гуна муҳити ҳамкорӣ, шахс метавонад «Ман»-и ҳақиқии худро ба ҷомеа ворид созад, яъне бо тамоми хусусиятҳо, андешаҳо ва эҳсосоти худ. Ин дар ҳолест, ки аксар вақт, ҳангоми ворид шудан ба ҷомеа, шахс маҷбур мешавад нақшҳоеро қабул кунад, ки ба ӯ хос нестанд ва ё бо хусусиятҳои аслии ӯ мувофиқат намекунанд» [161, с.179]. Таҷрибаи мусбати бадастомада ба кӯдак имкон медиҳад, ки на танҳо дониш ва малакаҳои мушаххас ба даст орад, балки инчунин эътимод ба қувваи худ, қобилияти мутобиқ шудан ба шароитҳои гуногун ва мустақилона ҳалли масъалаҳоро ёбад. Ин ҳама ӯро ба субъекти фаъолияти ҳаётӣ табдил медиҳад.

Таҳқиқоти психологӣ-педагогии Н. В. Каситсина, Н. Б. Крилова, Л. В. Коломийченко, Х. Лутсия, Л. Моуза, Н. Е. Шуркова имкон дод, ки таҳлили муқоисавии намудҳои ҳамкории дар боло зикршуда гузаронида шавад.

Ҷадвали 2. Таҳлили муқоисавии ҳамкории субъект-объект ва субъект-субъектӣ дар МТТ ва оила

Меъёрҳо	**Ҳамкории субъект-объектӣ**	**Ҳамкории субъект-субъектӣ**
Мақсадҳои тарбиявии ҳамкории мураббия бо падару модар	Мақсад - ташаккули стандарти муайяни дониш, малака ва маҳорат	Мақсад - «Инсон-худмақсад», ташаккули қобилиятҳои умумии инсонӣ (сифатҳои иҷтимоӣ), фаъолияти ҷустуҷӯӣ, хоҳиши инкишоф ва такмил
		Давоми ҷадвал
Вазифаҳои иҷтимоишавӣ	Азхудкунии намунаи фаъолият, меъёрҳои иҷтимоӣ	Таҷриба, худшиносӣ, чандирии тафаккур, озодии интихоб
Вазифаҳои фардикунонӣ	Нақши собитшударо ба уҳда гирифтан	«Ман»-и ҳақиқии худро ба ҷомеа дохил кардан
Вазифаи кӯдак	Кӯдак фарҳангро азхуд мекунад	Кӯдак аз нигоҳи фарҳангӣ ташаккул меёбад

Натиҷаи рушди иҷтимоӣ	Иҷрокунанда	Фаъол, эҷодкор, шахсияти эҷодӣ (креативӣ)
Шаклҳо ва усулҳои ҳамкории калонсолон	Усулҳои манъкуниҳо, маҳдудиятҳо	Ҳамкорӣ, эҷод кардан, дастгирии педагогӣ
Роҳҳои рушди иҷтимоӣ	Стандартикунонӣ	Фардикунонӣ, фарҳангсозӣ
Нақшҳои ҷамъиятӣ	Оморӣ, номутаносиб, нақшҳои устувор	Тағйирёбии вазъиятии нақшҳо, ошкор кардани «Ман»-и худ дар чамъият
Худбаҳодиҳӣ	Вобастагӣ, қабули ақидаи бартаридоштаи калонсолон	Арзёбӣ аз нуқтаи назари талаботи иҷтимоӣ ва меъёрӣ, вазъият, худтанқидкунӣ
Ташаббускорӣ	Мавқеи ҳаётии аз ҳама сабук, қабули ғайрифаъоли тартиботи мавҷуда	Муносибати фаъолонаи эчодӣ ба вазифаю фаъолиятҳои нав
Фаъолнокӣ	Кӯдак-объект, Мушоҳид	Талаботи дохилӣ ба фаъолият, мавқеи субъективӣ
Ҳамкорӣ	Пӯшида будан	Қобилияти муколамаи шарикӣ, озодии баён

Маълумоти ҷадвал аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳамкории субъект-субъектӣ ба талаботи иҷтимоии насли наврас ҷавобгӯ буда, ба рушди шахсияти худмуайянкунанда, фаъол ва сифатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад (Е.Н. Волкова, Л.В. Коломийченко, В.Я. Ляудис, О.В. Суворова, Д.И. Фелдштейн). Шаклҳои асосии он ҳамкорӣ, эҷодиёти муштарак ва дастгирии педагогӣ мебошанд. Е.Н.Волкова аҳамияти гузариш ба муносибати рушдёбанда ва субъективиро таъкид намуда, вазифаи асосиро сохтани симои ҷаҳони кӯдак медонад.

Ҳамин тариқ, ҳамкории субъект-субъектии падару модар ва фарзандон дар оила як навъ муносибати фаъол ва дутарафаро дар бар мегирад. Ин ҳамкорӣ на танҳо иштироки падару модар дар тарбияи фарзанд аст, балки инчунин таъсири фарзанд ба рушди шахсии волидайнро ҳамчун шахс дар бар мегирад. Ин муносибатҳо дар тамоми ҷараёни ҳаёти оила ба амал омада, ба ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак

нигаронида шудаанд.

Ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ мусоидат кардан ба рушди иҷтимоии кӯдак мебошад. Ин маънои онро дорад, ки кӯдак бояд малакаҳо, донишҳо ва арзишҳоеро азхуд кунад, ки барои муваффақ шудан дар ҷомеа ва муносибат бо дигарон заруранд. Академик М.Лутфуллозода бузургтарин қарзи падару модарро дар назди фарзанд тарбия ва одоб таъкид мекунад ва чунин мегӯяд: «дар тарбияи фарзанд ҳаргиз дер намонед, ба умеди он нашавед, ки як рӯз не, як рӯз ақлаш ба сараш мезанад. тарбияи инсон ҳеҷ гоҳ дерӣ надорад: инсон тамоми умр муҳтоҷ ба тарбия аст» [67, с.179-199].

Бояд қайд кард, ки ҳамкорӣ ба рушди шахсии волидайн низ мусоидат мекунад, зеро онҳо дар ҷараёни тарбияи фарзанд дониш ва малакаҳои навро азхуд мекунанд, нуқтаи назари худро тағйир медиҳанд ва худро ҳамчун шахс такмил медиҳанд.

Барои коркарди амсилаи самараноки ҳамкорӣ бо падару модар ҷиҳати рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, муайян кардани омилҳо ва механизмҳои мусоидаткунанда зарур аст. Омилҳои зиёде ба тарзи таълим, фазои гурӯҳ ва муносибатҳои байни мураббиёну кӯдакон таъсир мерасонанд ва ҳама муҳиманд. Ғояҳои нав, худшиносӣ, дарки моҳияти адабиёт, робитаи он бо дигар фанҳо, таълиму тарбияи мураббиён ва дастгирии падару модар низ нақш мебозанд.

Муносибатҳои самаранок, ба қавли К. Роҷерс, ба се рукни асосӣ такя мекунанд, ки фазои боварибахш ва мутақобиларо фароҳам меоранд: «Аввалан, ростқавлӣ ва самимият дар муносибатҳо аҳаммияти калидӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як ҷониб бояд омода бошад, ки фикрҳо, эҳсосот ва андешаҳои худро бе пинҳонкорӣ ва ниқобпӯшӣ иброз кунад. Илова бар ин, қабули бечунучаро ва эҳтироми якдигар шарти муҳим аст. Ҳар як тараф бояд дигареро бо ҳама хусусиятҳо ва фарқиятҳояш қабул кунад, бе кӯшиши ислоҳ ё тағйир додани ӯ. Ниҳоят, эътирофи озодии шахсии ҳар як ҷониб барои инкишофи муносибатҳои солим зарур аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки

қарорҳои мустақилона қабул кунад, иродаи худро изҳор кунад ва масъулияти интихоби худро ба дӯш гирад. Маҳз ҳамин се шарт барои эҷоди муҳити мусоид, ки дар он ҳар як иштирокчӣ метавонад худро бароҳат ва арзишманд ҳис кунад, мусоидат мекунанд».[106]

Шароитҳои зикршуда бо қоидаи «Фаҳмидан, Қабул кардан, Эътироф кардан»-и «(ФҚЭ)» В. Петровский[99] ««ва принсипҳои Н. В. Микляева[86], ки зарурати донистани шахс барои худшиносӣ, худинкишоф ва худиҷрокуниро таъкид мекунанд, мувофиқат мекунанд.

А. П. Панфилова чунин роҳу воситаҳоро барои ташкили ҳамкории созанда пешниҳод мекунад:

«-ҳамдигарфаҳмӣ – натиҷаи донистани шарик, ташаккули ҳадафҳои умумӣ ва усулҳои ҳамкорӣ мебошад;

- ҳамоҳангсозӣ – ҷустуҷӯи чунин воситаҳои муошират, ки ба ният ва имкониятҳои шарикон то ҳадди имкон мувофиқат мекунанд;

- мувофиқсозӣ – ҷониби ҳавасмандкунанда ва зарурии муошират;

- шарикӣ – муносибат ба шахси дигар ҳамчун бо баробар (муносибати субъект-субъектӣ)» [98,с.82].

Тавре ки мебинем барои ташкили ҳамкории субъектӣ-субъектии педагогӣ, ки имрӯз дар тарбияи кӯдак муҳим аст, мавқеи субъектии ҳамаи иштирокчиёни он зарур аст ва ба назар гирифтани ҳамаи омилҳо, шароит ва механизмҳои татбиқи бомуваффақияти он муҳим аст.

Дар замони муосир, ки падару модар ҳамчун мураббиёни аввалин ва боэътимоди фарзандон шинохта шудаанд, вазифаи онҳо танҳо маҳдуд шудан бо мақоми субъект дар доираи муносибатҳои МТТ ва оила нест. Балки фароҳам овардани шароит барои ташаккули мавқеи субъективии кӯдак низ аҳамияти калидӣ дорад. Бе чунин муносибат, раванди таълиму тарбия наметавонад ба таври ҷиддӣ самаранок гардад. Ҳамин аст, ки масъалаи субъективӣ дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии тамоми улуми инсонӣ дар сафи пеш қарор дорад ва аҳамияти он ҳарчӣ бештар эҳсос мешавад. Зеро маҳз ин масъала ба мо имкон медиҳад, ки умқи шахсиятро дарк намуда, ба инкишофи он таваҷҷуҳи хоса зоҳир

кунем.

Ба омӯзиши категорияҳои «субъект», «субъективӣ», «мавқеи субъектӣ», инчунин шароити ташаккули субъект асарҳои олимони зерин бахшида шудаанд: К .А. Абулханова-Славская, Б. Г. Ананев, А. В. Брушлинский, Н. Я. Болшунова, Л. И. Божович, Е. Н. Волкова, А. Г. Гогоберидзе, А. Н. Леонтев, О. А. Ленглер, В. А. Петровский, Н.Амонов.

Бояд худи мафҳуми «субъект»-ро баррасӣ кард, хусусиятҳои асосии онро дарк кард ва фаҳмид, ки дар кадом шароит он ташаккул меёбад. Г.Ҷалолова чунин мешуморад, ки «инсон ҳангоми ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил шудан, дар раванди муошират, фаъолият ва дигар намудҳои фаъолияти худ субъект мешавад» [186, с.9].

В.А. Петровский бар он назар аст, ки: «зуҳуроти субъективӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, муошират, худшиносӣ, мақсадгузорӣ ва озодӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи ӯ, ин маҳз ҳамин соҳаҳо имконият медиҳанд, ки шахс ҳамчун субъекти фаъол ва мустақил ба камол расад» [99, с. 41]. Дар навбати худ, Е.Н. Волкова тамаркузро бештар ба муносибати шахс нисбат ба худ ҳамчун шахсият, эҷодкор ва дорандаи имкониятҳои табдилдиҳанда равона мекунад. Яъне, ӯ ба ҷанбаҳои ботинии субъективӣ, аз қабили худшиносӣ ва эътимод ба қувваи тағйирдиҳандаи худ таъкид мекунад. Ин ду дидгоҳ, дар якҷоягӣ, тасаввуроти ҳамаҷонибаро дар бораи субъективӣ ҳамчун зуҳуроти бисёрҷанба дар фаъолияти инсонӣ фароҳам меоранд.

О. А. Ленглер категорияҳои калидии субъектиро дар асоси таҳлили мундариҷаи бисёр равишҳои олимони ватанӣ, ки ба ин мафҳум дахл доранд, ҷудо мекунад (С. Л. Рубинштейн, А. Н. Леонтев, А. В. Брушлинский, К. А. Абулханова-Славская, В. И. Слободчиков, А. К. Оснитский, В. А. Петровский, Е. Н. Волкова, И. А. Зимняя, Б. Г. Ананев): таваҷҷӯҳ ба тағир додани ҷаҳон ва худ, зуҳур дар фаъолият, сифати шахс.

С. Л. Рубинштейн субъективиятро ҳамчун роҳи татбиқи инсон ба

моҳияти инсонӣ, муайянкунандаи тағиротҳояш, қобилияти мустақилият, худмуайянкунӣ ва худсозӣ медонад. В. Л. Хайкин субъективиятро дар фаъолият, масъулият, ташаббускорӣ, қаноатмандӣ, ифодаи худ, эҷодкорӣ, тарҳрезии оянда ва таваҷҷӯҳи маърифатӣ мебинад. Субъективият хусусияти интегралии шахсият буда, дар ҳамкорӣ, муошират ва фаъолият зоҳир мешавад. Е. А. Носова ва Т. Ю. Шветсова нигаронида ба рушди фарзанд ва худ ҳамчун волидайнро хусусияти асосии волидайн ҳамчун субъект медонанд. Муҳаққиқ С. Галиева таъкид мекунад, ки: «Чунин мавқеъ ба муносибати масъулиятнок ва рефлексивӣ ба арзишҳо ва ниёзҳои худ асос ёфтааст» [163, с. 89].

Муҳақиқ Е.О.Смирнова таъкид мекунад, ки: «Калонсолон, ки омили асосии муҳити инкишофи сифатҳои иҷтимоии кӯдак мебошанд, мавқеи субъектии тарбиятгирандаро дастгирӣ мекунанд, рушди худ, дарки беназирӣ, сифатҳо ва қобилиятҳои худро дастгирӣ мекунанд, қабули бечунучарои онро нишон медиҳанд, хусусиятҳои субъектии онро тақвият медиҳанд, фаъолияти эҷодии ӯро дастгирӣ мекунанд» [110, с. 23].

Аз ин рӯ, барои ҳамкории муваффақ, ҳамаи иштирокчиён бояд мавқеи субъективӣ дошта бошанд. Калонсоли бофаҳм ва қабулкунанда метавонад кӯдакро ҳамчун субъект тарбия кунад, ки ин рушди иҷтимоӣ ва ташаккули сифатҳои муҳими иҷтимоиро таъмин мекунад (Е. Н. Волкова, Т. Н. Башкова, В. В. Халикова, Н. В. Каситсина, Е. С. Постоева, Х. Лутсина, Н. Ю. Шуваева, В. В. Знаков).

Барои муносибатҳои солими субъект-субъектӣ дар МТТ ва оила ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳсосоти мусбат муҳиманд. Ин ба шумо эҳсоси дӯстдошта будан, ҳифз ва дастгирӣ шуданро медиҳад. Намунаҳои ҳамкории субъект-субъектӣ дар МТТ ва оила: ҳамкорӣ (А. В. Петровский), ҳамоҳангӣ (В. М. Минияров), қабули мутақобила (А. А. Шведовская), нигоҳ доштани фаъолнокии кӯдак (В. С. Собкин) ва кӯмаккунанда (Л. Де Моз).

Барои муайян кардани намуди ҳамкорӣ амсилаи сеҷониба, ки аз ҷониби О.А.Комарова пешниҳод шудааст, ҷолиб аст, ки дар он се самт

бо миқёси дар онҳо тасвиршуда: «муносибат ба худ, муносибат ба дигар шахс, муносибат ба фаъолияти муштарак. Ҳар як миқёс қутбҳои муқобил дорад: нобоварӣ - мухторият; бефарқиятӣ - воридшавӣ; маҷбурӣ, танзим – эҷодкорӣ» [56]. Амсилаи мо нишон медиҳад, ки танҳо як намуди муайяни шарикӣ, ки аз нишондиҳандаҳои мустақилият, ҷалбшавӣ ва эҷодкорӣ вобаста аст, метавонад ҳамкории ҳақиқиро байни одамон бунёд кунад. Муҳим аст, ки ҳам мураббия ва ҳам падару модар чунин шарик бошанд.

Таҳлили мушкилоти «ҳамкорӣ» имконнопазир аст, ки мафҳуми «одоби муносибатҳо»-ро, ки ба сифати тарбия таъсир мерасонад, убур кунем (Е. Н. Кролеветская, А.С. Макаренко, В. Н. Мясишев, М. А. Панфилова, А. В. Петровский, Т. П. Симакова, Е. В. Шадрова, К. Роҷерс). Услуби демократӣ-авторитетӣ, ки ба ҳамкорӣ нигаронида шудааст, оптималӣ ҳисобида мешавад, ки дар фазои он имкониятҳои беназири кӯдак ошкор карда мешаванд.

Тарзи муносибати мураббия ва падару модар бо кӯдак ба нақшҳои ӯ дар МТТ ва оила таъсир мерасонад: «мусбат» - арзиши ӯро барои МТТ ва оила ва «манфӣ» - аҳамияти пастро таъкид мекунад. Дар МТТ ва оилаҳое, ки муҳити солими иҷтимоӣ ва равонӣ доранд, кӯдакон нақшҳои муқарраршуда надоранд, рафтор ба вазъият вобаста аст. Кӯдак дар МТТ ва оила метавонад нақшҳои гуногунро иҷро кунад, ки ин ба ҳисси умумият ва масъулият оварда мерасонад. Ҳамкории самаранок, мавқеи субъективӣ ва услуби шарикӣ ба ташаккули сифатҳои шахсӣ таъсир мерасонанд. Олими ватанӣ А.Нуров масъалаи мазкурро чунин шарҳ медиҳад: «Ба ҳамкории мактабу оила – ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдакон, ҳамчунин дигар масъалаҳо шомил мешаванд. Кӯдакон ҳар қадаре, ки калон шаванд, ҳамон қадар феълу рафторашон ҳам тағйир меёбад. Бинобар ин ҳар синну сол аз калонсолон муомилаву рафтори хосаро мепарварад. Пӯшида нест, ки падару модарон феълу хӯи фарзандонашонро хеле хуб медонанд, чунки онҳо дар пеши назарашон қад афрохтаанд. Аз ин лиҳоз аз волидайн омӯхтани

феълу атвори кӯдакон, инчунин таҷрибаҳои пешқадами педагогии онҳо барои мубодилаи падару модарони ҷавон аҳамияти калон дорад» [94, с.9].

Фаъолияти муштарак дар МТТ ва оила, ки кӯдак дар он фаъол аст, омили асосии ташаккули сифатҳои субъективии иҷтимоӣ мебошад (Л. И. Божович, Л. С. Виготский, А. Н. Леонтев, В. А. Петровский). О. В. Суворова таъкид мекунад, ки сифатҳои субъективӣ дар раванди азхудкунии муошират, бозӣ, дониш ва таҳсил ташаккул меёбанд ва иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҷамъиятӣ омили асосии рушди субъекти он мебошад.

МТТ ва оила ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, имкон медиҳад, ки кӯдакон ба фаъолиятҳое ҷалб шаванд, ки дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мешаванд. Иштирок дар корҳои МТТ ва оила ба ташаккули хислатҳои ахлоқӣ ва дарки худ ҳамчун узви ҷомеа мусоидат мекунад. Бозӣ сатҳи зарурии рушди иҷтимоиро таъмин намекунад, зеро кӯдак сабабҳои рафтори воқеии калонсолонро аз худ намекунад. Г.Қурбонова чунин қайд менамояд, ки: «бозӣ барои иҷтимоишавии пурра, таҷрибаи зиндагии воқеӣ лозим аст. Бояд қайд кард,ки бозӣ потенсиали тарбиявӣ дошта, муносибати кӯдакро, тавассути фаъолиятҳо танзим намуда, иҷтимоишавии ӯро таъмин менамояд» [175**Ошибка! Источник ссылки не найден.**,с.112].

Муҳаққиқон Маҷидова Б., Г.Қурбонова ақидаҳои мазкурро чунин тасдиқ менамоянд: «Сужети бозиҳои кӯдакон ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсии иҳотакарда вобаста аст. Масалан, дар сюжети бозиҳои кӯдаконе, ки дар кӯдакистон таълиму тарбия мегиранд, фаъолияти меҳнатии мураббия, ҳамшираи тиббӣ, ошпаз, мудири кӯдакистон, ёрдамчии мураббия инъикос меёбанд» [148, с.108]. Масалан, ҳангоми бозии «беморхона» кӯдаки томактабӣ рафтори ҳамшираи тиббиро тақлид мекунад, вале он танҳо тақлид мебошад. Дар ҳоле ки сифатҳои муҳими шахсӣ, аз қабили ҳамдардӣ, меҳрубонӣ ва муносибати эҳтиромона ба дигарон, ки бо инсондӯстӣ ва муайянкунии муассир бо дигарон

алоқамандand, ба таври амиқ ва воқеӣ на дар бозӣ, балки дар вазъияти воқеии ҳаёт, масалан, дар ҳолати мушоҳида ва иштирок дар нигоҳубини шахси бемори наздик азхуд мегарданд ва зоҳир мешаванд. Дар ин ҳолат, дар кӯдак бояд сифатҳои босабрӣ, ғамхорӣ, мустақилият зоҳир намудан ва эҳтиёҷоти шахси дигарро дарк карданро тарбия намуд.

Ин мавқеъ ба ӯ имкон медиҳад, ки на танҳо малакаҳои мушаххасро азхуд кунад, балки инчунин маънои амиқи амалҳои худро дарк кунад, эҳсоси масъулиятро ҳис кунад ва бо одамони дигар робитаҳои наздик барқарор кунад. Ҳамин тариқ, таҷрибаи воқеии зиндагӣ, муносибатҳои ғанӣ ва пурмуҳтаво бо дигарон ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба ва инсондӯстии кӯдак мусоидат мекунанд. Воқеӣ, на дилхоҳ рушди шахсият на аз як фаъолияти пешбар, балки ҳадди аққал аз маҷмӯи шаклҳои мубрами фаъолият ва муошират, ки бо як намуди муносибатҳои фаъоли шахсияти рушдёбанда ва муҳити иҷтимоии он муттаҳид карда шудаанд, вобаста аст.

Олими рус Л.Л.Тимофеева таъкид кардааст, ки: «Баъзан падару модар дар хона фаъолияти кӯдакистонро такрор мекунанд ё танҳо ба таълими кӯдакон диққат медиҳанд ва ба рушди иҷтимоӣ беэътиноӣ мекунанд. Дар натиҷа, раванди тарбиявии муҳим дар оила барои рушди сифатҳои иҷтимоӣ истифода намешаванд. Барои ташаккули ҳамаҷониба, муҳим аст, ки кӯдак ба муносибатҳои МТТ ва оила, ки бо вазифаҳои ҳар як аъзо алоқаманд аст, дохил карда шавад, то ҳаёти оила ба фазои иҷтимоӣ табдил ёбад, ки дар он ӯ дар қонеъ кардани ниёзҳои умумӣ иштирок мекунад» [154, с.65].

Муваффақияти иҷтимоии кӯдак бевосита аз иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаёти ҳаррӯзаи МТТ ва оила вобаста аст. Падару модар ва мураббия метавонанд ин ҳамкориро тавассути ҷалби кӯдак ба намудҳои гуногуни фаъолият роҳандозӣ намоянд:

1) Меҳнатӣ: Дар ин самт кӯдак метавонад дар корҳои хоҷагӣ-маишӣ (масалан, нигоҳубини гулҳои хонагӣ, кӯмак ба калонсолон) ва худхизматрасонӣ (риояи қоидаҳои гигиенӣ, тозаву озода нигоҳ доштани

либос) иштирок кунад. Ин на танҳо маҳорати муфидро меомӯзонад, балки ҳисси масъулият ва мустақилиятро низ тақвият медиҳад.

2) Муошират эмотсионалӣ: Муҳити МТТ ва оила бояд фазои мусбӣ ва меҳрубонӣ дошта бошад. Ҳадяҳо, лаҳзаҳои шодӣ ва муошират самимӣ муҳиманд. Ин кумак мекунад, ки кӯдак эҳсосоти худро баён кунад ва эҳсосоти дигаронро дарк намояд.

3) Дилхушиҳо: Сайругашт ба театр, осорхона ё ҷойҳои таърихӣ шавқованд ва инчунин ба рушди фарҳангӣ ва ҷисмонии кӯдак мусоидат мекунанд;

4) Тарбияи иқтисодӣ: Ҷалби кӯдакон ба харид ва буҷет (нигоҳ доштани даромад ва хароҷот) метавонад ба онҳо сарфакорӣ, малакаҳои банақшагирӣ ва дарки арзиши пулро омӯзонад;

5) Маънавият ва ахлоқ: Хондани китобҳо ба кӯдакон, тамошои филмҳо ва намоишҳои телевизионӣ, муҳокимаи вазъиятҳои гуногуни зиндагӣ метавонад ба кӯдак дар фарқ кардани дуруст ва нодуруст ва омӯхтани арзишҳои муҳими ахлоқӣ кӯмак кунад.

6) Иҷтимоишавӣ: Иштирок дар фаъолияти ҷамъиятӣ, муошират бо дигарон малакаҳои иҷтимоиро такмил медиҳад ва ба кӯдак барои мутобиқ шудан ба ҷомеа кӯмак мекунад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти МТТ ва оила ҳамчун шакли фаъолияти инфиродӣ ва таъсири он ба рушди кӯдак ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ аҳамияти бузург дорад.

Арзишҳои маънавию ахлоқӣ, аз қабили арзишҳои умумиинсонӣ, табиат, меҳнат, фарҳанг ва тарзи ҳаёти солим, тамоми соҳаҳои фаъолияти МТТ ва оиларо фаро гирифта, ҳамчун пояи мустаҳкамсозии сохтори дохилии МТТ ва оила баромад мекунанд. Ин арзишҳо на танҳо устувории ҳамкории МТТ ва оиларо таъмин менамоянд, балки инчунин сохтори функсионалӣ-нақшӣ, анъанаҳо, ҷаҳонбинӣ ва самтҳои фаъолияти онро муайян месозанд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки «арзишҳои ахлоқӣ асоси ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсиятро ташкил медиҳанд.

Дар ҳамин замина дар фарҳангҳои миллӣ тасаввуроти гуногун дар бораи шахси «идеалӣ» мавҷуд аст, аммо чунин сифатҳо, ба монанди меҳнатдӯстӣ, ақл, ростқавлӣ, дӯстӣ ва саломатӣ, барои аксари халқҳо арзиши умумӣ дорад. Ин андеша нишон медиҳад, ки новобаста аз фарқиятҳои фарҳангӣ, пояҳои ахлоқии тарбия хусусияти универсалӣ доранд.

Таҳқиқоти Л. В. Коломийченко низ аҳамияти самтҳои арзиширо дар раванди тарбия таъкид менамоянд. Дар барномаҳои ӯ - «Оилашиносӣ барои кӯдакон» ва «Роҳи некӣ» - категорияҳои калидӣ, аз ҷумла «Ман», «Модар», «Падар», «Оила», «Шаҳр» ва «Кишвар», ҳамчун асоси ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ баррасӣ мешаванд. Тавре ки дар ин таҳқиқотҳо ишора мегардад, «ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба МТТ, оила ва ҷомеа шарти муҳими рушди иҷтимоии кӯдак мебошад» [140, с. 57-63].

Дар маҷмӯъ, муҳаққиқони зикршуда таъкид менамоянд, ки интихоби дурусти воситаҳо ва усулҳои фаъолияти муштарак, инчунин ташкили муҳокима ва банақшагирии ҳамкорӣ, барои расидан ба ҳадафҳои тарбиявӣ аҳамияти калидӣ доранд. Тавре қайд мегардад, «самаранокии тарбия аз сатҳи ҳамоҳангии фаъолияти муштарак ва муносибатҳои арзишӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки ҷузъҳои фаъолият дар тамомияти онҳо танҳо бо кӯмаки калонсолон азхуд карда мешаванд: он системаи ангезаҳоро ташаккул медиҳад, қобилияти гузоштани ҳадаф ва интихоби воситаҳо, иҷрои амалҳо, ба даст овардани натиҷа, инъикосро меомӯзонад. Дар фаъолияти муштараки А. П. Панфилова чунин талабот ба ташкили онро таъкид кардааст:

«- ҳадафи ягона, ки сахт танзим карда шудааст ва роҳҳои алоқаи байни одамонро муайян мекунад;

- умумияти ангезаҳо, ки одамонро ба ҳамкорӣ водор мекунад;
- мавҷудияти фазои ягона ва вақти ҳамкорӣ;
- тақсимоти раванди фаъолият ба вазифаҳои алоҳида ва тақсимоти

онҳо байни иштирокчиён;

• ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии амалҳои инфиродӣ;

• донистани меъёрҳо, қоидаҳо ва расмиёти муошират аз ҷониби ҳар як иштирокчӣ;

• зарурати интиқоли иттилоот ва мубодилаи он;

• робитаи мутақобилаи амудии самаранок» [98, с.89-95].

Ҳамин тариқ, ҳар як фаъолият сохтори мураккаби системаро ташкил медиҳад, ки натиҷаи он аз иштироки мувофиқи ҳар як ҷузъ дар раванд мувофиқи қоидаҳои муайян вобаста аст. Самаранокии фаъолият ба он вобаста аст, ки ҷузъҳо чӣ тавр ба ҳам алоқамананд ва чӣ тавр онҳо дар ҳамоҳангӣ бо ҳам кор мекунанд.

Аз ин рӯ, мураббиёну падару модар бояд дар ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти МТТ ва оила, ки иштироки кӯдакро дар назар доранд, салоҳиятдор бошанд. Онҳо бояд дарк кунанд, ки чӣ тавр фаъолиятро ташкил кунанд, то он барои кӯдак ҷолиб ва муфид бошад, ба рушди ӯ мусоидат кунад ва муносибатҳои МТТ ва оилавиро мустаҳкам намояд. Салоҳияти мураббия ва падару модар дар ин самт имкон медиҳад, ки фаъолияти МТТ ва оила ба як воситаи қавии тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдак табдил ёбад.

Доимо саволе ба миён меояд, ки барои тарбияи дурусти фарзанд чӣ лозим аст ва падару модар чӣ гуна метавонанд дар ин кор дониши худро зиёд кунанд. Ин саволҳо ҳамеша барои олимон, аз қабили М.Лутфуллозода, Х.Раҳимзода, А.Нуров, Е. П. Арнаутова, А. И. Баркан, Н. Ф. Виноградова ва дигарон ҷолиб буданд. Аз ҷумла, Х.Раҳимзода чунин қайд менамояд: «Тарбияи ҷамъиятӣ - тарбияи оилаю мактаб аст. Ҳам падару модарон ва ҳам муаллимон бояд нағз дониста бошанд, ки на мактаб бе оила ва на оила бе мактаб аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои нозуктарину мураккабтарин - ташаккули инсон баромада наметавонад» [103, с. 7].

Баъди омӯхтани корҳои ин муаллифон, мо тавонистем, ки дар

бораи салоҳияти тарбияи фарзанд фикру ақидаҳои гуногунро бифаҳмем. Ҳар яки онҳо тарафҳои муҳимтарини тарбияи МТТ ва оилавиро нишон медиҳанд.

1) *Ташкили муҳити мусоид:* Салоҳият ҳамчун қобилияти волидайн дар ташкили муҳити иҷтимоӣ-педагогии МТТ ва оила муайян карда мешавад (М. А. Евдокимова, Е. А. Кабанченко). Ин муҳит бояд ба ташаккули малакаҳои иҷтимоии кӯдак мусоидат кунад, ки барои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии ӯ дар ҷомеа муҳим аст.

2) *Омодагӣ ба фаъолияти педагогӣ:* Салоҳият ягонагии омодагии назариявӣ ва амалӣ барои роҳандозӣ намудани фаъолияти педагогӣ, қобилияти фаҳмидани ниёзҳои кӯдакон ва фароҳам овардани шароит барои қонеъ кардани онҳоро дар бар мегирад (Е. П. Арнаутова, В. П. Дуброва, О. Л. Зверева ва дигарон). Яъне, волидайн бояд ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ дониш ва малакаи зарурӣ дошта бошанд.

3) *Ҳамгироии ҷанбаҳои шахсӣ ва фаъолиятӣ:* салоҳиятро метавон ҳамчун як маҷмӯи муттаҳидшудаи хусусиятҳои шахсӣ ва малакаҳои амалӣ фаҳмид, ки барои тарбияи муассири кӯдак дар муҳити МТТ ва оила аҳамияти асосӣ доранд. (В. В. Коробкова, Л. А. Метлякова, В. В. Селина, С. В. Пиюк). Ин ҷо на танҳо дониш, балки инчунин хислатҳои шахсии волидайн ва қобилияти онҳо барои истифодаи онҳо дар раванди таълимӣ муҳим аст.

4) *Огоҳӣ ва қобилияти истифодаи методҳои тарбия:* Таърифҳои дигар ба аҳамияти огоҳии калонсолон дар бораи роҳҳои таъсири оптималӣ ба рушди кӯдак, муносибат бо ӯ ва қобилияти дар амал татбиқ кардани он таъкид мекунанд (А. А. Абрамова). Ин маънои онро дорад, ки волидайн бояд усулҳои гуногуни тарбияро донанд ва онҳоро вобаста ба вазъият самаранок истифода баранд.

5) Қобилияти баҳодиҳии вазъият: Ин қобилияти дуруст арзёбӣ кардани ҳолати тарбиявӣ аст, ки аз волидайн амал ва иҷрои дурустро талаб мекунад. Волидайн бояд вазъро таҳлил кунанд ва қарорҳои

мувофиқ қабул намоянд.

6) Қабули кӯдак ҳамчун арзиш: Барои волидайн муҳим аст, ки кӯдакро қабул кунанд, дониши педагогӣ-психологӣдошта бошанд, фаъолона ҳамкорӣ кунанд ва ба иҷтимоишавии ӯ тавассути тарбияи МТТ ва оила ёрӣ расонанд. Барои ин, онҳо бояд хусусиятҳои шахсӣ дошта бошанд.

Хулоса, салоҳияти мураббия ва падару модар маҷмӯи дониш, малака, хислат ва қобилиятҳоест, ки барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдак дар МТТ ва оила лозим аст.

Муҳаққиқ М.Сафаров дар таҳқиқоти худ оид ба ташаккули сплоҳиятҳои иҷтимоӣ чунин таъкид месозад: «Салоҳиятҳои иҷтимоӣ маҷмуи маҳорат ва сифатҳоеро дар бар мегирад, ки ба инсон медиҳад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дарк кунад, эҳсосоташро танзим намояд, муноқишаҳоро самаранок бартараф кунад, шахсияти ӯро инкишоф диҳад» [180, с. 4.].

Муҳаққиқ В.В. Коробкова муайян намудааст, ки: «Салоҳияти психологӣ-педагогии падару модар ин омодагӣ ва қобилияти дар асоси дониш, малака, маҳорат ва таҷриба дар соҳаи тарбияи кӯдак, мақсаднок эҷод кардани шароитҳои рушд барои кӯдак, ки ба ӯ мавқеи субъективии фаъолияти ҳаётии худро таъмин мекунад» [54, с. 105]. Дар таҳқиқоти А.В.Мудрик салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун сохтори мураккаб баррасӣ шуда, ҷузъҳои маърифатӣ (дониш ва фаҳмиш оид ба тарбия), эмотсионалӣ (муносибати эҳсосӣ нисбат ба кӯдак) ва рафторӣ (амалияҳои мушаххаси тарбиявӣ) мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муқаррар шудааст, ки дар таҳқиқи сохтори салоҳияти педагогии падару модари фарзандхондшуда ҷузъҳои шахсӣ, гностикӣ (дар асоси анъанаҳои динӣ-фалсафӣ), созандагӣ, ташкилӣ, коммуникативӣ ва рефлексивӣ мавҷуданд, ки ин ҷузъҳо бо ҳам алоқамандии зич дошта, бо мундариҷаи хос, ки хусусиятҳои ин навъи фаъолиятро инъикос мекунанд, тавсиф мешаванд [89, с.79].

Муҳаққиқон, аз ҷумла А.Байзоев, Д.Имомназаров, ва дигарон,

салоҳиятро пеш аз ҳама бо иҷрои самараноки фаъолият, бахусус бо иҷрои вазифаҳои тарбиявии падару модар, алоқаманд медонанд. Яъне сухан танҳо дар бораи дониш нест, балки дар бораи қобилияти истифодаи он дар амал меравад.

Дар ҳамин замина, А. Абрамова ба ин масъала каме васеътар менигарад. Ба андешаи ӯ, «мундариҷаи фаъолияти волидайн на танҳо рафтор, балки тамоми низоми муносибатҳоро дар бар мегирад: аз муносибатҳои байнишахсӣ то муносибати наслҳо, инчунин муҳаббат, тартиби зиндагӣ ва сатҳи фарҳангии МТТ ва оила» [14, с. 45].

Равоншинос Н.Абдурашитов бошад, чунин таъкид мекунад, ки: «...салоҳияти омузгор ва падару модар дар дарки арзиши рушди худ, эътирофи таҷрибаи волидайн, донишҳои психологӣ-педагогӣ, малакаҳо, қобилияти тағйир додани рафтор, эҷоди фазои эътимод ва худтанзимкунӣ зоҳир мегардад».

Агар ин андешаҳоро ҷамъбаст кунем, метавон гуфт, ки салоҳияти мураббия ва падару модар як падидаи воқеан мураккаб аст. Дар он таҷрибаи шахсӣ ва донишҳои педагогӣ-психологӣ нақши асосӣ мебозанд, зеро маҳз онҳо имкон медиҳанд, ки тарбия на танҳо назариявӣ, балки самаранок ва амалӣ гардад. Онҳо имкон медиҳанд, ки мураббия ва падару модар динамикаи инкишофи кӯдакро дарк намуда, стратегияҳои тарбиявии оптималиро муайян кунанд. Илова бар ин, салоҳият дорои унсурҳои иҷтимоӣ мебошад, ки мутобиқшавии волидайнро ба талаботи ҷомеа, аз ҷумла, дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, муайян менамояд.

Бояд зикр карда, ки дар илми педагогика назару андешаи ягона оид ба мундариҷа ва сохтори салоҳияти мураббия ва падару модар мавҷуд набуданд. Барои он ки салоҳиятҳои иҷтимоии кӯдакон ба таври самаранок ташаккул дода шаванд, қалб аз ҳама, мундариҷаи кор дар самти рушди салоҳияти онҳо бояд муайян карда шавад.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ имкон медиҳад, ки сохтори салоҳияти мураббия ва падару модарро ҳамчун ягонагии интегратсионии ҷузъҳои

шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолнокӣ муайян намоем. Е.А.Савина хусусиятҳои хоси падару модарро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, таъкид кадааст, ки:

« - ҳадаф бояд на азхудкунии донишҳои нав, балки таҷдиди тачрибаи мавҷуда бошад, ба арзишҳо диққати махсус дода шавад;

– ташхис бояд бо худбаҳодиҳӣ ва арзёбии муштарак иваз карда шуда, ба худбаҳодиҳӣ диққати бештар дода шавад» [108, с.91].

Ба ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила шароити психологӣ-педагогии дар боб ҷудошуда мусоидат мекунад:

1) Ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модарон бо кӯдакон дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ба рушди иҷтимоии кӯдак ва шахсии калонсолон равона шуда, ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи зеринро дар бар мегирад.:

а) аксеологӣ - муносибати арзишӣ ба худ, ба шарик, ба фаъолият; ягонагии самтҳои арзиш; ҳавасмандкунии ҳарду субъекти ҳамкорӣ ба фаъолияти муштарак;

б) эмотсионалӣ - фазои мусоиди эҳсосӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, тарзи фаҳмиши муносибатҳо;

в) рағбатнокӣ (когнитивӣ) - мавқеи субъективии волидайн ва эътирофи субъективии кӯдакон, зуҳуроти фаъолияти эҷодии ӯ;

г) фаъолиятӣ – ин ҷалби кӯдак ба фаъолияти муштараки муассисаи таълимии томактабӣ ва оила мебошад, аз қабили меҳнатӣ, эҳсосӣ-коммуникативӣ, фароғатӣ, иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоикунонӣ.

2) Шароити 2. Рушди салоҳияти мураббия ва падару модарон дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ, ин маҷмӯи хусусиятҳои шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолиятии онҳост, ки барои ҳамкории созанда бо кӯдак ва рушди самараноки сифатҳои иҷтимоии ӯ заруранд.

Роҳбарии ғайримустақими педагогии ташаккули сифатҳои

иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ ба воситаи муассисаи таълимии томактабӣ ва оила тавассути ғанӣ гардонидани салоҳияти мураббия ва падару модар имконпазир аст. Ин раванд на танҳо баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои падару модаронро дар бар мегирад, балки инчунин фароҳам овардани шароит барои ташаккули муносибатҳои эътимоднок ва мутақобила, инкишофи малакаҳои муошрати самаранок бо фарзандон ва фаҳмиши амиқи ниёзҳо ва хусусиёти синнусолии онҳоро низ дар бар мегирад.

Тавсеаи салоҳияти мураббия ва падару модар имкон медиҳад, ки муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ба муҳити мусоид барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон табдил ёфта, ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат намояд.

2.2. Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот

Барои тасдиқи фарзия, мо амсилаи озмоиширо бо ду гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ (5-7 сола) интихоб кардем: озмоишӣ ва назоратӣ, бо санҷиши тестии пешакӣ ва ниҳоӣ.

Барномаи таҳқиқоти озмоишӣ

Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот барномаи кори озмоишӣ оид ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила таҳия карда шуд.

Марҳилаҳои барномаи таҳқиқоти озмоишӣ

Барномаи таҳқиқоти озмоишии тасвиби самаранокии амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила таҳияшуда аз марҳилаҳои мушаххас ва пайдарпай иборат буд. Ҳар як марҳила ҳадафҳо ва вазифаҳои муайяни худро дошт, ки ба расидан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот равона шуда буданд.

1) Марҳилаи муқарраркунанда (2020): Ин марҳила оғози таҳқиқот буда, асосан ба омодагӣ ба кори озмоишӣ равона шуда буд. Дар ин

марҳила вазифаҳои зерин иҷро шуданд:

• интихоб ва озмоиши усулҳои таҳқиқот: муайян кардани воситаҳои мувофиқ ва самараноки ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот;

• муайян кардани гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ: ташкили гурӯҳҳо барои муқоисаи таъсири барномаи озмоишӣ;

• омӯзиши сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон: муайян кардани сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоӣ пеш аз оғози татбиқи барнома.

2) Марҳилаи ташаккулдиҳанда (2020-2023): Ин марҳила марҳилаи асосии таҳқиқоти озмоишӣ буда, ба татбиқи мустақими барномаи таҳияшуда нигаронида шуда буд. Дар ин марҳила вазифаҳои зерин иҷро шуданд:

• татбиқи барномаи «Ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила»: амалӣ намудани чорабиниҳо ва фаъолиятҳое, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила нигаронида шудаанд;

• таҳияи тавсияҳои методӣ ва дафтарчаи корӣ ба амал нигаронидашуда барои падару модар: таъмини падару модар бо маводҳои зарурӣ барои мусоидат ба рушди сифатҳои иҷтимоии фарзандонашон.

3) Марҳилаи назоратӣ (2023-2024): Ин марҳила ба арзёбии самаранокии барномаи озмоишӣ равона шуда буд. Дар ин марҳила вазифаҳои зерин иҷро шуданд:

• омӯзиши дубораи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабии гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ: баҳодиҳии тағйироти дар рушди сифатҳои иҷтимоӣ рухдода дар натиҷаи татбиқи барнома;

• таҳлил ва муқоисаи маълумоти марҳилаи муайянкунанда ва натиҷаҳои кори озмоишӣ: муайян кардани фарқиятҳои байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ва арзёбии таъсири барнома;

• коркарди натиҷаҳои ниҳоӣ ва омода кардани хулоса дар бораи самаранокии амсила: Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва пешниҳоди

тавсияҳо барои татбиқи минбаъдаи амсила.

Тавсифи заминаи таҳқиқот ва намунаи субъектҳо

Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №59 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, №52 ноҳияи Фирдавсӣ , №1-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва №7-и шаҳри Турсунзода гузаронида шуд.

Сипас, усулҳо ва методикаҳои мувофиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб ва татбиқ карда шуданд.Аввалан, мо гурӯҳҳои озмоиширо ташкил намудем ва дар баробари ин тамоми воситаҳо ва технологияҳоеро, ки барои анҷоми таҳқиқот зарур буданд, бодиққат интихоб ва мушаххас кардем.

Мукаммалсозии гурӯҳҳои озмоишшаванда

Мо ду гурӯҳи иштирокчиёни озмоишро ташкил намудем: гурӯҳи озмоишӣ (30 кӯдак) ва гурӯҳи назоратӣ (30 кӯдак). Тақсимоти онҳо дар асоси натиҷаҳои марҳилаи ибтидоӣ — озмоиши муқарраркунанда — сурат гирифт.

Дар айни замон, мо ҳатман розигии ихтиёрии падару модарро барои иштирок дар озмоиши ташаккулёбанда ба назар гирифтем, зеро ин як шарти муҳими этикӣ ба ҳисоб меравад. Ҷолиб он аст, ки тибқи ҳисобҳои мо, дар оғози таҳқиқот ҳарду гурӯҳ тақрибан як сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоиро нишон медоданд, ки ин барои муқоисаи минбаъда заминаи мусоид фароҳам овард.

Минбаъд мо ба нақша гирифтаем, ки таҳлили муфассал, тафсир ва натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳандаро пешниҳод намоем, ки ҳадафи он тасдиқи самаранокии равишҳои таҳиякардаи мо дар ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила мебошад. Марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст:

• интихоби маҷмӯи воситаҳои ташхисӣ, ки саволномаҳо ва тестҳоро дар бар мегиранд, барои омӯзиши ҳамаҷонибаи сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар субъектҳои мо - кӯдакони синни калони томактабӣ.

Инчунин, дар ин марҳила меъёрҳои дақиқи арзёбии сатҳи ташаккули ҳар як сифати ташхисшаванда таҳия карда шуданд;

• гузаронидани расмиёти ташхисӣ ва арзёбии сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар ҳар як иштирокчии озмоиш;

• дар асоси натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда мо теъдод ва ҳайати гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратиро муайян кардем. Ба ибораи дигар, маҳз ташхиси ибтидоӣ ба мо имкон дод, ки гурӯҳҳоро ба тавре ташкил намоем, ки дар оғози таҳқиқот онҳо аз рӯи сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ ҳарчи бештар ба ҳам наздик ва қобили муқоиса бошанд.

Шартҳои гузаронидани таҳқиқот.

Таҳқиқот бо мақсади муайян кардани сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон гузаронида мешавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, шартҳои зерин муқаррар карда шуданд:

• Интихоби воситаҳои ташхисӣ: Воситаҳои ташхисӣ бояд мувофиқи фарзия, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд барои муайян кардани сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мувофиқ бошанд;

• Омӯзиши сифатҳои иҷтимоӣ: Сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ба таври ғайримустақим тавассути мураббиён ва падару модари онҳо омӯхта мешаванд. Мураббиён ва падару модар дар асоси мушоҳидаҳои шахсии худ дар бораи кӯдакон ва иҷрои супоришҳои тестӣ ба саволҳо ҷавоб медиҳанд;

• риояи стандарти муайян: Тартиби пурсишҳои мураббиён ва падару модар бо истифода аз тестҳои пешниҳодкардаи онҳо риояи стандарти муайянро пешбинӣ мекунад. Ин стандарт барои таъмини муқоисашавандагии натиҷаҳо ва пешгирӣ аз хатогиҳо зарур аст;

• марҳилаи омодагӣ: Дар марҳилаи омодагӣ, педагог бояд:

• хусусияти мухтасари ҳар як хислати ташхисшавандаро эълон кунад, то ки падару модар тафсири нодуруст накунанд;

• дастур оид ба пур кардани ҳар як пурсишномаро пешниҳод кунад,

ки барои ҳама якхела бошад (дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ);

• ҳар гуна инҳироф ё тавзеҳоти иловагиро истисно кунад;

• муайян кардани меъёрҳои ягонаи оморӣ: Барои муқоисаи минбаъдаи натиҷаҳои бадастомада, меъёрҳои ягонаи оморӣ муайян карда шуд. Инчунин, гунаҳои мухталифи стандартии ҷавобҳо ба назар гирифта шуд. Риояи ин шартҳо имкон медиҳад, ки таҳқиқот боэътимод ва самаранок гузаронида шавад, ва маълумоти дақиқ дар бораи сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ба даст оварда шавад.

Интихоби роҳу усулҳо. Дар ин тадқиқот ҳангоми интихоби маводи ташхисӣ ва усулҳои таҳқиқи рушди иҷтимоии кӯдакон ба асарҳои олимон А.М.Щитинина, Н.А.Абрамова, В.Г.Шур, А.Г.Баркан, Коломийченко такя карда шуд. Аз тариқи усулҳои ҳамгирошуда - мушоҳидаи падару модар ва омӯзиши тестҳои иҷрокардаи кӯдакон ташхис гузаронидем. Таҳқиқот таҳти сарварии мураббия бо иштироки падару модар баргузор карда шуд (Ниг. ба ҷадвали 3).

Меъёрҳо	**Нишондиҳандаҳо**	**Усулҳои ташхисӣ**
1.Маводи ташхисӣ барои таҳқиқи мураббиён ва падару модар оид ба сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси мушоҳида фаъолияти онҳо		
1. Мустақилият	Қобилияти ташкили фаъолияти худ, иҷрои кор то охир	Харитаи зуҳуроти мустақилият (А.М.Щитинина)
2. Фаъолнокӣ	Хоҳиши иштироки фаъолона дар чорабиниҳо	Харитаи зуҳуроти фаъолнокӣ (А.М.Щитинина, Н.А.Абрамова)
3. Ташаббускорӣ	Қобилияти оғоз кардани ягон фаъолият, хоҳиши аввалин шудан	Харитаи зуҳуроти ташаббускорӣ (А.М.Щитинина)
		Давоми ҷадвал
4. Рафтори ихтиёрӣ	Қобилияти назорат кардани рафтори худ, интихоби муносибати разишманд нисбати дигарон, қабул ва иҷрои қоидаи гурӯҳ, иҷрои талаботи калонсолон	Азёбии дараҷаи ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак аз рӯи натиҷаи мушоҳидаҳо (А.М.Щитинина, Л.В.Кирс)
5. Баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамкорӣ	Қобилияти иштирок дар муколмами шарикӣ	Ташхиси қобилияти кӯдакона ба муколамаи шарикӣ

		(А.М.Щитинина)
2. Маводи ташхисӣ барои омузиши сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси омузиши тестҳои аз ҷониби кӯдакон иҷрошуда		
6. Худбаҳодиҳӣ	Арзёбии худ	Санҷиши «Нардбон» (Лесенка) В.Г Шур
7. Муносибати мусбии эмотсионалӣ	Ҳолати умумии эмотсионалӣ (эҳсосотӣ)-и кӯдак	Санҷиши «Расми оила (А.И.Баркан) тағирёфта

Ҷадвали 3. Усулҳои таҳқиқи сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ

Педагог натиҷаи пурсиши мураббия падару модарро арзёбӣ карда, холҳои умумии бадастовардаи онҳоро ҷамъбаст намуд. Бояд ёдовар шуд, ки сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакон бо холҳои паст, миёна ва баланд баҳогузорӣ када шуд. Усулҳои дар таҳқиқоти озмоишӣ корбурдшударо муфассал дар зер шарҳ медиҳем.

I. Маводи ташхисӣ барои таҳқиқи мураббиён ва падару модар оид ба сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси мушоҳида фаъолияти онҳо (мушоҳидаи дарозмуддати рафтори кӯдак ва пур кардани кортҳои ташхисӣ):

1) Барои арзёбии мустақилияти кӯдакон, мо аз Ҷадвали А.М.Щетинина (Замимаи 1) истифода бурдем. Мураббия ва падару модар пурсишномаҳои 12-саволиро пур карданд ва яке аз вариантҳо - ҳеҷ гоҳ, баъзан ё аксар вақтро интихоб карданд. Ин ба мо имкон дод, арзёбӣ кунем, ки кӯдакон дар вазъиятҳои гуногун то чӣ андоза мустақил буданд. Тавре ки худи А.М. Шетинина қайд кардааст: «Дар кӯдак талабот ба мустақилият вуҷуд дорад, ки онро аз рӯйи дараҷаи фаъолият ва ташаббус, нишон додани таваҷҷуҳ ба ин ё он фаъолият ва хоҳиши машғул шудан ба он, аз рӯйи ноил шудан ба натиҷаи ҳадафи беруна ё дохилии фаъолият муайян кардан мумкин аст» [126, с.18].

2) Фаъолнокӣ ва ташаббуси кӯдакон бо истифода аз усулҳои «Харитаи зуҳуроти фаъолнокӣ» (А.М.Щитинина, Н.А.Абрамова)

(Замимаи 2) ва «Харитаи зуҳуроти ташаббускорӣ» (А.М.Щетинина) (Замимаи 3) арзёбӣ карда шуданд. Падару модар бо посух додан ба 16 ва 11 савол мутаносибан баҳо доданд, ки фарзандашон то чӣ андоза фаъолият ва ташаббус нишон додааст. Имконоти посух чунин буданд: ҳеҷ гоҳ, баъзан ва аксар вақт.

3) Рафтори ихтиёрии кӯдакон бо истифода аз усули «Азёбии дараҷаи ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак аз рӯи натиҷаи мушоҳидаҳо» (А.М.Щитинина,Л.В. Кирс) (Замимаи 3) муайян карда шуд. Дар ин раванд, падару модар рафтори фарзанди худро дар миқёси 10-холӣ баҳогузорӣ менамуданд. Сипас, барои ҳар як миқёс холҳои миёна ҳисоб карда шуда, рафторҳои мусбат ва манфӣ алоҳида арзёбӣ гардиданд. Барои муайян кардани сатҳи таъсири мутақобила ва ҳамкорӣ мо аз усули «Ташхиси қобилияти кӯдакон барои муколамаи шарикӣ» (А.М.Щетинина) истифода бурдем. Се ҷанбаи асосии қобилияти кӯдакон барои муошират бо шарик арзёбӣ карданд. Ҳар яке аз ин ҷузъҳо баҳо гирифта, натиҷаҳо ба ҷадвали махсус ворид карда шуданд, то таҳлил осонтар гардад.

II. Усулҳои ташхиси падару модар тавассути омӯзиши натиҷаҳои фаъолияти кӯдак:

Муайян кардани сатҳи худбаҳодиҳӣ ва муносибати падару модар бо истифода аз тести «Нардбон» (В.Г. Шур): Кӯдак дар расми зинапоя (бо «бачаҳои беҳтарин» дар боло ва «бадтарин» дар поён) мавқеи худро ва аъзоёни оиларо муайян мекунад. Мавқеи кӯдак дар зинапоя худшиносӣ ва муносибати падару модарро нишон медиҳад. Кӯдаки дорои худбаҳодиҳии муқаррарӣ итминон дорад, ки падару модар ӯро дар зинаҳои баланд ҷойгир мекунанд. (Замимаи 4)

2) Омӯзиши муносибатҳо ва ҳолати эҳсосӣ бо санҷиши тасвирии «Расми оила» (А.И. Баркан): Кӯдак оилаи худро бо қаламҳои оддӣ ва ранга мекашад. Ҳангоми таҳлили иттилооти бадастомада мо, пеш аз ҳама, ба ҷанбаҳои гуногун диққат додем: вокуниши эҳсосӣ, мазмуни тасвир, андоза, ҷойгиршавӣ дар фазо ва мавқеи кӯдак дар расм. Чунин

равиши муфассал ба мо имкон дод, ки на танҳо натиҷаро, балки ҳолати дохилии кӯдакро низ беҳтар дарк намоем. (Замимаи 5)

Барои он ки тафсири натиҷаҳо дақиқтар ва муттасилтар бошад, мо ҷадвали меъёрии махсуси баҳодиҳиро таҳия кардем ва ҳамаи маълумотро ба ҷадвали санҷиши «Оилаи ман» ворид намудем. Ин кор, таҳлилро хеле осонтар ва низомнок гардонд.

Натиҷаҳои озмоиши муқаррарқунанда

I. Сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси пурсишномаҳо ва мушоҳидаҳои падару модар арзёбӣ гардиданд. Аслан, ин сифатҳо инъикосгари тарзи муошират кӯдак бо дигарон мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада дар диаграммаҳо пешниҳод ва ҷамъбаст шудаанд.

1.Мустақилият. Таҳлил нишон дод, ки кӯдакон, умуман, майли ҷустуҷӯи фаъолият доранд. Аммо дар амал, бисёре аз онҳо ҳангоми интихоб ё иҷрои супоришҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ба назари мо, ин ҳолат тасодуфӣ нест — баръакс, нишон медиҳад, ки кӯдакон ҳанӯз ба дастгирӣ ва роҳнамоии бештар ниёз доранд. Таҳлили кортҳои пуркардаи мураббиён ва падару модар нишон дод, ки аксари онҳо дар посух ба саволҳо дар бораи мустақилияти кӯдакон ҷавобҳои «ҳеҷ гоҳ» ва «баъзан»-ро интихоб кардаанд. Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки мустақилияти кӯдакон дар сатҳи паст қарор дорад.

Ба таври мушаххас, 19,1% кӯдакони ГО ва 29,8% кӯдакони ГН мустақилияти паст доранд. Қисми зиёди кӯдакон, яъне 69% кӯдакони ГО ва 56% кӯдакони ГН, мустақилияти миёна доранд. Дар баробари ин, танҳо 11,9% аз ҳарду гурӯҳ (ГО ва ГН) мустақилияти баландро нишон доданд (нигаред ба диаграммаи 4). Ин маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки баланд бардоштани сатҳи мустақилияти кӯдакон вазифаи муҳим аст.



Диаграммаи 1. Сатҳи ибтидоии ташаккули мустақилияти кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

2. Фаъолнокӣ. Фаъолнокии кӯдакон чандон баланд нест: 21,8%-и кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) ва 24%-и гурӯҳи назоратӣ (ГН) сатҳи пасти фаъолият доранд. Қариб 68,2%-и ГО ва 69%-и ГН фаъолияти миёна доранд ва танҳо 10,5%-и ГО ва 7,1%-и ГН фаъолияти баланд нишон медиҳанд (нигаред ба расми 5). Агар фаъолият барои кӯдакон ҷолиб бошад, онҳо худро фаъол нишон медиҳанд, аммо дар ҳамкорӣ бо дигарон, қабули ёрӣ ва изҳори таваҷҷӯҳ мушкилӣ мекашанд.

Диаграммаи 2. Сатҳи ибтидоии ташаккули фаъолнокии кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

3.Ташаббускорӣ. Агар ба зуҳуроти ташаббус баҳо диҳем, маълум мешавад, ки дар бозиҳо 6% писарон ва 9% духтарон роҳбариро ба уҳда доранд. Аммо, аксари писарон умуман ба роҳбарӣ шавқ надоранд ва ташаббус аз худ нишон намедиҳанд. Ташаббус аз ҳама хислати

мушкилест, ки дар писарон ба сустӣ инкишоф меёбад (дар *гурӯҳҳои назоратӣ* 40,5%, дар *гурӯҳҳои озмоишӣ* 30%) (Ниг. ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 3. Сатҳи ибтидоии ташаккули ташаббускории кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

4.Рафтори ихтиёрӣ (озодона). Барои баҳодиҳии сатҳи рушди рафтори ихтиёрии кӯдакон мо ба маълумоте такя кардем, ки мураббиён ва падару модар дар бораи ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдакон пешниҳод намуданд. Яъне, ба як маъно, аз нигоҳи худи онҳо кӯшиш кардем бубинем, ки кӯдак дар вазъиятҳои ҳаррӯза чӣ гуна рафтор мекунад.

Тавре ки маълум шуд, рафтори ихтиёрии рушдёфта дар кӯдакон бо роҳҳои гуногун зоҳир мегардад. Масалан, онҳо тадриҷан меомӯзанд, ки чӣ гуна бо дигарон дуруст муошират кунанд, манфиатҳои дигаронро низ ба назар гиранд ва ҳатто баъзан онҳоро аз манфиатҳои шахсии худ болотар гузоранд. Илова бар ин, чунин кӯдакон қоидаҳоро беҳтар риоя мекунанд, метавонанд рафтори худро назорат намоянд ва дар ҳолатҳои баҳсӣ, махсусан дар масъалаҳои ночиз, худро нигоҳ доранд. Ба назари ман, яке аз нишонаҳои муҳим ҳамин аст, ки онҳо аллакай кӯшиш мекунанд роҳҳои оқилонаи ҳалли низоъҳоро пайдо кунанд, на ин ки танҳо вокуниши эҳсосӣ нишон диҳанд.

Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки кӯдак то чӣ андоза худро хуб идора мекунад ва бо дигарон муносибатҳои солим барқарор мекунад (нигаред ба диаграммаи 7).

Диаграммаи *4. Сатҳи ибтидоии ташаккули рафтори ихтиёрии кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ*

Мувофиқи диаграммаи 7, аксарияти кӯдакон (72%) сатҳи миёнаи рафтори ихтиёриро нишон медиҳанд. Сатҳи баланд дар байни кӯдакони гуруҳҳои ГО ва ГН камтар маъмул аст ва нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 5% ва 8% мерасанд. Сатҳи паст дар 18% кӯдакони ГО ва 23% дар ГН ошкор гардид.

5. Қобилияти якҷоя амал кардан ва ҳамкорӣ. Дар самти ташаббускорӣ ва қобилияти ҳамкорӣ дар муошират, пешравиҳо суст ба назар мерасанд (ГО-31%, ГН-27%). Кӯдакон дар маҳоратҳои муҳим, аз қабили фаъолона гӯш кардан, гуфтушунид ва ҳамкорӣ, душворӣ мекашанд. Сатҳи баланди ҳамкорӣ, ки бо гӯш кардани оромона, ёфтани заминаи муштарак ва ҳамоҳангсозии осон тавсиф мешавад, танҳо дар 7,8% кӯдакон мушоҳида мешавад. Сатҳи миёна, ки байни 60% ва 65% аст, аз қобилияти мутобиқшавии кӯдак шаҳодат медиҳад. Сатҳи пасти ҳамкорӣ (ГО-31,7%, ГН-27%) ё надоштани салоҳиятро дар ин самт нишон медиҳад (ниг. ба диаграммаи 8). Чунин натиҷаҳо зарурати таҳкими раванди таълимиро дар муассисаҳои таълимӣ тақозо мекунанд.

Диаграммаи *5. Сатҳи ибтидоии ташаккули қобилияти ҳамкории кӯдакон дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ*

6.Худбаҳодиҳӣ. Пеш аз оғози озмоиши ташаккулёбанда маълум гардид, ки ҳам дар гурӯҳи назоратӣ ва ҳам дар гурӯҳи озмоишӣ нишондиҳандаҳои сатҳи паст яксонанд (ҳар кадоме 10%). Аммо дар сатҳҳои миёна ва баланд фарқиятҳо ба назар мерасанд: дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳандаҳо бештар буданд (мутаносибан 22% ва 66%), дар ҳоле ки дар гурӯҳи озмоишӣ онҳо пасттар (4% ва 45%) ба қайд гирифта шуданд.

Ҷолиб он аст, ки дар маҷмӯъ бартарии худбаҳодиҳии баланд мушоҳида мешавад (расми 9). Ин, ба назари мо, барои кӯдакони синни 6–7 сола хос аст ва бештар ба он вобаста аст, ки тафаккури интиқодӣ ва қобилияти худандешӣ (рефлексия) ҳанӯз пурра рушд наёфтааст.

Бо вуҷуди ин, дар синни калони томактабӣ ва солҳои аввали мактаб кӯдакон тадриҷан ба худбаҳодиҳии воқеӣ наздик мешаванд: онҳо метавонанд хатогиҳои худро дарк кунанд ва рафтору амалҳои худро арзёбӣ намоянд. Аммо натиҷаҳои мо нишон медиҳанд, ки аксари иштирокчиён ҳанӯз ҳам майли ба худ баҳои аз ҳад баланд додан доранд.

Дар баробари ин, тақрибан 10% кӯдакон мушкилоти ҷиддии худбаҳодиҳӣ доранд, ки ислоҳи минбаъдаро талаб мекунад. Як нуктаи муҳим ин аст, ки худбаҳодиҳии кӯдак аксаран ба он вобаста аст, ки калонсолон ӯро чӣ гуна арзёбӣ мекунанд — гӯё кӯдак ин муносибатро қабул карда, онро нисбат ба худ татбиқ мекунад.

***Диаграммаи 6**. Сатҳи ибтидоии ташаккули худбаҳодиҳии кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ*

Муносибати мусбии эмотсионалӣ. Таҳқиқоти некӯаҳволии эмотсионалии кӯдакон дар МТТ ва оила нишон дод, ки танҳо чанд нафари онҳо худро аз ҷиҳати эмотсионалӣ хуб ҳис мекунанд ва бо МТТ ва оилаҳои худ робитаи наздик доранд. Тибқи маълумот, 31% кӯдакони маъмулӣ ва 36,5% кӯдакони дорои нуқсонҳои инкишофӣ назари умуман мусбат доранд. Вокунишҳо ба вазифаҳои арзёбии эҳсосот гуногун буданд. Масалан, 10% кӯдакон расм накашиданд ва 5% аъзоёни оилаи худро расм накашиданд. Ин метавонад мушкилотро дар муносибатҳои МТТ ва оила нишон диҳад.

Диаграммаи 7. Сатҳи ибтидоии ташаккули рӯҳияи мусбати кӯдакони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

Дар диаграммаи 11 натиҷаҳои умумии дар марҳилаи муқаррарқунанда аз ҷониби ГО ва ГН бадастовардашуда нишон дода шудаанд.



Расми 8. Маълумоти умумӣ аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти сифатҳои иҷтимоии гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ (%)

Дар маҷмӯъ, сифатҳои иҷтимоии аксари кӯдакон дар сатҳи миёна қарор доранд (73% ГО ва 69% ГН). Сатҳи баланди рушд дар 8,2% (ГО) ва 9,7% (ГН), сатҳи паст дар 19,8%-и ҳарду гурӯҳ мушоҳида шуд. Сифатҳои ташаббускорӣ ва ҳамкорӣ дар ҳарду гурӯҳ суст инкишоф ёфтаанд.

Натиҷаи озмоиши муқарраркунанда оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 4. Сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон (нишондиҳандаҳои умумии ГО ва ГН)

Дараҷаҳо	**Гурӯҳи озмоишӣ**		**Гурӯҳи назоратӣ**	
	нафар	**%**	**нафар**	**%**
Паст	6	19,8	3	19,8
Миёна	22	72	23	69
Баланд	2	8,2	4	11,2
Дараҷаҳо	**Гуруҳҳои озмоишӣ**		**Гуруҳҳои назоратӣ**	
	нафар	**%**	**нафар**	**%**
Паст	6	19,8	3	19,8
Миёна	22	72	23	69
Баланд	2	8,2	4	11,2
Дараҷаҳо	**Гуруҳҳои озмоишӣ**		**Гуруҳҳои назоратӣ**	
	нафар	**%**	**нафар**	**%**
Паст	6	19,8	3	19,8
Миёна	22	72	23	69
Баланд	2	8,2	4	11,2

Дар маҷмуъ, сифатҳои иҷтимоии аксари кӯдакон дар сатҳи миёна қарор доранд (72% ГО ва 69% ГН). Сатҳи баланди рушд дар 8,2% (ГО) ва 11,2 % (ГН), сатҳи паст дар 19,8%-и ҳарду гурӯҳ мушоҳида шуд. Сифатҳои ташаббускорӣ ва ҳамкорӣ дар ҳарду гурӯҳ суст инкишоф ёфтаанд.

Дар таҳлили натиҷаҳои бадастомада муайян гардид, ки аксарияти кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) - 71,5% ва гурӯҳи назоратӣ (ГН) - 67% сатҳи миёнаи рушди иҷтимоӣ доранд. Ин нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон малакаҳои иҷтимоиро дар сатҳи кофӣ азхуд кардаанд, аммо барои баланд бардоштани онҳо зарурат вуҷуд дорад.

Муқоисаи ду гурӯҳ нишон дод, ки фарқияти назаррас дар сатҳи рушди иҷтимоӣ байни онҳо мушоҳида нашуд. Ин далел тасдиқ мекунад,

ки гурӯҳҳо барои таҳқиқ баробаранд ва имкон медиҳад, ки баъдтар самаранокии чорабиниҳои гузаронидашуда дар гурӯҳи озмоишӣ арзёбӣ карда шавад.

Минбаъд, бо гурӯҳи озмоишӣ корҳо дар давоми соли хониш, аз моҳи сентябр то май идома ёфтанд. Ин корҳо ба рушди сифатҳои иҷтимоӣ, аз қабили қобилияти ҳамкорӣ, муошират, ҳалли муноқишаҳо ва ифодаи эҳсосот равона шуда буданд. Дар ҳоле ки бо гурӯҳи назоратӣ ягон кори махсус гузаронида нашуд, ин имкон дод, ки натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳи озмоишӣ бо натиҷаҳое, ки дар гурӯҳи назоратӣ ба даст оварда шуданд, муқоиса карда шаванд ва самаранокии чорабиниҳои гузаронидашуда арзёбӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар ин марҳилаи таҳқиқот сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакон бо истифода аз асбобҳои ташхисии мувофиқ таҳқиқ карда шуд ва ҳайати гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ муайян карда шуд. Натиҷаҳои бадастомада имкон доданд, ки самтҳои минбаъдаи кор муайян карда шаванд ва барномаи рушди иҷтимоии кӯдакон таҳия карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки сатҳи ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, аз қабили қобилияти муошират, ҳамкорӣ, ҳалли муноқишаҳо ва зоҳир кардани эҳсосоти худ дар кӯдакони томактабӣ диққати бештарро талаб мекунад. Дар ҳоле, ки 71,5% кӯдакон сатҳи миёнаи рушди иҷтимоӣ доранд, 20% сатҳи паст доранд, ин нишон медиҳад, ки тақрибан аз панҷ як нафари кӯдакон дар соҳаи иҷтимоӣ мушкилот доранд ва ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд.

Хусусан, нишондиҳандаҳои ташаббускорӣ, фаъолият ва мустақилият паст мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки кӯдакон дар муошират бо ҳамсолон, иштирок дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва қабули қарорҳои мустақил душворӣ мекашанд. Рушди ин сифатҳо барои мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ муҳим аст.

Рафтори ихтиёрӣ, яъне қобилияти идоракунии рафтори худ ва эҳсосот, дар аксари кӯдакон дар сатҳи миёна қарор дорад. Ин барои кӯдакони синни томактабӣ муқаррарӣ аст, аммо барои кӯдакони синни

калони томактабӣ, ки давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мебошад ва бояд дарккунии мавқеи иҷтимоии худро дошта бошанд, ташвишовар аст.Аз ҷумла, муошират ва ҳамкорӣ бо ҳамсолон на он қадар қонеъкунанда буда, чунин вазъ аз он далолат мекунад, ки баъзе мушкилот дар ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва атрофиён мавҷуд аст.

Чунин ҳолат тақозо дорад, ки малакаҳои иҷтимоии кӯдакон ба таври мақсаднок ва самаранок ташаккул дода шавад. Дар ин кор, инчунин муҳим аст, ки аз имкониятҳои МТТ ва оила ва ниҳодҳои иҷтимоиро истифода барем. МТТ ва оила ва ниҳодҳои иҷтимоӣ метавонанд дар муҳити мусоид, ки дар он кӯдакон метавонанд малака ва сифатҳои нави иҷтимоиро ба даст оранд ва тарбия ёбанд, нақши калидӣ бозанд. Аз ин рӯ, дар доираи ин таҳқиқот, кор бо падару модари гурӯҳи озмоишӣ низ ташкил карда шуд, ки ҳадафи он баланд бардоштани салоҳияти онҳо дар масъалаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон буд.

Хулосаи боби дуюм

1. Гузаронидани пурсишҳо имкон дод, ки дар бораи салоҳият ва имкониятҳои педагогии мураббиёну падару модар тасаввуроти дақиқ ҳосил карда шавад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар аксарият маврид равишҳои анъанавии тарбия бартарӣ доранд, ки аз насл ба насл мегузаранд ва аксар вақт ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нестанд.

2. Ташкили гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ: Дар асоси натиҷаҳои коркарди маълумоти ҷамъовардашуда, ки бо истифода аз усулҳои тестӣ ва суҳбатҳо бо мураббиёну падару модар ба даст оварда шуданд, ду гурӯҳи таҷрибавӣ ташкил карда шуданд - гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ. Ҳар як гурӯҳ аз 30 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ иборат буд. Ин тақсимот имкон дод, ки самаранокии барномаи таҳияшуда дар марҳилаи ташаккулдиҳанда ба таври объективӣ арзёбӣ карда шавад.

3. Дар марҳилаи ташаккулёбанда кор бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ дар МТТ бо нақши роҳбарикунандаи мураббиён дар раванди баланд

бардоштани салоҳияти онҳо дар барномаи муаллифӣ ва технологияи инноватсионӣ гузаронида шуд.

4. Дар марҳилаи ниҳоии таҳқиқот, яъне дар марҳилаи назоратӣ, арзебии самаранокии кори анҷомдодашуда гузаронида шуд. Барои ин марҳила низ ҳамон усулҳои ташхисӣ, ки дар марҳилаи ибтидоӣ истифода мешуданд, истифода шуданд, ки ба арзебии объективии тағирот дар сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар тарбиятгирандагони ҳарду гурӯҳ – назоратӣ ва озмоишӣ имкон дод.

5. Таҳлили маълумотҳои бадастомада нишон дод, ки дар ҳарду гурӯҳ дар рушди сифатҳои иҷтимоӣ пешрафтдар сатҳи миёна ба назар мерасад. Эҳтимол, ин ба таъсири муҳити таълимӣ ва рушди табиии кӯдакон вобаста аст.

6. Аммо, таҳлили муфассалтар фарқияти назаррасро дар динамикаи рушд байни гурӯҳҳо ошкор кард. Дар гурӯҳи озмоишӣ натиҷаҳо назар ба гурӯҳи назоратӣ хеле баландтар буданд.

7. Дар гурӯҳи назоратӣ афзоиши ками сатҳи баланд (1,8%) ва сатҳи миена (1,2%) ва инчунин коҳиши сатҳи пасти рушди сифатҳои иҷтимоӣ (4,5%) мушоҳида карда шуд. Дар гурӯҳи озмоишӣ бошад афзоиши назарраси сатҳи баланд (36,5%), коҳиши сатҳи миёна (17,4%) ва сатҳи паст (18,3%) ба қайд гирифта шуд.

8. Ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки барномаи озмоишии таҳияшуда дар рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон нисбат ба равишҳои анъанавӣ самараноктар аст. Афзоиши назарраси сатҳи баланд ва ҳамзамон коҳиш ёфтани сатҳи паст дар гурӯҳи озмоишӣ тасдиқ мекунад, ки тадбирҳои андешидашуда ба беҳтар шудани дониш, малака ва рафтори иҷтимоии кӯдакон мусоидат кардаанд. Ҳамин тариқ, дар бораи муваффақияти барномаи озмоишӣ бо боварӣ сухан гуфтан мумкин аст.

9. Муқоисаи маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ баланд шуда, самаранокии кор оид ба рушди иҷтимоӣ дар доираи озмоиши ташаккулёбанда тасдиқ мегардад.

БОБИ 3. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАТБИҚИ АМСИЛАИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН ВА НАТИҶАБАРДОРӢ АЗ ОН

3.1. Татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила

Мақсади марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш - ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабии гурӯҳи озмоишӣ дар асоси амсилаи сохторӣ ва муҳтавоии пешниҳодкардаи мо ва санҷиши самаранокии он дар амал мебошад.

Ҳадафи мазкур тавассути ҳалли вазифаҳои зерин муяссар мегардад:

Аввалан, ба ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон дар гурӯҳи озмоишӣ таъсири ғайримустақим расонидан лозим аст. Ин тавассути таълим истифодаи усулҳои ташкили ҳамкории субъект-субъект дар МТТ ва оила ва фароҳам овардани шароити беҳтарин барои рушди шахсии кӯдак ба даст оварда мешавад. Ба ибораи дигар, мо ба баланд бардоштани фарҳанги мурабиёну падару модар диққат медиҳем, ки дар навбати худ ба кӯдакон таъсири мусбат мерасонад.

Дуюм, ташаккули салоҳияти мурабиёну падару модар дар масъалаҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ муҳим аст. Барои ин, барномаи махсус барои баланд бардоштани салоҳияти мураббиёну падару модар таҳия ва татбиқ карда мешавад. Ин барнома бояд дониш ва малакаҳои мураббиёну падару модарро, ки барои иштироки фаъолона дар иҷтимоикунонии кӯдакон заруранд, ташакккул диҳад.

Таҳқиқоти озмоишӣ бо иштироки гуруҳи озмоишии 60 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб), 6 нафар мураббияҳои таҷрибадор, 50 нафар падару модар иштирок намуданд. Пас аз ташкили гурӯҳҳои озмоишӣ (30 нафар) ва назоратӣ (30 нафар) барои гузаронидани корҳои минбаъдаи таҷрибавӣ-озмоишӣ

шароити зарурии педагогӣ фароҳам оварда шуд.

Ҷолиби диққат аст, ки падару модари ин кӯдакон бошуурона дар маҳфилҳо ва бахшҳо барои кӯдакон дар синни томактабӣ интихоб мекунанд. Ин аз таваҷҷӯҳи самимии онҳо ба рушди кӯдакон, ҳавасмандии қавӣ барои тарбияи онҳо ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо шаҳодат медиҳад. Падару модар барои ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас омода буда, саъй доштанд, дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд.

Сохтори машғулиятҳо нишон медиҳад, ки кӯдакон дар чорабиниҳои таълимӣ аз 60 то 90 дақиқа иштирок мекунанд. Дар ин вақт, падару модар онҳоро дар минтақаи таъиншуда интизор мешаванд. Омили интизорӣ муҳим буд, зеро бисере аз падару модар, ки вақти холӣ доштанд, бо шавқ ба кори маҳфили оилавии «Мактаби оила» дохил шуданд ва дар озмоиш иштирок карданд. Барномаи маҳфил мақсаднок таҳия карда шуд (дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст) ва машваратҳо, фаъолияти лоиҳавии гурӯҳӣ ва дигар шаклҳои ҳамкории интерактивиро дар бар мегирифт. Мақсади ин чорабиниҳо баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модар ва таҳкими арзишҳои МТТ ва оила, мусоидат ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди кӯдакон мебошад.

Ҳангоми таҳияи барнома, мо принсипи ҳамкории субъект-субъектро, ки таъсири ғайримустақимро ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон тавассути кор бо мураббиёну падару модар пешбинӣ мекунад, ба роҳбарӣ гирифтем. Вазифаи аввалиндараҷа баланд бардоштани салоҳияти мураббиёну падару модар дар масъалаҳои ташаккули ин сифатҳо дар МТТ ва оила буд. Дар натиҷа, мураббиёну падару модари гурӯҳи озмоишӣ дар бораи роҳҳои рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон тавассути ташкили ҳамкории субъект-субъект маълумот пайдо карданд ва ин усулҳоро дар намудҳои гуногуни фаъолияти МТТ ва оила истифода бурданд.

Барномаи роҳнамоии мураббиёну падару модар, ки барои ГО

пешбинӣ шудааст, як ташаббуси муҳим дар самти ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мебошад. Ин барнома, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани салоҳияти мураббиёну падару модар равона шудааст, ки ин салоҳият аз се ҷузъи асосӣ – шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ иборат аст.

Яке аз ҳадафҳои асосии барнома ташаккули ҷузъи шахсиятии салоҳият мебошад. Ин маънои онро дорад, ки мураббиёну падару модар бояд масъулияти шахсии худро дар таъмини иҷтимоӣ-фардикунонии кӯдак дарк кунанд. Ҳамчунин, муҳим аст, ки онҳо нисбат ба кӯдак ва дигар аъзоёни ҷомеа мавқеи арзишӣ дошта бошанд ва барои тарбияи кӯдаки аз ҷиҳати иҷтимоӣ муваффақ ҳавасманд бошанд.

Барои он ки кӯдакон хушбахт ва муваффақ ба воя расанд, мураббия ва падару модар бояд маълумот оид ба рушди равонию синну солии онҳо дошта бошанд. Алалхусус, онҳо бояд донанд, ки барои синну соли кӯдак чӣ муқаррарӣ аст, хусусиятҳои синну солии онҳо аз чӣ иборат аст ва кадом малакаҳои иҷтимоӣ барои рушд лозиманд. Ҳамчунин, фаҳмидани тарзи кори муносибатҳои МТТ ва оила ва чӣ гуна беҳтар инкишоф додани малакаҳои иҷтимоии кӯдакон бо назардошти таъсири дохилӣ ва беруна муҳим аст. Ғайр аз назария, амалия низ муҳим аст. Мураббия дар ҳамкорӣ бо падару модар бояд малакаҳоеро инкишоф диҳанд, ки ба кӯдакон имкон диҳанд омӯзиш, таҳлил, банақшагирӣ, иҷро, муошират ва андеша карданро ёд гиранд.

Махсусан, падару модар бояд қодир бошанд, ки рушди иҷтимоии фарзандони худро арзёбӣ кунанд, дар хона фазои мусбат эҷод кунанд ва дарк кунанд, ки худашон то чӣ андоза хуб тарбия мекунанд. Академик М.Лутфуллозода дар китоби худ «Инсон ва тарбия» дар ин бобат чунин таъкид мекунад: «асоси тарбия бағали модару навозиши падар, дастгирӣ ва ғамхории давлату аҳли ҷамъият аст. Маҳорат ва санъати тарбия басо мушкил аст, вале аз ин дилсард нашавед. Ақли комил шуморо раҳнамоӣ мекунад» [67, с.168].

Мураббия дар якҷо бо падару модар бояд самтҳои омӯзишро муайян кунанд ва нақшаҳои рушдро ҳам барои худ ва ҳам барои кӯдакон

таҳия кунанд.

Барои ноил шудан ба ҳамаи ин бояд:

• барои кӯдакон шароит фароҳам оварда шавад, то малакаҳои иҷтимоиро инкишоф диҳанд;

• муносибатҳои МТТ ва оиларо такмил диҳанд ва фаъолиятҳои муштараки МТТ ва оиларо ташкил кунанд;

• кӯдаконро тадриҷан бо истифода аз усулҳои муассири рушд ба фаъолиятҳои гуногун ҷалб кунанд;

• дар бораи тарзи муошират бо кӯдакон, чӣ корҳояшон хубанд ва кӯдак чӣ гуна бояд рушд мекунад, андеша ва таҳлил кунанд;

• ҳадафҳои нав муқаррар кунанд ва дар раванди тарбия мунтазам тағйирот ворид кунанд.

Ҳамин тариқ, барномаи роҳнамоии мураббиёну падару модари ГО як воситаи муҳим ҷиҳати дастгирии падару модар дар раванди тарбияи кӯдакони аз ҷиҳати иҷтимоӣ муваффақ мебошад.

Барои он ки кӯдакон хушмуомила ба воя расида, бо дигарон меҳрубонона муошират кунанд, мустақил ва худбовар бошанд, дар ин ҷода аввал падару модар ба кӯмак ниёз доранд. Дар ин маврид А.Уразова қайд менамояд, ки «Вазифаи муҳими мураббии имрӯза тайёр намудани насли наврас ба таҳсил, касбомӯзӣ, фаъолият ва зиндагӣ кардан дар асри пур аз дигаргуниҳои иҷтимоию фарҳангӣ, техникиву сиёсӣ мебошад. Бояд кӯдак тавонад дар ҷомеа мавқеи худро муайян намуда, барои халқу ватани худ хизмат намояд» [184,с. 68].

Бинобар ин, барои баргузории озмоишҳои асосӣ барномаи корӣ барои мураббиёну падару модар ҷиҳати рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ таҳия кардем.

Барнома аз се бахш иборат буда, ба мураббиёну падару модар кӯмак мекунад, ки дар рушди иҷтимоии кӯдакон иштирокчиёни фаъол шаванд ва муҳити дастгирикунандаро фароҳам оваранд:

I. Падару модарӣ рисолати бузург аст (Ман чигуна волидайн ҳастам?).

II. Кӯдак - дар ҷомеа (Кӯдаки гурӯҳи ман чигуна аст?).

III. Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар намудҳои фаъолияти МТТ ва оила (Муносибати ман дар фаъолиятҳои гуногун бо кӯдак чӣ гуна аст?).

«Волидайн - рисолати бузург»: Чор машғулият барои ҳавасмандгардонии падару модар ба рушди худ, масъулияти тарбия ва фароҳам овардани шароити иҷтимоикунонии фардии кӯдак.

«Кӯдак - дар ҷомеа»: Се машғулият барои ташаккули тасаввурот дар бораи кӯдак ҳамчун шахси беназир, дарки имкониятҳои иҷтимоии МТТ ва оила ва шомилсозии кӯдак ба ҷомеа барои рушди иҷтимоӣ.

«Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар фаъолиятҳои МТТ ва оила»: Бахши аз ҳама калони фарогири 13 машғулият ва «Фестивали чорабиниҳои ҳамкории МТТ бо оила» ба ташкили муносибатҳои баробарҳуқуқи падару модар бо кӯдакон дар фаъолиятҳои МТТ ва оила (маънавӣ-ахлоқӣ, меҳнатӣ, эмотсионалӣ-коммуникатсионӣ, иқтисодӣ фароғатӣ), аз ҷумла, фаъолияти хоҷагидорӣ-маишӣ (хизматрасонии шахсӣ, меҳнати маишӣ, кор дар табиат, ҳунарҳо) равона шудааст, ки сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар он инкишоф меёбанд.

Фаъолияти меҳнатӣ, ки бо самарабахшӣ, табдили моҳияти ашё ва ғамхории мутақобила зоҳир мегардад, ҷузъи муҳими ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад. Истифодаи технологияҳои муосири ташкили фаъолият дар доираи МТТ ва оила раванди меҳнативу тарбиявии падару модарро ба таври назаррас осон мегардонад. Харитаҳои технологии намунавӣ ҳамчун воситаи муҳими ташкили фаъолиятҳои гуногуни МТТ ва оила хизмат намуда, ба танзими дурусти онҳо мусоидат мекунанд.

Воқеан, раванди илҳомбахшӣ ва ворид намудани кӯдак ба фаъолият ҳамчун иштирокчии фаъол барои мураббиёну падару модар мушкил буд. Бо мақсади табдил додани кӯдак ба «тамошобини дилчасп», падару модар нақши «ҳунарпеша» ва «афсунгар»-ро ба дӯш мегирифтанд. Вобаста ба ин Ю. А. Гладкова чунин андешаи ҷолибро пешниҳод менамояд, ки: «ҷалби кӯдак ва ба кор дилбаста намудани ӯ танҳо дар

сурате имконпазир аст, ки агар худи волидайн нисбат ба ин фаъолият таваҷҷӯҳ ва шавқи самимӣ нишон диҳанд. Дар аксари мавридҳо, кӯдакон хоҳиши азхудкунии корро ба монандӣ калонсолон изҳор менамуданд; ба ибораи дигар, мақсади падару модарро ҳамчун ҳадафи шахсии худ қабул мекарданд» [135, с. 23-25].

Барои ташкили вақтхушӣ вариантҳои гуногун пешниҳод карда шуданд, ки ба таҳкими робитаҳои МТТ ва оила дар рушди кӯдакон мусоидат мекунанд. Боздид аз театр ҷаҳонбинии ӯро васеъ мекунад ва ба санъат ҷалб мекунад ва шиносоӣ бо ҷойҳои боҳашамати зодгоҳаш ба шумо имкон медиҳад, ки таърих ва фарҳанги онро беҳтар донед. Ташкили зодрӯзҳо барои наздикон ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳро ба дигарон таълим медиҳад. Суҳбатҳои ҷойи шом фазои эътимод ва ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд меоранд ва тамошои якҷояи филмҳо таассурот ва мавзӯъҳои умумиро барои муҳокима фароҳам меорад.Чунин машғулиятҳои муштарак ба ҳамкории МТТ ва оила ва ташаккули манфиатҳои умумӣ мусоидат мекунанд.

Чорабиниҳои фароғатӣ дар МТТ ва оила ба анъанаҳо асос меёбад. Ба кӯдакон имконият дода мешавад, ки ташаббус нишон диҳанд ва муваффақиятҳои худро дар иду чорабиниҳои МТТ ва ҷашнҳои оила нишон диҳанд. Чорабиниҳои фароғатӣ ҷолибтар гузашта, ба иҷтимоишавии кӯдакон мусоидат карданд.

Барои мақсадҳои таълимӣ, мо як қатор чорабиниҳоро барои шинос кардани кӯдакон бо касбҳои гуногун анҷом додем, зеро иштироки фаъолонаи кӯдак дар бозиҳои дидактикӣ ҳамон вақт таъмин мегардад, ки ӯ агар ҳаҷми муайяни донишҳоро аз худ намуда аз уҳдаи иҷро кардани амалҳои фикрӣ (таҳлил, таркиб, муқоисакунӣ, хулоса ва ҷамъбаст намудан) баромада тавонад. Бинобарин мураббия кӯшиш менамояд, ки раванди ёдгирӣ, омузишӣ, таълимгирии кӯдаконро дар шакли дастрас, озод ва сабук ташкил намояд, ки он дар илми муосири педагогиӣ автодидактизм номида шудааст.

Мо бозиҳоеро ташкил кардем, ки кор дар мағоза, сартарошхона, китобхона, бонк, почта, нуқтаҳои шустушӯйи мошинҳо, таъмири мошинҳо ва беморхонаро тақлид мекарданд. Кӯдакон на танҳо ба саёҳат омаданд, балки дар ин раванд иштирок карданд: онҳо номаҳо фиристоданд, аз кормандон дар бораи корашон пурсиданд, ба онҳо кӯмак карданд ва барои харидҳояшон пардохт карда, бақияашонро ҳисоб карда гирифтанд.

Пеш аз он, омодасозии падару модар, аз ҷумла модели ҳолатҳо ва бозӣ кардани муколамаҳои нақшӣ амалӣ карда мешуд. Мураббия дастур гирифтанд, ки кӯдак бояд ба кадом ҷанбаҳои фаъолият диққат диҳад, кадом саволҳоро диҳад ва чӣ гуна ҳикояи мустақилро дар бораи таҷрибаҳо ҳавасманд кунад. Ин кор дар МТТ ва оилаҳое низ идома ёфт, ки дар он ҷо, агар имкон бошад, нашрияҳои махсус ва захираҳои интернетӣ барои омӯзиши амиқи касбҳо истифода мешуданд.

Вазифаҳои маънавию ахлоқӣ асоси тарбия буда, дар муносибат ба худ, дигарон, арзишҳо ва табиат зоҳир мешаванд. Мураббия бо иштироки кӯдакон дар корҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, аз қабили таҳқиқотҳо, саёҳатҳо ва аксияҳо («Ҳунарҳои пластикӣ», «Туҳфа ба собиқадор», «Ҷамъоварии қоғазпора», «Тозагии ҷӯйбор» ва ғайра) ба тарбияи онҳо диққат доданд. Ҳамчунин, муносибати сарфакорона ба ашё ва ғамхорӣ нисбат ба табиат тавассути ҷамъоварии партовҳо ва аксияҳои экологӣ тарғиб карда шуд. Муҳим аст, ки иштирок дар чунин корҳо ихтиёрӣ бошад ва кӯдак аз раванд ва натиҷаи он қаноатмандӣ ҳис кунад.

Ин равишҳо дар тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ба рушди ҳисси масъулиятнокӣ ва эҳсоси муҳаббат нисбат ба муҳити зист мусоидат мекунанд. Иштироки фаъолона дар корҳои иҷтимоӣ кӯдаконро водор месозад, ки арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили ҳамдилӣ, меҳрубонӣ ва адолатро дарк намоянд.

Дар ин замина, омӯзиши адабиёти бадеӣ, хусусан ҳикояҳо ва афсонаҳое, ки хислатҳои некро тарғиб мекунанд, нақши муҳим мебозад.

Таҳлили образҳои мусбат ва манфӣ ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар бораи аҳамияти интихоби дуруст ва оқибатҳои рафтори ношоиста андеша ронанд.

Ҳамкории муштараки муассисаи таълимии томактабӣ ва оила нақши муҳим дорад ва ҳамчун ришгае тамоми фаъолиятҳоро ба ҳам мепайвандад. Он асоси муносибатҳои солим ва ҳамкории байни аъзои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила мебошад. Наздикӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила аз муносибат оғоз меёбад ва сатҳи таваҷҷӯҳ ба корҳо ва ҳалли мушкилот ба он вобаста аст.

Мураббиён тавонистанд муносибатро тавассути бозиҳо ва фаъолиятҳои муштарак бо падару модару кӯдакон тақвият диҳанд. Барои ин, онҳо нақшаи машғулиятҳои муштаракро таҳия карданд. Он аз хондани шеър, нақл кардани латифа, иҷрои ҳаракат ва суҳбатҳо бо бозичаҳо, ҳаракатҳои рақсӣ ва ҷисмонӣ, иҷрои нақшҳои театрӣ ва пухтупаз ва ғайра иборат буд.

Ин гуна фаъолиятҳо на танҳо вақти хубу фараҳафзоро фароҳам оварданд, балки ба мураббиёну падару модар имкон доданд, ки бо кӯдакон робитаи қавӣ барқарор кунанд ва шароити муосидро дар муассисаи таълимии томактабӣ фароҳам оваранд.

Корҳои озмоишӣ нишон доданд, ки дар қисми бештари падару модар мушкилоти иртиботу муошират амри ҳастӣ мекунанд. Ба такмили салоҳият омӯзишҳо ва машқҳои коммуникатсионӣ гузаронида шуда, ба иштирокчиён тавсияҳо дода шуданд.

Мо самтҳои муҳими ташкилӣ ва муҳтавоии кор бо муассисаи таълимии томактабӣ ва оиларо, ки раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, ба таври зайл мушаххас намудем:

1) Таҳқиқи вусъати иҷтимоишавии кӯдакон бо истифода аз пурсишнома. Гузаронидани пурсишномаи ташхисӣ дар моҳи сентябр, бо мақсади ошкор намудани мушкилоти марбут ба суръати пасти рушди хислатҳои иҷтимоӣ ва камбудиҳои педагогӣ. Ин тадбир МТТ ва оиларо

ба ҳамкорӣ ва иштироки фаъол дар раванди ислоҳи вазъ ҳавасманд сохт.

2) Ироаи барномаи таълимӣ дар марҳилаи корӣ. Дар ҷараёни мулоқот мураббиёну падару модар бо ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва усулҳои татбиқи барнома, инчунин бо манбаъҳои иттилоотӣ ва шартҳои ҳамкорӣ шинос карда шуданд. Имкониятҳои азхудкунии мундариҷаи барномавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳавасмандии мураббиёну падару модар барои такмили худшиносӣ ва рушди шахсӣ тақвият дода шуд. Ҷадвали мушаххаси машғулиятҳо пешниҳод карда шуд.

3) Муайян намудани салоҳияти мураббия ва падару модар дар самти иҷтимоикунонии кӯдакон. Ташхиси салоҳиятҳо имкон дод, ки ҷанбаҳои заиф ва мушкилоти мавҷуда дар дониш ва малакаҳои мураббиёну падару модар муайян карда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои ташхис, барномаҳои инфиродии худтанзимкунӣ ва такмили салоҳият таҳия карда шуданд.

4) Пешниҳоди интихоби шаклҳои гуногуни такмили салоҳияти педагогии мураббиёну падару модар. Онҳо тавонистанд шаклҳои мухталифи такмили салоҳияти худро интихоб намоянд (ба истиснои машғулиятҳои ҳатмӣ). Ба онҳо маводи иттилоотӣ-таълимӣ, аз ҷумла маводҳои айёнӣ барои вохӯриҳои рӯ ба рӯ, муошрати фосилавӣ (маҷозӣ) ва худмутолиа пешниҳод карда гардид.

Истифодаи маҷмӯии усулҳои дар боло зикршуда ба таъмини рушди ҳамаҷонибаи иҷтимоии кӯдакон мусоидат намуд.

Мазмуни барнома, сохтори бахш ва натиҷаҳои пешбинишуда дар ҷадвали №6 дар шакли маълумоти мухтасар ҷамъбаст карда шудаанд. Дар ҷадвал инчунин шаклҳои кор, усулҳо, маводҳои истифодашуда ва натиҷаҳои пешбинишуда барои ҳар як бахш оварда шудаанд. Ин ба падару модар имкон дод, ки ҳадафҳои ҳар як марҳиларо равшан дарк кунанд ва дар раванди рушди фарзанди худ фаъолона иштирок кунанд.

Ҷадвали 5 Барномаи кории ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила

	Мавзуъ	Мазмун	Натиҷа (падару модар)	Натиҷа (кӯдакон)
Волидайнӣ - рисолати бузург аст. Ман чӣ гуна волидайн ҳастам?				
Октябр	Волидайнӣ - рисолати бузург аст:	Санҷиш «Ман чӣ гуна волидайн ҳастам?» (сатҳи қабул). Омодагӣ ба нақши асосӣ - мураббии фарзанди худ.	Харитаи дастовардҳои шахсии волидайн (сатҳи қабул). Усулҳои қабули таҳқиқотӣ-рефлексивӣ	Тарафҳои қавии сифатҳои иҷтимоии кӯдак. Санҷиши Тасвирии «Нардбон» (худбаҳодиҳӣ, ҳолати эмотсионалӣ)
Октябр	Оила - Ватани кӯдак аст	Санҷиш «Аъзоёни оилаи ман, арзишҳои оила». Шароити тарбияи фарзанд дар оила. Тарзҳои тарбия. Микроиқлим дар оила. Анъанаҳои оила.	Харитаи дастовардҳои шахсии волидайн. Вазъи иҷтимоии рушди кӯдак. Коммуникативӣ, рефлексивӣ	Тести тасвирии «Оилаи ман». Нақши кӯдак дар оила (ҳолати эмотсионалӣ)
Октябр	МТТ ва оила ҳамчун система	Тест (ҳамкории субъект-субъектӣ) МТТ ва оила ҳамчун коллектив. Сохтори функсионалӣ ва нақшии МТТ ва оила. Нақши модар, нақши падар. Вазифаҳо: маънавию ахлоқӣ, меҳнатӣ, коммуникатсионӣ, фароғатӣ (фарҳангӣ, варзишӣ), молиявӣ	Амсилаи сохтори функсионалӣ-нақшии МТТ ва оила. Варақа-чеки «корҳои МТТ ва оила барои як моҳ» (бо иштироки кӯдак). Салоҳияти рефлексивӣ, лоиҳакашӣ	Масири инфиродии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар фаъолияти МТТ ва оила. Наздикшавӣ, пайвастшавӣ, ҳамкорӣ дар вақтхушиҳои кӯтоҳ, бозиҳо
Октябр	Фаъолияти дастурӣ «Мавқеи ҳар як аъзои оила дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ»	Тарбияи хонаводагӣ - зинаи аввали низоми таълим. Фазои таълимии волидайн. Асосҳои рушди иҷтимоии кӯдак. «Дарахти рушди кӯдак» - сифатҳои субъектии иҷтимоӣ.	Корти ақлӣ «Чаро бояд волидайни салоҳиятдор бошем» (барои кӯдак, волидайн, МТТ ва оила). Мавқеи шахсии волидайн, дастурҳои нави мақсаднок	Шиносоии нав. Фаҳмонда додани мафҳуми оила, аъзоёни оила, мавқеи ҳар як аъзои оила дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ (муносибати мусбии эмотсионалӣ)
Ноябр	МТТ ва оила ҳамчун давлат	Асосҳои ҳуқуқӣ. Конститутсияи МТТ ва оила (қоидаҳо, арзишҳо, анъанаҳо). МТТ ва оила -системаи худидоракунанда	Роҳи инфиродии худташаккули волидайн	Анъанаҳо дар ҳаёти МТТ ва оила бо иштироки кӯдак

Давоми ҷадвал

Кӯдак - дар ҷомеа. Фарзанди ман чӣ гуна аст? (рушди иҷтимоии кӯдак)				
Ноябр	Кӯдак - дар ҷомеа (сифатҳои иҷтимоӣ)	Мушоҳидаи ҳодисаҳои иҷтимоӣ Моҳияти рушди иҷтимоӣ. Фазои иҷтимоии МТТ ва оила, унсурҳои сохтории он. Сифатҳои иҷтимоӣ - аз кӯдакӣ. Арзёбии сифатҳои иҷтимоии фарзанди худ дар фаъолияти махсуси ташкилкардашуда ва назорати ҳаррӯза	Портрети шахси муваффақ - портрети кӯдаки комил аст. Салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-рефлексивӣ	Ташаккулдиҳии фаҳмиш ва ақидаҳои кӯдакон оид ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ, фаҳмонда додани мавқеи ҳар як фард, аз ҷумла ҳар як кӯдак дар баргузории онҳо
Ноябр	Шинос намудани кӯдакон ба меҳнати табиб, духтур (ҳамшираи шафқат), ва амалҳои меҳнатии ӯ	Санҷиш (тест) «Фарзанди ман чӣ гуна аст?» (сифатҳои иҷтимоӣ). Ҷаҳони ботинии кӯдак. Худбаҳодиҳӣи рафтори кӯдак.	Ҳадафҳои роҳи мустақили рушди иҷтимоии кӯдак (дар асоси баҳодиҳии сифатҳои иҷтимоӣ). Салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-рефлексивӣ	Шиносоии нав. Наздикшавӣ, пайвастшавӣ, ҳамкорӣ дар вақтхушиҳои кӯтоҳ, бозиҳо (муносибати мусбати эҳсосотӣ)
Ноябр	Кӯдак - хусусиятҳои инфиродӣ	Хислатшиносӣ, табъ. Тавсияҳои оид ба тарбия. Масири инфиродии рушди кӯдак.	Стратегияи тарбия мувофиқи табъ (темперамент) муайян карда шудааст Салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-рефлексивӣ, банақшагирӣ	Шиносоии нав. Наздикшавӣ, пайвастшавӣ, ҳамкорӣ дар вақтхушиҳои кӯтоҳ, бозиҳо (муносибати мусбии эмотсионалӣ)
Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар намудҳои фаъолияти МТТ ва оила				
Декабр	Ҳамкории субъект-субъектӣ дар МТТ ва оила	Кӯдак объект ва субъекти ҳамкорӣ мебошад. Фаъолияти муштараки ҷамъиятӣ. Фаъолияти кӯдак дар МТТ ва оила , мавқеи субъекти кӯдак дар азхудкунии фаъолиятҳои МТТ ва оила . Чӣ тавр бо кӯдак самаранок вақт гузаронидан мумкин аст.	Барномаи рушди ҳамоҳангшудаи иҷтимоии кӯдак дар МТТ ва оила (шуғли кӯдак дар корҳои МТТ ва оила). Омори ҷамъбасти корҳо дар МТТ ва оила бо иштироки кӯдак.	Мавқеи субъектии кӯдак дар МТТ ва оила . Дастурҳо, вазифаҳо оид ба иҷрои корҳои МТТ ва оила, фаъолияти муштарак бо калонсолон (фаъолият, масъулият)

Давоми ҷадвал

Фаъолияти маънавию ахлоқӣ				
Декабр	Тарбия намудани меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти дилсӯзию меҳрубонӣ нисбати аъзоёни оила.	Нишондиҳандаҳои арзишӣ (Дар асоси барномаи «Бо роҳи некӣ» Л. В. Коломийченко)	Арзишҳои МТТ ва оила. Салоҳияти инъикосӣ. Одатҳои нав ва нишондиҳандаҳои арзишӣ	Ҳолати мусбати эмотсионалӣ дар кӯдак, рафтори ихтиёрона
Декабр	Конститут-сияи	Қоидаҳо, ҷашнвораҳо, анъанаҳо.	Қоидаҳои МТТ ва оила (қоидаҳои муошират, ҳамкорӣ)	Қоидаҳо барои кӯдак, танзими рафтор, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ
Эмотсионалӣ-коммуникатсионӣ				
Январ	Омӯзиши коммуникатсионӣ	Барномаҳои «Ситоиш ва рӯҳбаландкунӣ», «Салом». Ҳолати эмотсионалии кӯдак дар МТТ ва оила.	Малакаҳои муошират. Рӯзнома ва луғати муроҷиат ба кӯдак. Роҳҳои муошират бо кӯдак.	Ҳолати мусбати эмотсионалӣ дар МТТ ва оила, рафтори ихтиёрона, малакаҳои муошират.
Январ	Муносибат дар дохили МТТ ва оила субъект-субъективӣ	Падарон ва фарзандон. Кӯдак манбаи хушбахтӣ аст. Муошират: роҳҳои гӯш кардани кӯдак, чӣ гуна ба саволҳои кӯдакон ҷавоб додан.	Принсипҳои ҳамкории ба шахс нигаронидашуда. Малакаҳои иртиботӣ.	Иштирок дар фаъолиятҳо, роҳҳои дастгирии кӯдак. Ба кӯдак фаҳмонидани ҳуқуқ ва вазифаҳояшон
Январ	Муноси-батҳо дар дохили МТТ ва оила субъект-субъективӣ мебошанд	Тарбияи муҳаббат. Ҳамоҳангии муносибатҳои МТТ ва оила. Оила мактаби муҳаббат аст. МТТ ва оила ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Пайгирии иттилоотӣ.	Ёддошти «Асрори мувофиқати МТТ ва оила ». Малакаҳои муошират.	Иштирок дар фаъолият, роҳҳои тамос бо кӯдак Имрӯз кӯдак-фардо муҳофизи ватан

Давоми ҷадвал

Фаъолияти меҳнатӣ				
Феврал	Роҳҳои ҷалби кӯдак ба фаъолият.	Марҳилаҳои кор бо кӯдак: аз супоришҳо то вазифаҳо. Марҳилаҳои ҳамкорӣ бо технология Н. М. Крилова. Марҳилаҳои фаъолият: ҳавасмандкунӣ, мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, амалҳои муштарак, инъикос (худбаҳодиҳӣ).	Худхизматрасонӣ. «Дасти кӯмак» (ҷузъҳои фаъолият). «Нардбони муваффақият». Харитаҳои технологӣ	Супоришҳо, муҳокимаи онҳо. (фаъолият, масъулият)
Феврал	Роҳҳои ҷалби кӯдак ба фаъолият.	Рӯйхати корҳои МТТ ва оила барои ворид кардани кӯдак. Супоришҳо -вазифаҳо.	Рӯйхати супоришҳо. Салоҳиятҳои фаъолияти ташкили ҳамкории меҳнатӣ	Иштирок дар фаъолият, муҳокима. (фаъолият, мустақилият, масъулият)
Фаъолияти фароғатӣ				
Март	Ташаккули тасаввуроти кӯдакон оид ба идҳои оилавӣ,	Ташкили идҳо, сайругаштҳо. Анъанаи қайдкунии идҳо дар муҳити хонавода,	«Нардбони муваффақият». Харитаҳои технологӣ. Салоҳиятҳои фаъолияти ташкили бозӣ, ҷашн	Фаҳмонда додани мавқеи шахсии аъзоёни оила, аз он ҷумла худи кӯдак дар муносибатҳои оилавӣ, тарбия намудани ҳисси қаноатмандии маънавию эмотсионалӣ
Март	Тарзи ҳаёти солим (ТҲС) дар МТТ ва оила	Фаъолияти варзишии фароғатӣ. Варзиш дар МТТ ва оила . Ғизои солим	Одатҳои нави ТҲС, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ	Одатҳои нави ТҲС (масъулиятшиносӣ, рафтори ихтиёрӣ)
Фаъолияти иқтисодӣ				
Апрел	Роҳҳои ҷалби кӯдак ба фаъолият.	Фарҳанги молиявӣ ва стратегияи МТТ ва оила . Пул. Ҷамъ кардани пул. Даромад, хароҷот. Барои кӯдакон чӣ қадар пул сарф кардан лозим аст. Банақшагирии буҷет. Фондҳои пасандоз. Хароҷот.	Стратегияи молиявии МТТ ва оила . Салоҳиятҳои фаъолияти ташкили корҳои муштараки молиявию иқтисодӣ	Иштирок дар фаъолият, муҳокима. (фаъолнокӣ, мустақилият, масъулият, рафтори ихтиёрӣ)

Давоми ҷадвал

Апрел		Сарфакорӣ. Хайрия - саховатмандӣ аст. Даромади кӯдакон. Даромади аввал. Лоиҳаи «Ҷамъоварии коғазпора» кӯшишҳои аввалини равияи касбӣ - шиносоӣ бо касбҳои гуногун.	Лоиҳаи «Даромади аввал» Масири роҳнамоии касбӣ	Лоиҳаи «Даромади аввал» (фаъолнокӣ, мустақилият, масъулият, рафтори худсарона)
Май	Кӯдак - иҷтимоиёт - Давлат	Фарзанди шумо ояндаи шумост. Озмоиши ниҳоӣ «Фарзанди ман чӣ гуна аст?» (сифатҳои иҷтимоӣ)	Ташхиси сифатҳои иҷтимоии кӯдак. Ислоҳи хатсайри рушди кӯдак	«Ман-консепсияи мусбати кӯдак», баланд бардоштани сатҳи сифатҳои иҷтимоӣ.
Май	Ҷамъбастӣ	Фестивали «МТТ ва оила». Лоиҳаҳои МТТ ва оила. Ҳисоботи эҷодӣ дар бораи фаъолият, ҳамкорӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи кӯдакон	Пешниҳоди натиҷаҳо	Пешниҳоди натиҷаҳо

Мураббиёну падару модар саҳмгузорони асосии арзишҳо, дониш ва дарсҳои ҳаётии кӯдакон мебошанд. Бо дарназардошти ин, мо усули нави кор бо падару модарро таҳия кардем, ки дар зер принсипҳои асосии он оварда мешаванд .

Усули мазкур аз тариқи гузаронидани машғулияту ҷаласаҳо дар муассисаҳое, ки пойгоҳи таҳқиқоти озмоишӣ буданд, мавриди тасвиб қарор дода шуд. Падару модар дар ин ҷаласаҳо фаъолона иштирок карда, равишҳои нави тарбияи фарзандон дар хонаро татбиқ карданд.

Падару модар ҳар як мавзӯъро амиқ омӯхта, фаъолона муҳокима карда, андешаронӣ мекарданд, ақида ва хулосаҳои худро пешниҳод мекарданд. Муошират, мубодилаи таҷриба ва фазои дӯстона ба онҳо кӯмак кард, ки фарзандони худро беҳтар дарк кунанд ва якдигарро дастгирӣ кунанд.

Аз падару модаре, ки дар тарбияи фарзандонашон муваффақ буданд, аксар вақт хоҳиш карда мешуд, ки ҷаласаҳоро роҳбарӣ кунанд. Онҳо бо муаллимону мураббиён машварат карда, роҷеъ ба мавзуъ бо

ироаи мисолҳо аз ҳаёти худ баромад мекарданд.

Дар ҷараёни машғулияту суҳбатҳо барои нигоҳ доштани ҳавасмандии иштирокчиён як қатор усулҳои гуногун ба кор бурда шуданд. Ин усулҳо имкон доданд, ки иштирокчиён на танҳо барои баланд бардоштани салоҳияти худ, балки барои рушди шахсӣ, таҳкими муносибатҳо ва фаҳмиши беҳтари ҳамдигар арзиши иштирок дар дарсҳоро дарк кунанд.

Иштироки фаъолона ва муносибати падару модар ба рушди қобилиятҳои таҳқиқотӣ-таҳлилӣ ба онҳо имкон дод, ки нақшаҳои худро дар самти баланд бардоштани салоҳияти мураббия ва падару модар мушаххас ва самаранок созанд.

Марҳилаи ҳатмии кор дар барнома иҷрои вазифаҳои гуногун дар МТТ ва оила буд. Дар дарсҳои марказ тавсияҳо ва харитаҳои технологӣ муҳокима карда шуданд, ки ба волидайн дар иҷрои дурусти вазифаҳо кӯмак мекарданд. Пас аз татбиқи чунин вазифаҳо дар хона, волидайн тағиротҳоеро, ки дар муносибатҳои дохили оила ва рафтори кӯдак ба амал меомаданд, инъикос мекарданд. Натиҷаҳои ин тағйиротҳо дар оғози ҷаласаи навбатӣ ҳатман шунида ва муҳокима карда мешуданд, ки ин ба иштирокчиён имкон медод таҷрибаи худро мубодила кунанд, аз якдигар омӯзанд ва стратегияҳои нави рушдро таҳия кунанд.

Барои фаъолияти самараноктар, МТТ ва оила ба гурӯҳҳо муттаҳид карда шуданд, ки ин таъсири мусбати мутақобила эҷод мекард. Гурӯҳҳо бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва мавқеи ҳар як МТТ ва оила, дар асоси принсипҳои ҳамдардӣ ва эҳтиром ташкил карда мешуданд. Падару модари ботаҷриба ҳамчун мураббӣ ба дигар падару модар, ки дар ҳамкорӣ бо кӯдакон мушкилӣ доштанд, кӯмак мерасониданд. Онҳо дар ташкили фаъолиятҳои муштарак, аз қабили сайругашт, лоиҳаҳо, супоришҳои хоҷагидорӣ, сафар ба театр ва сафарҳои таълимӣ ёрӣ мерасониданд.

Машғулиятҳо бо ҳама воситаҳои зарурӣ таъмин буданд: ҷадвалҳо, тестҳо, матнҳо, расмҳо, видеоҳо, аудио ва слайдҳо. Ин ба мо кӯмак

мекард, ки ба ҳадаф бирасем ва иштирокчиён маводи заруриро хуб аз худ кунанд. Маводи айёнӣ ва дигар абзорҳои паҳнкардашуда барои коркарди вазъиятҳо ва зуд мутобиқ шудан ба ҳолатҳои нави пайдошуда ёрӣ медоданд.

Мавзуи машғулиятҳо дар барномаи барои падару модар пешбинишуда нишон дода шудаанд (Ниг. ба Ҷадвали 6). Дар ҷадвали 7 бошад маълумоти бештар дар бораи усули манзуркардаи мо, ки ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила кӯмак мекунад, манзур шудааст.

Навгонии ин усул дар он аст, ки дар доираи ҳар як мавзуъ марҳилаҳои мушаххаси фаъолият - проблемавӣ-таҳлилӣ, ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ, лоиҳакашӣ, амалигардонӣ ва ҷамъбастӣ-таҳлилӣ нишон дода шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти Р. П. Дешеулина, А. В. Козлова, А. А. Майер ин марҳилаҳо на танҳо ба таври амудӣ (аз мушкилот то натиҷа), балки ба таври ангоравӣ (ҳам амудӣ ва ҳам уфуқӣ) ҷойгир шудаанд, ки ин имкон медиҳад муносибати ҳамаҷониба ва тағйирпазирро ба раванди таълим таъмин намоем.

Ҳар як мавзуи барнома тамоми марҳилаҳои технологияро (проблемавӣ-таҳлилӣ, ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ, лоиҳакашӣ, амалигардонӣ ва ҷамъбастӣ-таҳлилӣ) аз як вохӯрӣ бо падару модар то вохӯрии дигар (яъне дар давоми як давраи байни машғулиятҳо) дар бар мегирад. Ин ҳаракат ба таври уфуқӣ дар ҷадвали 7 ба таври возеҳ нишон дода шудааст, ки ин имкон медиҳад падару модар мушкилотро таҳлил намуда, усулҳои ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ, лоиҳаҳои худро таҳия ва амалӣ намуда, натиҷаҳоро ҷамъбастӣ кунанд ва таҳлил намоянд - ҳамааш дар доираи як мавзуъ.

Ҷадвали 6 - Технологияи татбиқи барномаи дастгирии падару модар ҷиҳати рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила

Ҷойгирша-вии марҳила	Проблема-вӣ-таҳлилӣ	Ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ	Тарҳрезӣ (Лоиҳа-кашӣ)	Амалӣ	Ҷамъбастӣ-таҳлилӣ	
	Марказ	Марказ	Марказ	МТТ ва оила	МТТ ва оила	Марказ
Мақсади марҳила	Проблема-эҷодкунӣ	Ташхис, ҷустуҷӯи воситаҳо-роҳҳо, гирифтани маҳсулот	Муайян кардани роҳҳои тағйир додани вазъи МТТ ва оила	Татбиқ	Арзёбӣ	Рефлексия
Рушди қобилиятҳо	Проблема вӣ-таҳлилӣ, иртиботӣ	Таҳқиқотӣ-ташхисӣ, коммуника-тивӣ	Лоиҳакашӣ коммуника-тивӣ	Иҷроку-нанда, коммуни-кативӣ	Рефлек-сивӣ	Коммуникативӣ
Ҷараёни ҳамкорӣ	Технологияи ҳамкории омӯзгор ва падару модар дар асоси муносибатҳои субъективӣ ва принсипҳои андрагогӣ			Ҳамкории субъект-субъекти падару модар ва фарзанд он	Қайди натиҷаҳо	Техно-логия
Натиҷа (маводкар-дашуда)	Рақамҳо, далелҳо	Маълумоти ташхис, фактҳо, маводи назариявӣ	Ёддоштҳо, тавсияҳо, алгоритмҳо, варақаҳо, кортҳои технологӣ	Амсилаи нави ҳамкорӣ; роҳҳои нави ташкили ҳаёт дар МТТ ва оила	Натиҷаҳо аз рӯи фарзан-дон, МТТ ва оила, худ	Ислоҳ

Дар ин ҷадвал натиҷаи ҳамаи марҳилаҳо инъикос шудаанд.

Тартиби амалисозии машғулиятҳо дар ин ҷода бо диққати хос тарҳрезӣ шудааст, то таъсири ҳар як қадам ба ҳадди аксар расонида

шавад. **Марҳилаҳои аввал - аз 1 то 3** - дар машғулиятҳо амалӣ мешаванд ва заминаи мустаҳкамеро барои дарки мавзуъ фароҳам меоранд. **Марҳилаи 4,** ки татбиқи амалии донишҳо дар шароити МТТ ва оила мебошад, имкон медиҳад, ки кӯдак дар муҳити наздиктарин ва барояш муҳиму арзишманд донишҳоро санҷида, азму иродаи худро мустаҳкам созад. **Марҳилаи 5,** ки ҷамъбастӣ ва таҳлилӣ аст, дар хона ба қайд гирифта шуда, дар ибтидои машғулияти навбатӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин усул имкон медиҳад, ки кӯдак ҳангоми мустақилона кор кардан малакаҳои таҳлилӣ ва ҷамъбастиро инкишоф диҳад.

Нақши падару модар дар ин раванд ниҳоят муҳим аст. Онҳо дар муддати байни марҳилаҳо иттилооти касбнамударо дар фазои МТТ ва оила татбиқ намуда, дастурҳои мураббиро иҷро месозанд. Ин на танҳо ба кӯдакон дар азхудкунии беҳтари мавод кумак мекунад, балки муносибатҳоро низ мустаҳкам намуда, барои рушди муҳити солими МТТ ва оила мусоидат мекунад. Падару модар имконият доранд, ки натиҷаҳоро ба қайд гирифта, барои муҳокима дар ҷаласаи оянда омодагӣ ҳосил кунанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, то дар раванди таълим фаъолона иштирок намоянд.

Ҳамин тариқ, дар ҳар як машғулият аз баррасии ҷамъбастии мавзуи гузашта ба муайянсозии мушкилоти мавзуи навбатӣ гузариш ба амал меояд ва ин раванд силсилавор такрор мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки донишҳо пайваста ва муташаккилона азхуд карда шаванд. Бо мурури замон, иттилооти азхудшуда ба одати хуб ва меъёри ҳамкории МТТ ва оила табдил меёбад. Ин раванд на танҳо дарки донишҳоро осон мекунад, балки онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намуда, ба одати доимӣ табдил медиҳад. Ин тартиб ба мураббӣ ва омӯзгор имкон медиҳад, ки азхудкунии маводи навро назорат кунад ва барои ташаккули хусусиятҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила шароити мусоидро фароҳам оварад. Дар маҷмӯъ, ин усул ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак, ҳам дар дониш ва ҳам дар муносибатҳои иҷтимоӣ, мусоидат мекунад.

Хулоса, падару модар дар машғулиятҳо мундариҷаро аз худ карда,

барои бозии нақшӣ бо фарзандон дар хона мавод омода мекунанд. Онҳо донишҳои навро барои фароҳам овардани ҳолатҳои мувофиқ истифода бурда, малакаҳои рефлексивӣ ва таҳлилиро меомӯзанд, рафтори худро таҳлил мекунанд ва пешрафти кӯдакро қайд мекунанд. Дар натиҷа, онҳо қадамҳои минбаъдаи рушди кӯдакро ислоҳ мекунанд. Ҳадафи асосии ҳар марҳила аз мушкилот то натиҷаҳо ва худбаҳодиҳӣ муайян карда мешавад.

Ҳар марҳила қобилиятҳои муайяни падару модарро инкишоф медиҳад: таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, иҷро, коммуникатсионӣ ва рефлексивӣ. Ин тақсимот шартӣ буда, таъсири бартаридоштаи мундариҷаро инъикос мекунад. «Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки манбаъҳои иттилоотӣ ва тағйирот дар шуури падару модар яъне сатҳи салоҳияти онҳо бевосита ба рафтори кӯдакон таъсир мерасонанд. Ба ибораи дигар, вақте мо пайваста ба рушди салоҳияти падару модар таъсир мерасонем, дар асл ба сифатҳои иҷтимоии кӯдак низ, гарчанде ғайримустақим, таъсир мегузорем. Аз ҳамин ҷо мафҳуми «технологияи дастгирии ғайримустақими падару модар» ба миён меояд, ки ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона шудааст»- таъкид месозад муҳаққиқ М.Давлатов [39, с.131].

Таҳлилҳо ҳамчунин нишон медиҳанд, ки ташаккули салоҳияти падару модарӣ як раванди марҳилавӣ буда, ҳар марҳила мавзӯъ ва вазифаҳои хоси худро дорад. Барои равшантар фаҳмидани ин раванд, ҳар як марҳиларо ҷудогона баррасӣ мекунем.

1. Марҳилаи мушкилотшиносӣ ва таҳлилӣ.

Ин марҳила аз муайян кардани мушкилот оғоз меёбад. Одатан, мутахассис аввал масъалаи асосиро муайян мекунад ва баъд онро дар муҳити гурӯҳӣ баррасӣ менамояд. Дар чунин муҳокимаҳо на танҳо худи мушкил равшан мешавад, балки роҳҳои эҳтимолии ҳалли он низ тадриҷан пайдо мегарданд. Ба назари ман, бартарии ин марҳила дар он аст, ки падару модар худ низ ба раванди таҳлил ҷалб мешаванд ва масъалаҳоро амиқтар дарк мекунанд. Ин давра ба волидайн кӯмак

мекунад, ки эҳтиёҷоти якдигарро дарк кунанд. Онҳо барои ҳалли мушкилот роҳ меҷӯянд ва бо муҳокимаи ҳадафҳои умумӣ ва шахсӣ фазои мусоид фароҳам меоранд.

Усулҳои кор дар ин марҳила гуногунанд ва, ба назари ман, маҳз ҳамин гуногунӣ онро самаранок мегардонад. Аз ҷумла, баррасии ҳолатҳои мушаххас ва таҳлили мисолҳои воқеӣ истифода мешавад, то масъалаҳо на танҳо назариявӣ, балки равшан ва фаҳмо бошанд. Ҳамзамон, пешниҳоди маълумоти оморӣ ва маводи воқеӣ ба муҳокима асосноки мебахшад. Илова бар ин, диққати махсус ба баррасии масъалаҳои мушкилот равона мегардад, вале на ба таври хушк таҷрибаи худи падару модар низ фаъолона ҷалб карда мешавад. Масалан, вақте онҳо ҳолатҳои шахсии худро нақл мекунанд, муҳокима зинда ва пурмазмунтар мегардад. Муҳокимаҳо бо истифода аз ақидаҳои олимони маъруф, аз қабили В.А.Сухомлинский, П.Ф.Лесгафт, Г.Спенсер, С.Л.Соловейчик, Ш.А.Амонашвили, Д.И.Фелдьштейн ва дигарон сурат гирифтанд. Аз осори бадеӣ, аз қабили «Модари хасис», «Бобои пир ва набераҳо», «Писар рав қадри модар дон…», «Модари пир», «Падари пирам», «Хунҷигариҳои модари пир» ва ғайра васеъ истифода гардиданд. Дар ҷараёни муҳокима, масъалаҳои роҳнамоӣ фаъолона истифода мешуданд. Ибрози андешаҳо дар бораи ғояҳои муҳим имкон дод, ки ба арзишҳои худ муроҷиат намуда, онҳоро аз нав арзёбӣ намоем ва аз арзишҳои нав огоҳ шавем. Қайд кардан зарур аст, ки арзиши падару модари фарзанди худ дар аксари иштирокчиён дар сатҳи дониш-тасаввурот қарор дошт. Аз ин рӯ, муҳим буд, ки онҳоро ба ангезаҳои воқеӣ - дониш - эътиқод мубаддал созем.

Воситаҳои самараноки кор бо маъноҳои шахсии волидайн, ки Е.А. Носова муайян кардааст, ба падару модар имкон медиҳанд, ки дар бораи моҳияти нақши худ амиқтар андеша кунанд. Тавассути вазифаҳои ҷустуҷӯии маъно, падару модар ба саволҳои муҳиме, аз қабили «Чаро ман мехоҳам волидайн бошам?», «Чаро омӯхтани санъати волидайн муҳим аст?», ва «Ман барои кӣ кӯшиш мекунам, ки волидайни хуб

бошам?» посух меҷӯянд.

Илова бар ин, тарҳрезии харитаи зеҳнӣ бо унвони «Чаро волидайни хуб буданро ёд гирем: барои кӯдак, барои худ, барои МТТ ва оила , барои ҷомеа?» ба падару модар кӯмак мекунад, ки манфиатҳои волидайни хуб буданро аз нуқтаи назари гуногун арзёбӣ кунанд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки аҳамияти саъю кӯшишҳои худро дар тарбияи фарзанд, рушди шахсии худ, мустаҳкам намудани МТТ ва оила ва саҳмгузорӣ дар ҷомеа дарк кунанд. Ин таҷрибаҳо дар маҷмӯъ ба падару модар имкон медиҳанд, ки дарки амиқтаре аз нақши худ дошта бошанд ва ба он бошуурона ва масъулиятнок муносибат кунанд.

Воситаҳои самараноки кор бо маъноҳои шахсии волидайн, ки Е.А. Носова муайян кардааст, ба падару модар имкон медиҳанд, ки дар бораи моҳияти нақши худ амиқтар андеша кунанд. Тавассути вазифаҳои ҷустуҷӯии маъно, падару модар ба саволҳои муҳиме, аз қабили «Чаро ман мехоҳам волидайн бошам?», «Оё ман аз уҳдаи волидайнӣ баромада метавонам», «Чаро омухтани фаъолияти волидайнӣ зарур аст?» ва «Чи кор кунам, ки волидайни хуб бошам?» посух меҷӯянд.

Илова бар ин, тарҳрезии харитаи зеҳнӣ бо унвони «Волидайни хуб будан муҳим аст: ба кӯдак, ба падару модар, ба МТТ ва оила, ба ҷомеа?» ба падару модар кумак мекунад, ки манфиатҳои волидайни хуб буданро аз нуқтаи назари гуногун арзёбӣ кунанд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки аҳамияти саъю кӯшишҳои худро дар тарбияи фарзанд, рушди шахсии худ, мустаҳкам намудани МТТ ва оила ва саҳмгузорӣ дар ҷомеа дарк кунанд. Ин таҷрибаҳо дар маҷмуъ ба падару модар имкон медиҳанд, ки дарки амиқтаре аз нақши худ дошта бошанд ва ба он бошуурона ва масъулиятнок муносибат кунанд [92].

2. Марҳилаи ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ як қадами муҳим дар фаҳмиши амиқи мушкилоти МТТ ва оила ва рушди кӯдак мебошад. Дар ин марҳила, маълумот тавассути пурсишҳои тайёр, санҷишҳои фаврӣ ва саволномаҳо ҷамъоварӣ шуда, маълумоти зарурӣ ба даст оварда шуд. Ин ташхисҳо, танҳо як қадами методӣ набуданд, ки фарзияҳоро шакл диҳем,

воситаҳои назариявиро интихоб кунем ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли масъалаҳоро пешакӣ ба нақша гирем. Ба як маъно, маҳз ҳамин марҳила заминаи устуворро барои қадамҳои минбаъда фароҳам овард.

Дар марҳилаи ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ диққати асосӣ ба иҷрои вазифаҳои таҳлилӣ ва ташхисӣ равона шуд. Масалан, мо мушкилоти МТТ ва оиларо баррасӣ кардем, дар бораи мушкилоти мавҷуда дар муносибатҳои МТТ ва оила муколама ташкил намудем ва кӯшиш кардем сатҳи рушду инкишофи кӯдакро ҳарчи дақиқтар арзёбӣ кунем. Ҳамзамон, масъалаҳои дорои хусусияти проблемавӣ ва ҷустуҷӯӣ низ муҳокима шуданд, то ки роҳҳои нави фаҳмидан ва ҳал кардани онҳо пайдо гарданд.

Ин муҳокимаҳо аксар вақт дар шакли «ангезиши зеҳн» сурат мегирифтанд, ки дар он мураббиёну падару модар тавсияҳоро аз таҷрибаи шахсии худ пешниҳод мекарданд, онҳоро ҷамъбаст мекарданд ва нуқтаҳои асосиро муайян мекарданд.

Ин гуна таҳлил ба фаъолият ангеза бахшида, пешниҳод ва маслиҳатҳо босамартар таҳия мешуданд. Ин равиш имкон дод, ки мураббиёну падару модар мушкилоти худро дар заминаи мушаххас дида, барои ҳалли онҳо роҳҳои самараноктарро ҷӯянд.

3. Дар марҳилаи лоиҳакашӣ мо кӯшиш кардем тағйироти МТТ ва оилавиро бо такя ба мушкилоти муайяншуда, имкониятҳои то ҳол истифода нашуда ва захираҳои пинҳонӣ ба нақша гирем. Ба назари ман, маҳз дар ҳамин марҳила раванд бештар мақсаднок мегардад, зеро сухан аз таҳлил ба амал мегузарад.

Мо аз як қатор равишҳо истифода бурдем: нақшаҳои инфиродии рушдро таҳия кардем, барномаҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод намудем ва қадамҳои амалиеро муайян сохтем, ки иҷрои онҳо равшан ва дастрас бошад. Ҳамзамон, имконоти гуногуни ҳамкориро пешбинӣ карда, вазъиятҳои эҳтимолиро моделсозӣ намудем ва ҳатто баъзе фаъолиятҳоро дар шакли озмоишӣ санҷидем.

Илова бар ин, масъалаҳои муҳим, аз қабили арзишҳои МТТ ва оила ва оқибатҳои эҳтимолии қарорҳо, мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар натиҷа, нақшаҳои муфассали амали МТТ ва оила таҳия шуданд, ки на танҳо назариявӣ, балки барои татбиқи воқеӣ низ мувофиқ буданд.

Дар марҳилаи лоиҳакашӣ таваҷҷӯҳи муҳим ба муайян кардани ҳадафҳои мушаххас ва ченшаванда дода мешавад, ки ба рафъи мушкилоти муайяншуда ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда нигаронида шуданд. Ин раванд аз таҳлили амиқи маълумоти ҷамъоваришуда дар бораи динамикаи МТТ ва оила, муносибатҳои байнишахсӣ ва омилҳои муҳити зист иборат буд. Барномаҳои кутоҳмуддат ҳамчун воситаи татбиқи стратегияҳои мушаххас дар даврaҳои муайян хизмат карда, барои арзёбии пешрафт ва ворид намудани тағйирот дар сурати зарурӣ имконият фароҳам сохтанд.

Дар марҳилаи асосии озмоиш таҳти роҳбарии мутахассисону мураббиён муддати 50 дақиқаро дар бар гирифт. Дар ин марҳилаҳо кӯдакон бо барномаи таъйиншуда ошно шуда, онро азхуд карданд. Марҳилаҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии раванд дар муҳити МТТ ва оила бо мушорикати фаъолонаи волидайн анҷом пазируфтанд, ки дар онҳо волидон донишҳои касбкарда ва ҳидоятҳои гирифтаи хешро мавриди истифода қарор медоданд.

4. Татбиқ: Мо равишҳои нави муошират МТТ ва оилавиро бо истифода аз маълумоти ҷамъовардашуда, маслиҳатҳо, вазифаҳои рушд, дастурҳо ва усулҳои пешниҳодшуда санҷидем. Бо истифода аз ин абзорҳо, мо тавонистем муоширатро беҳтар кунем ва ҳама муваффақиятҳо ва нокомиҳо дар Рӯзномаи дастовардҳо сабт карда шуданд. Сипас, дар асоси таҳлили натиҷаҳо, мо нақшаҳои худро ислоҳ кардем.

5. Натиҷаҳо ва таҳлил: Ин марҳилаи охирини кор дар ҳар як мавзӯъ аст. Дар ин ҷо мо натиҷаҳои дар Рӯзномаи дастовардҳо сабтшударо арзёбӣ мекунем. Иштирокчиён аҳамияти навовариҳоро дар муносибатҳои МТТ ва оилавии худ дарк карда, тасмим гирифтанд, ки он

кореро, ки сар карда буданд, идома диҳанд ва нақшаҳоро барои рушди оянда таҳия кунанд.

Чунон ки дар ҷадвали 7 нишон дода шудааст, ин марҳила бо МТТ ва оила оғоз шуда, бо ҷаласаи ниҳоӣ дар марказ ба анҷом мерасад. Дар ҷаласа тағйироти мусбатро якҷоя арзёбӣ намудем ва муҳокима кардем, ки иштирокчиён дар бораи фаъолиятҳо чӣ фикр доранд.

Усулҳои кор бо иштирокчиён: ҳамкорӣ бо шахсони манфиатдор, аз ҷумла муҳокимаи натиҷаҳо ва тасдиқи нақшаҳои худтаълим муҳим аст. Мундариҷаи ҳамкорӣ бо МТТ ва оила зарур буда, шаклҳои фаъолият, ки ба омӯзиш ва идораи худшиносии ҷанбаҳои салоҳият нигаронида шудаанд, дар вақти қабули кӯдак татбиқ карда мешаванд. Таҳқиқи нуктаҳои салоҳияти падару модар шарти асосии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила мебошад. Вобаста ба мавзӯъ, ба падару модар барои худбаҳодиҳии салоҳият пурсишҳо пешниҳод карда шуданд.

Шахсияти волидайн ҳамчун заминаи муносибат бо фарзанд нишон дода шудааст. Ин ба худшиносӣ, қадршиносӣ ва ҳавасмандии волидайн алоқаманд аст. Ин фақат ба салоҳияти мураббия ва падару модар таъсир намерасонад, балки масъалаҳои муҳимеро дар бар мегирад, аз қабили мавқеи шаҳрвандӣ, муносибати бошуурона ба волидайн, омодагӣ ба такмили худ ва дарки зарурати ибратнок будан барои кӯдак. Ин барои ташаккули шахсияти комили волидайн замина мегузорад.

Ҷузъи маърифатӣ дониш, тафаккур ва ҷаҳонбинии волидайнро дар бар мегирад. МТТ ва оила ҳамчун як ҷузъи муҳим барои инкишофи шахсияти фарзанд баррасӣ мешавад. Дар ин ҷузъ нақши волидайн дар тарбия, шароити педагогӣ-психологӣва рушди иҷтимоии он низ баррасӣ мешавад. Дониши хусусиятҳои синну сол ва хусусияти фардии кӯдак низ дар ин ҷо муҳим аст. Вобаста ба дониши волидайн, ба онҳо шаклҳои гуногуни таҳсил пешниҳод карда мешаванд, то онҳо тавонанд фарзандони худро дуруст тарбия кунанд.

Ҷадвали 7. Дастгирии маънавӣ барои худшиносӣ ва таҳлили ҷузъи шахсии салоҳияти мураббия ва падару модар

Салоҳияти шахсиятӣ	**Саволҳо барои пурсишнома**
Гузориш барои кӯмак ба кӯдак (қабули бечунучаро)	- ман ҳама кореро мекунам, ки барои рушди фарзандам зарур аст
Муносибати масъулиятнок ба волидайнӣ	- ман барои тарбияи фарзанд масъул ҳастам
Равияи арзишӣ-маъноӣ: муносибати арзишӣ МТТ ва оила ба кӯдак	- арзишҳои асосӣ барои ман - кӯдак мебошад
Мавҷудияти муносибат ба ҳамкории ба шахс нигаронидашуда	- тамаркуз ба рушди шахсии кӯдак, ташаккули сифатҳои иҷтимоии ӯ
Мавқеи устувори шаҳрвандӣ	- ман аҳамияти иҷтимоии оила ва вазифаи худро дар назди кишвар ва кӯдак дарк мекунам
Омодагӣ ба рушди худ ҳамчун волидайн, ҳавасмандии устувор барои кор аз болои худ	- ман бояд қобилияти волидайнро оид ба тарбияи фарзанд баланд бардорам

Ҷадвали 8. Дастгирии маънавӣ барои худшиносӣ ва таҳлили ҷузъи маърифатии салоҳияти мураббия ва падару модар

Ҷузъи маърифатӣ (дониш)	**Саволҳо барои пурсишнома**
Фарҳанги умумӣ (дараҷаи дарк; мутобиқати рафтор ба меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда)	- ба фарҳанг шавқ дорам, мехонам, - маълумотро оид ба тарбияи фарзанд меомӯзам
Қобилиятҳои тарбиявии МТТ ва оила	- ҳамоҳангии муносибатҳо; - сохтори вазифавӣ-нақшии МТТ ва оила ; - ворид кардани кӯдак ба вазифаҳои дохили МТТ ва оила
Роҳҳои ҳамкорӣ бо кӯдак дар фаъолият	- мақбуркунӣ; - ташаббуси кӯдак; - ҷалб.
Марҳилаҳои ташаккули мустақилияти кӯдак дар фаъолият	- аз рӯи намуна; - ҳамкорӣ; - мустақилияти кӯдак.
Хусусиятҳои синну сол ва инфиродии кӯдак	- ман хусусиятҳои синну сол ва фарзанди худро медонам.

Ҷадвали 9. Дастгирии маънавӣ барои омӯзиш ва таҳлили қобилиятҳои коммуникатсионии салоҳияти мураббия ва падару модар

Қобилиятҳои коммуникативӣ	**Саволҳо барои пурсишнома**
Дар МТТ ва оила фазои мусбати психологӣ эҷод кардан, фазои эмотсионалии мусбатро нигоҳ доштан	- муошират бо аъзоёни МТТ ва оила ба фароҳам овардани фазои мусоид мусоидат мекунад
Нишон додани услуби демократии муошират бо аъзои МТТ ва оила , тақассум намудани ғояҳои педагогикаи башардӯстона дар ҳамкорӣ бо кӯдак	- ман тарзҳои ба роҳ мондани муносибатҳои шарикӣ ва субъективӣ бо ҳар як аъзои МТТ ва оиларо дорам
Барпо кардани муносибати эмотсионалӣ-шахсӣ бо кӯдак, ки талабот ва эҳтироми ӯро дар бар мегирад	- муошират бо кӯдак хусусияти рушдебанда дорад, ба азхудкунии меъерҳои иҷтимоӣ ва ошкор кардани шахсияти ӯ нигаронида шудааст
Доштани номгӯйи гуногуни воситаҳои муошират, усулҳои нутқӣ ва ғайринутқии муошират самаранок	- дар тамос бо кӯдак натиҷа ба даст меорам; - номгӯйи воситаҳои ҳамкорӣ барои ба ҳадафҳои худ ноил шудан имкон медиҳад
Қобилияти интиқол додани ҳолати эҳсосии худ ва қаҳрамонони асарҳои адабӣ	- ман талафузи рангин ва бойи овози худро дорам

Худбаҳодиҳӣ, ки онро олим С.Рубинштейн ҳамчун воситаи таҳлил ва арзёбии корҳо, натиҷаҳо ва ҳолатҳои гузашта баррасӣ кардааст, ба падару модар барои фаҳмидани таҷрибаи худ ёрӣ расонида, имкон медиҳад, ки дар баробари хатогиву сабабҳои нокомӣ, муваффақиятҳои худро дарк кунанд. Худбаҳодиҳӣ имконияти аз нав дида баромадан ва таҳлили амиқи таҷрибаҳоро фароҳам оварда, роҳро барои такмили минбаъда ҳамвор месозад.

Дар мавриди муносибатҳои дохили МТТ ва оила худбаҳодиҳӣ нақши муҳим мебозад. Он имкон медиҳад, ки самарабахшӣ ё бесамарии муносибатҳо, усулҳои ҳамкорӣ бо кӯдак ва таъсири онҳо ба рушди ӯ

арзёбӣ гардад. Худбаҳодиҳӣ сатҳи пешрафт дар рушди шахсӣ муайян сохта, ба шахс шароит муҳаё месозад, ки дар дилхоҳ ҳолат ба фаъолияти худ тағйироти зарурӣ ворид созад. Ин ислоҳот метавонанд ба тағйири равишҳо дар тарбия, муносибатҳо бо аъзои МТТ ва оила ва умуман, ба беҳтар шудани фазои МТТ ва оила равона карда шаванд.

Илова бар ин, худбаҳодиҳӣ на танҳо як воситаи дарки худ ва муносибатҳои наздик, балки инчунин абзори муҳим барои таҳлил ва баҳогузории равандҳои иҷтимоӣ ва психологӣ мебошад. Бо истифода аз худбаҳодиҳӣ, инсон метавонад рафтори худ, реаксияҳои дигарон ва таъсири мутақобила дар ҷомеаро мунтазам таҳлил намояд. Ин навъи таҳлил имкон медиҳад, ки сабабҳои рафторҳои муайян, динамикаи гурӯҳӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба шахсро дарк намуда, дар асоси он қарорҳои огоҳона қабул кард ва муносибатҳои солимро бунёд намуд. Ҳамин тариқ, худбаҳодиҳӣ ҳамчун як раванди муттасили худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ хизмат мекунад.

Илова бар ин, шакли анъанавии худтаҳлил, яъне пур кардани «Рӯзномаи дастовардҳои падару модар ва кӯдакон» низ ба таври васеъ истифода шуд. Ин рӯзнома имкон дод, ки падару модар на танҳо рӯйдодҳои муҳими ҳаёти кӯдакро сабт кунанд, балки инчунин дастовардҳои худ ва кӯдакро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла рушди ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ қайд намоянд. Сабти мунтазами ин дастовардҳо ба падару модар имкон дод, ки динамикаи рушди кӯдакро мушоҳида намуда, дарк кунанд, ки кадом усулҳои волидайнӣ самаранок буданд ва кадомҳо ислоҳотро талаб мекунанд. «Рӯзномаи дастовардҳо» ҳамчунин воситаи муҳиме буд барои таҳлили амиқи таҷрибаи волидайнӣ, муайян кардани сабабҳои муваффақиятҳо ва нокомиҳо, ва таҳияи стратегияҳои нави тарбия, ки ба ниёзҳои инфиродии кӯдак мувофиқ бошанд. Хулоса, ин ду усул – саволномаҳо ва рӯзнома – якҷоя ба мо имкон доданд, ки тасаввуроти ҳамаҷониба дар бораи салоҳияти мураббия ва падару модар ба даст орем.

Мо медонем, ки МТТ ва оила дар тарбияи кӯдак роҳи худро дорад.

Барои ҳамин, мо шаклҳои гуногуни муносибату фаъолиятро пешниҳод кардем, то ки падару модарон салоҳияти худро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ва тарбияи кӯдакон баланд бардоранд. Онҳо метавонанд аз ин шаклҳо он чизеро, ки барояшон мувофиқ аст, интихоб кунанд.

Яке аз шаклҳо ин тамосҳои мустақим бо мураббиён ва мутахассисон мебошад. Ин шаклҳо семинарҳо, тренингҳо ва машваратҳоро дар бар мегиранд, ки дар онҳо падару модар метавонанд бо коршиносон мулоқот карда, саволҳои худро диҳанд ва маслиҳати амалӣ гиранд.

Имконияти дигар ин омӯзиши фосилавӣ мебошад. Мо махсус вебинарҳо ва курсҳои интернетиро интихоб кардем, ки ба мавзӯъҳои мухталиф бахшида шудаанд.

Мураббиёну волидайн метавонанд дониши худро дар бораи манбаъҳои иттилоотӣ низ мустақилона баланд бардоранд. Ин метавонад хондани адабиёт, истифодаи васоити ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ ва интернет бошад. Наворҳои видеоӣ тамошо намуда, ба сайтҳои махсус, саҳифаҳои шахсии равоншиносон ва мураббиёни касбӣ мурочиат кунанд, лоиҳаҳои муаллифӣ, лоиҳаҳои касбии телевизионӣ, видеофилмҳо, сужетҳо ва клипҳои мусиқиро тамошо кунанд. Ин усулҳо барои бисёр онҳо хеле мувофиқанд, зеро онҳо метавонанд дониши худро дар вақти дилхоҳ ва дар ҷои дилхоҳ такмил диҳанд. Ба ибораи дигар, волидайн метавонанд тарзи омӯзиши худро ба речаи рӯзгор ва имкониятҳои шахсии худ мутобиқ созанд.

Ҷамъияти волидайн дар интернет дар паҳн кардани иттилоот ва таҳияи мазмуни машғулиятҳо дар доираи барномаи мазкур нақши муҳим бозид. Ин усули муошират, ки бо ташаббуси худи волидайн оғоз шудааст, махсусан барои МТТ ва оилаҳои ҷавон писанд аст. Гурӯҳҳои махсус таъсис дода шуданд, ки дар онҳо маълумоти муҳим ва мухтасар оид ба мавзӯъҳои омӯзиш дода мешуд. Маводу воситаҳо ба ниёзҳои волидайн мутобиқ карда шуд, ки онҳо мавзуъ ва мақсади асосии барномаро дар назар доштанд.

Барои ҷалби таваҷҷӯҳи иштирокчиёни озмоиш маводи

диққатҷалбкунанда, аз қабили латифаҳо, муаммоҳо, маълумот дар бораи хуш гузаронидани вақти кӯдакон, тестҳои кӯтоҳ, мусоҳибаҳо, маводи равоншиносӣ, супоришҳои эҷодӣ, мусиқиҳои гуногун ва маводи видеоӣ манзур карда мешуд.

Ба ҳар як мавзуъ дафтари махсуси корӣ барои мураббиёну падару модарон замима шудааст, ки барои дарки беҳтар, такмил ва ҷамъбасти донишҳо ёрӣ мерасонад. Дафтар корӣ аз се қисм иборат буд:

1. Рушди шахсӣ: Дар ин қисм, ки ба худшиносӣ равона шудааст, саволҳо, тестҳо, иқтибосҳои фикрӣ, шеърҳо, расмҳо, машқҳои ҳавасмандкунанда, харитаҳои ақлӣ ва рӯйхатҳои санҷишӣ ҷойгир шудаанд.

2. Манбаъҳои таълимӣ: Ин қисм дорои маълумоти муҳим, рӯйхати адабиёти тавсияшуда, инчунин, пайвандҳо ба видеоҳо, вебинарҳо, сайтҳо ва мақолаҳои мувофиқ мебошад.

3. Машғулиятҳои амалӣ: Дар ин қисм, машқҳои амалӣ, супоришҳо, таҳқиқоти воқеӣ аз соҳаи педагогика, супоришҳо барои такмили худ, дастурҳо оид ба тартиб додани нақшаҳои инфиродии таълимӣ, маслиҳатҳо оид ба ҳамкории хуби мураббиёну волидайн ва машғулиятҳои якҷоя барои падару модар ва фарзандон пешниҳод мешаванд.

Падару модар қайд карданд, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои кӯдакон кушодатар, ғамхортар, миннатдортар, таҳаммулпазиртар, мутавозинтаи, боэътимодтар ва хушмуомилатар гаштанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барномаи таълимӣ ба кӯдакон дар муошират ёрӣ расонда, малакаи мураббиёну падару модарро беҳтар мекунад ва ба ин васила зиндагии кӯдакони ГО-ро дар МТТ ва оила ба таври мусбат ислоҳ мекунад. Ин фарзия дар рафти озмоиш тасдиқи худро пайдо кард.

Хулоса, дар ин қисми таҳқиқот оид ба сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, мо бояд қайд кунем, ки озмоиш як ҷузъи калидии ин раванд буд. Вазифаи асосӣ фаҳмидани он буд, ки салоҳияти мураббия, падару модар

ва рушди иҷтимоии кӯдак бо ҳам чӣ гуна алоқаманд аст. Мо ин озмоишро дар марказҳои рушди кӯдакон ва наврасони ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе гузаронидем. Дар он 40 нафар тарбиятгирандагони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои 1-2 иштирок карданд. Мо ин гурӯҳи синнусолиро интихоб кардем, то бубинем, ки барнома дар даврaҳои гуногуни рушди кӯдак чӣ гуна кор мекунад.

Дар тули таҳқиқот, ки як соли таҳсилиро фаро гирифт, таваҷҷуҳи асосӣ ба кор бо падару модари кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ равона гардид. Мақсад аз он иборат буд, ки тавассути ташаккули салоҳияти мураббия ва падару модар ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар шароити МТТ ва оила таъсири мусбат расонем.

Кор бо падару модар дар асоси барномаи махсуси таҳиягардида, ки аз се бахши асосӣ иборат буд, сурат гирифт.

Бахши аввал бо номи «Падару модарӣ - рисолати бузург», ки аз 4 машғулият иборат буд, ба муайян намудани нақши волидайн дар рушди кӯдак, аҳамияти муносибатҳои мусбат ва масъулияти падару модар барои ояндаи фарзандонашон бахшида шуда буд.

Бахши дуюм, ки «Кӯдак - дар ҷомеа» ном дошт ва 3 машғулиятро фаро мегирифт, ба таҳлили ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои кӯдак бо ҷомеа, аз ҷумла муносибат бо ҳамсолон, мураббия ва дигар аъзои ҷомеа нигаронида шуда буд.

Бахши сеюм, «Ташкили ҳамкории субъект - субъектӣ дар намудҳои фаъолияти МТТ ва оила», иборат аз 13 машғулият, ҳадафи таъмини падару модар бо дониш ва малакаҳои зарурӣ барои ташкили муҳити мусоиди МТТ ва оила ва ҳамкорӣ бо кӯдаконро дошт. Ин бахш ба он нигаронида шуда буд, ки падару модар на танҳо ҳамчун тарбиятгар, балки ҳамчун шарики баробарҳуқуқи кӯдак амал намуда, ба ташаккул ва рушди ӯ мусоидат намоянд.

Мо усули инноватсиониеро пешниҳод менамоем, ки ба падару модар дар рушди самараноки малакаҳои иҷтимоӣ дар фарзандонашон

кӯмак мекунад. Ин равиш ба роҳнамоии ғайримустақим асос ёфтааст ва ба МТТ ва оила вазифаҳои ҳамаҷонибаро пешниҳод мекунад, ки ҳама марҳилаҳоро фаро мегиранд - аз муайян кардани мушкилот то арзёбии пешрафт.

Дар аввал, падару модар машқҳои пешниҳодшударо якҷоя иҷро мекарданд ва сипас, пас аз гирифтани дастурҳои возеҳ, мустақилона дар хона кор карданро идома медоданд. Хусусияти асосии барнома дар он буд, ки он ба падару модар озодии интихоби роҳҳои қулайтарини амиқтар кардани дониши худро дод. Онҳо тавонистанд аз маводи гуногуни таълимӣ барои омӯзиши мустақилона ва азхуд кардани равишҳои нав истифода баранд.

Ҳангоме ки мо дар бораи тағйироти мусбате, ки дар МТТ ва оила ва рафтори кӯдакон ба амал омадаанд, муҳокима кардем, маълум шуд, ки ин технология на танҳо робитаҳои МТТ ва оилавиро мустаҳкам мекунад, балки ба рушди иҷтимоии насли ҷавон низ таъсири назаррас мерасонад.

Хулоса, дар ҷараёни озмоиши ташаккулдиҳанда, мо тавонистем ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назар доштаамонро ба даст орем. Ин озмоиш ба мо имкон дод, ки самаранокии усулҳои таълим ва воситаҳои педагогикии истифодашавандаро арзёбӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ ба онҳо тағйирот ворид намоем. Бо вуҷуди ин, арзёбии дақиқ ва мушаххаси сифати корҳои иҷрошуда, аз ҷумла таҳлили амиқи натиҷаҳо ва муайян намудани камбудиҳои эҳтимолӣ, дар марҳилаи назоратии таҳқиқот, ки дар он маълумоти ҷамъовардашуда бодиққат баррасӣ мешавад, гузаронида мешавад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи самаранокии усулҳои татбиқшуда хулосаҳои асоснок бароварда, роҳҳои такмили минбаъдаи онҳо муайян карда шаванд.

3.2. Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ

Дар зербоби мазкур натиҷаҳои таҳқиқоти марҳилаи назоратӣ оид ба рушди сатҳи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони ГО ва ГН таҳлилу баррасӣ

карда хоҳанд шуд.

Мақсади марҳилаи ниҳоии озмоиш аз он иборат буд, ки самаранокии амсилаи пешниҳодкардаамонро ба таври ҳамаҷониба арзёбӣ намоем. Ин арзёбӣ бояд муайян мекард, ки оё амсила метавонад ба ҳадафҳои интизорӣ ва то чӣ андоза он барои ҳалли мушкилоти мушаххас мувофиқ аст. Барои ин, мо ба нақша гирифта будем, ки натиҷаҳои бадастовардаро бо нишондиҳандаҳои пешакӣ муайяншуда муқоиса намуда, инчунин фикру мулоҳизаҳои иштирокчиён ва коршиносонро ба назар гирем. Дар натиҷа, мо умедворем, ки дар бораи арзиши амалии амсила ва имконоти он барои истифода дар вазъиятҳои гуногун хулосаҳои асоснок барорем.

Дар марҳилаи назоратии озмоиш усулҳои дар марҳилаи муқарраркунанда истифодашуда - харитаи зуҳуроти мустақилият, арзёбии шаклҳои иҷтимоии рафтор (аз рӯйи мушоҳидаҳо), харитаи зуҳуроти фаъолият ва ташаббус, ташхиси қобилиятҳои муколама, санҷиши худбаҳодиҳии «Нордбон» (В.Г Шур) ва санҷиши ҳолати эҳсосии кӯдак «Расми оила « (А.И.баркан) мавриди корбурд қарор дода шуданд. (Замимаи)

Дар марҳилаи ҷамъбастии озмоиш, мо вазифаҳои муҳимро дар пеш гузоштем. Аввалан, мо ташхиси ҷамъбастиро ташкил ва гузаронидем, то дараҷаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро муайян кунем. Ин сифатҳо фаъолнокиро, ташаббускориро, мустақилиятро, рафтори ихтиёриро, қобилияти баҳамтаъсиррасониро, ҳамкориро, амалӣ кардани худбаҳодиҳиро ва рӯҳияи мусбати эҳсосиро дар бар мегирифтанд.

Дуюм, мо натиҷаҳои бадастовардаро бо истифода аз усулҳои математикӣ ва маъноӣ коркард ва тафсир кардем. Сеюм, мо маълумоти ташхисии марҳилаҳои муайянкунанда ва назоратии таҷрибаро муқоиса намуда, дар асоси таҳлил динамикаи тағиротҳоро муайян кардем. Чорум, мо ғояҳоеро таҳия кардем, ки фарзияҳои пешниҳодшударо тасдиқ ё рад мекарданд. Ва дар ниҳоят, дар асоси натиҷаҳои кори озмоишӣ хулосаҳо баровардем.

Қобили зикр аст, ки марҳилаи муқарраркунанда низ аҳамияти калон дошт, зеро он ба мо имкон дод, ки сатҳи ибтидоии ташаккули ҳар яке аз ҳафт сифатҳои иҷтимоиро дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ошкор намоем. Барои ин, мо маҷмӯи васеи усулҳоро истифода кардем. Маълумоти ташхисии бадастомада дар ҷадвалҳо тартиб дода шуда, дар боби 2.1. пешниҳод карда шудааст.

Арзёбиҳои назоратии пас аз марҳилаи ташаккулдиҳанда баргузоршуда бо риояи қатъии методика гузаронида шуданд. Маълумоти гирифташуда, ки аз коркарди математикӣ гузаштаанд, дар ҷадвалҳо ба низом дароварда шудаанд. Барои осон кардани муқоисаи натиҷаҳои дар марҳилаҳои ташаккулдиҳанда ва назоратӣ ба даст овардашуда, онҳо дар диаграммаҳо ҷамъбаст карда шудаанд. Нишондиҳандаҳо барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар сутунҳои алоҳида оварда шудаанд, ки фоизи онҳо теъдоди кӯдакони ба ҳар як сатҳ тааллуқдоштаро ҳам дар аввал ва ҳам дар охири озмоиш инъикос мекунад.

Таҳлили динамикаи мустақилият дар байни иштирокчиёни озмоиш натиҷаҳои зайлро ба таври возеҳ нишон дод (ҷадвали 15):

Дар ГО пастшавии назарраси сатҳи пасти мустақилият мушоҳида гардид, ки аз 25,5% то 6,5% коҳиш ёфта, беҳбудии нисбии 15,5%-ро ташкил медиҳад. Баръакс, дар ГН тағйироти мусбат хеле камтар буда, ҳамагӣ 3,5%-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи сатҳи баланди мустақилият низ дар ГО беҳбудии чашмрас ба назар мерасад: афзоиш аз 10,5% то 51%, яъне 38%. Аммо, дар ГН шумораи кӯдаконе, ки аллакай дар ибтидо сатҳи баланд доштанд, ҳамагӣ 5% афзуда, аз 14,5% ба 19,5% расидааст.

Дар ГО гузариши кӯдакон аз сатҳи миёна ба сатҳи баланд 23%-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар ГН ин нишондиҳанда ҳамагӣ 3% афзудааст. Ин тамоюл гувоҳӣ медиҳад, ки барномаи таҳияшуда дар рушди мустақилият дар байни кӯдакон дар ГО нисбат ба ГН самаранoктар аст.

Диаграммаи 9. Натиҷаҳои ташхиси мустақилияти кӯдакони ГО ва ГН (%)

Маълумоти ҷамъбастии арзёбии фаъолнокии кӯдакон дар ҷадвали 16 оварда шудааст.

Диаграммаи 10. Натиҷаҳои ташхиси фаъолнокии кӯдакони ГО ва ГН (%)



Дар давраи назоратии озмоиш дар ГО пастшавии фаъолият 12,9% (фарқият аз аввала 11%) ва дар ГН 19,5% (фарқият 2,4%) мушоҳида шуд, ки 11% беҳтар будани натиҷаҳоро дар ГО нишон медиҳад. Сатҳи миёнаи худро 27,5% тарбиятгирандагон боло бурданд.

Дигаргуниҳои мусбат дар ГН 7,5%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ГО 19,5% камтар аст. Дар сатҳи баланд дар ГО 47,5% ва дар ГН 17,5% кӯдакон баромад карданд.

Натиҷаҳои баҳодиҳии салоҳиятҳои ташаббускории кӯдакон дар ҷадвали 17 пешниҳод шудаанд.

Диаграммаи 11. Натиҷаҳои ташхиси салоҳияти ташаббускории кӯдакони ГО ва ГН (%)



Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар аввали таҳқиқот кӯдакони ГН нисбат ба кӯдакони ГО рафтори ихтиёрии беҳтар доштанд. Пас аз ҷаласаҳо, ГО беҳбудиҳои назаррасро нишон дод: 35,5% кӯдакон рафтори худро беҳтар карданд ва аз сатҳи паст ба сатҳи баландтар гузаштанд. 15,5% дигар аз сатҳи миёна беҳтар шуданд. Дар ниҳоят, 31% кӯдакони ГО ба рафтори сатҳи баланд ноил шуданд. Дар ГН тағйирот камтар назаррас буданд: шумораи кӯдаконе, ки сатҳи паст ва баланди рафтор доштанд, танҳо 5% афзоиш ёфт, дар ҳоле ки сатҳи миёна бетағйир мондааст.

Маълумоти муфассал дар бораи тағйироти рафтори ихтиёрӣ дар ҷадвали 18 оварда шудааст.

Диаграммаи 12. Натиҷаҳои ташхиси рушди рафтори ихтиёрӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)



Рафтори ихтиёрӣ сифати мураккабтарини ташаккулёбанда аст, барои ба даст овардани натиҷаи баланд давраи тӯлонитар аз он, ки дар доираи он озмоиши ташаккулёбанда гузаронида шудааст, талаб карда мешавад. Бояд қайд кард, ки аксари кӯдакон ҳам дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот ва ҳам дар марҳилаи ниҳоӣ дар сатҳи миёна дар ҳарду гурӯҳ 70% ва зиёда аз он буданд ва ҳастанд. Бо вуҷуди ин, дар ГО аз паст ва миёна ба баланд 15% кӯдакон ва дар ГН 5% (2,5% ба миёна ва 2,5% ба баланд) гузаштанд.

Маълумоти муқоисавии марҳилаҳои муайянкунанда ва назоратӣ аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси *қобилияти якҷоя амал кардан ва ҳамкорӣ* дар ҷадвали 19 оварда шудааст.

Диаграммаи 13. Натиҷаҳои ташхиси рушди қобилияти якҷоя амал кардан ва ҳамкорӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)



Мувофиқи маълумоти диаграмма, аксари кӯдакон дар сатҳи миёна, ҳам дар аввал ва ҳам дар охири озмоиш 60-65% мебошанд. Тағйиротиназаррас дар сатҳи паст ва баланд ба вуқуъ пайвастааст.

Хулоса, дар ГО дар сатҳи паст 5,5% аз шумораи ибтидоии онҳо 32% боқӣ мондааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки 27% кӯдакон дар ин гурӯҳ нишондиҳандаҳои худро беҳтар намуда, ақибмонии рушдро нишон надоданд. Ҷолиб аст, ки шумораи кӯдакони дорои сатҳи баланди рушд аз 7,7% то 31,9% афзоиш ёфта, 24,5%-ро ташкил медиҳад. Ин тамоюл ба афзоиши назарраси сатҳи рушди кӯдакон дар ГО ишора мекунад, ки метавонад натиҷаи усулҳои нави таълимӣ ва дастгоҳҳои муосир бошад, ки барои беҳтар намудани рушди кӯдакон истифода мешаванд.

Дар ГН бошад, вазъият дигар аст. Дар ин ҷо, 21% кӯдакон дар сатҳи паст боқӣ мондаанд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои аввала тағйироти ҷиддие ба назар намерасад. Шумораи кӯдаконе, ки нишондиҳандаҳои худро беҳтар кардаанд, ҳамагӣ - 7,5%-ро ташкил медиҳад (аз 28,5% то 20%). Афзоиши шумораи кӯдакони сатҳи баланд 7,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда низ нишон медиҳад, ки кӯдакон дар ин гурӯҳ имконияти камтаре барои такмили нишондиҳандаҳои худро доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти худбаҳодиҳии кӯдакони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ҷадвали 20 оварда шудаанд, ки таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои рушди кӯдаконро дар ҳар ду гурӯҳ имконпазир месозад. (Ба ҷадвали 20 нигаред). Ин ҷадвал на танҳо фарқиятҳои байни гурӯҳҳоро нишон медиҳад, балки инчунин ба таҳлилгарон ва омузгорон кӯмак мерасонад, то фаҳманд, ки кадом усулҳо ва стратегияҳо барои такмили рушди кӯдакон самараноктар мебошанд.

Диаграммаи 14. Натиҷаҳои ташхиси рушди худбаҳодиҳӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)



Мувофиқи ҷадвал, ҳарду гурӯҳ натиҷаҳои мусбат нишон додаанд. Дар ГН сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ ба 50,5% ва дар ГО ба 74,5% расидааст. Сатҳи ибтидоӣ дар ҳарду гурӯҳ яксон буд (12,7%). Ин афзоиш асосан аз ҳисоби гузариши кӯдакон аз сатҳи миёна ба амал омадааст, ки дар ҳарду гурӯҳ зиёда аз 40,5%-ро ташкил медиҳад. Дар ГО ягон тарбиятгиранда дар сатҳи паст намондааст, дар ҳоле ки дар ГН сатҳи паст 5,5% афзоиш ёфтааст. Дар марҳилаи назоратии озмоиш дар ГО кӯдакони дорои сатҳи пасти рушди худбаҳодиҳӣ мушоҳида нашуда, дар ҳоле ки дар ГН 2,6% кӯдакон сатҳи паст, 37,4% сатҳи миёна ва 50,5% сатҳи баланд доштанд. Дар ГО 25,5% кӯдакон сатҳи миёна ва 76,5% сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ доштанд.

Диаграммаи 15. Диаграммаи ташхиси руҳияи мусбии эмотсионалии кӯдакон ГО ва ГН (%)



Маълумоти диаграмма нишон медиҳад, ки дар марҳилаи назоратӣ тағйироти назаррас дар гурӯҳи озмоишӣ ба қайд гирифта шуд. Шумораи кӯдакони дорои сатҳи баланди руҳияи мусбии эмотсионалӣ дар ГО то 85% афзоиш ёфта, дар муқоиса бо марҳилаи ибтидоӣ беш аз 55% боло рафтааст. Ҳамзамон, сатҳи паст то 2,5% коҳиш ёфта, сатҳи миёна низ то 12,5% кам шудааст. Ин нишондиҳандаҳо рушди устувор ва мусбати ҳолати эмотсионалии кӯдаконро дар гурӯҳи озмоишӣ тасдиқ мекунанд.



Диаграммаи 16. Диаграммаи ташхиси руҳияи мусбии эмотсионалии кӯдакон ГО ва ГН (%)

Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд. Маълумоти таҷрибавӣ собит намуд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ тағйироти назарраси сифатӣ ва миқдорӣ дар:

- сатҳи фаъолият ва ташаббускорӣ;

- мустақилият ва худидоракунӣ;

- худбаҳодиҳӣ ва худшиносии иҷтимоӣ;

- муносибати мусбати эҳсосӣ;

- рафтори ихтиёрӣ;

- қобилияти ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак ба қайд гирифта шудааст.

Ин тағйирот исбот менамоянд, ки амсилаи таҳияшуда ва шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда самаранок буда, ба рушди иҷтимоии кӯдакон таъсири устувор мерасонанд.

Дар таҳлили натиҷаҳои бадастомада муайян гардид, ки аксарияти кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) – 30,4% сатҳи баланди рушди иҷтимоӣ доранд, ки ин нишондиҳанда дар марҳилаи муқарраркунанда 8,2% ташкил медод. Ин нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон малакаҳои иҷтимоиро дар сатҳи зарурӣ аз худ кардаанд.



Диаграммаи 17. Диаграммаи ташхиси руҳияи мусбии эмотсионалии кӯдакон ГО ва ГН (%)

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки татбиқи Натиҷаҳои бадастомада дурустии фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд: кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ

нишондиҳандаҳои хеле баландтар ба даст оварданд, ки ин самаранокии марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҷрибаро дар давоми соли хониш инъикос мекунад. Афзоиши сатҳи баланди рӯҳияи мусбии эмотсионалӣ дар ГО бо маълумоти ташхисӣ ва ҳисобҳои фоизии анҷомдодашуда пурра тасдиқ мегардад.

Дар доираи татбиқи бахшҳои муҳтавоӣ ва технологӣ, фаъолияти мақсадноки мураббияҳо, ҳамкории мунтазам бо падару модар ва истифодаи равишҳои муосири педагогӣ ба фароҳам овардани муҳити дастгиркунанда ва эмотсионалии мусбат мусоидат намуд. Ин муҳит ба кӯдакон имконият дод, ки худро ором, бовариноқ ва фаъол эҳсос намоянд, ки дар навбати худ ба рушди эҳсосоти мусбат, шавқ ба фаъолият ва муносибати нек ба атрофиён оварда расонд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои марҳилаи назоратӣ собит месозанд, ки технологияи татбиқшуда ва ҳамкории субъект-субъектӣ байни омӯзгорон, падару модар ва кӯдакон дар гурӯҳи озмоишӣ омили асосии баланд гардидани руҳияи мусбии эмотсионалии кӯдакон гардида, барои рушди минбаъдаи шахсият ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо заминаи мусоид фароҳам овард.

Хулосаи боби сеюм

Корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули ҳамкории субъектӣ-субъектии падару модар ва кӯдакон, ки дар ин боб пешниҳод гардиданд, идомаи мантиқии таҳқиқоти назариявии боби аввал ва асосҳои методологию муҳтавоии боби дуюм мебошанд. Озмоишҳо ба таври мунтазам дар тӯли 5 сол гузаронида шуда, ҳадафи асосии онҳо санҷиши самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ буд.

Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №59 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, №52 ноҳияи Фирдавсӣ, №1-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва №7-и шаҳри Турсунзода амалӣ гардида, се марҳиларо дар бар гирифт: марҳилаи муқарраркунанда, марҳилаи ташаккулдиҳанда ва марҳилаи назоратӣ**.** Ҳар як марҳила вазифа ва

муҳтавои мушаххас дошта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои тадқиқотӣ хидмат намуд. Дар марҳилаи муқарраркунанда ташхиси ибтидоии сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон анҷом дода шуда, дар асоси натиҷаҳо гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва назоратӣ (ГН) бо нишондиҳандаҳои нисбатан баробар муайян гардиданд. Ин марҳила имкон фароҳам овард, ки ҳолати воқеии масъала ва заминаи ибтидоии тадқиқот дақиқ карда шавад.

Марҳилаи ташаккулдиҳанда ба роҳнамоии педагогии падару модари кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ равона шуда, дар асоси амсилаи пешниҳодшуда ва барномаи махсуси таҳиягардида амалӣ гашт. Мазмуни асосии ин марҳила баланд бардоштани салоҳияти падару модар, омӯзиши роҳҳои ҳамкории субъектӣ-субъектӣ ва ҷалби фаъолонаи кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолияти дохили МТТ ва оила буд. Ин раванд барои фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди иҷтимоӣ ва шахсии кӯдакон заминаи устувор гузошт.

Дар марҳилаи назоратӣ бо истифода аз ҳамон усулҳои ташхисӣ, ки дар марҳилаи муқарраркунанда татбиқ шуда буданд, натиҷаҳои ниҳоӣ таҳлил ва муқоиса гардиданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи баланди рушди сифатҳои иҷтимоӣ 37,5% афзоиш, сатҳи миёна 18,2% коҳиш ёфтааст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, тағйирот ночиз буда, афзоиши сатҳи баланд танҳо 1,7%**,** сатҳи миёна 1% ва сатҳи паст 4,2%-ро ташкил дод.

Муқоисаи натиҷаҳо собит менамояд, ки дар кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ рушди сифатҳои иҷтимоӣ ба таври назаррас баланд гардида**,** самаранокии амсилаи пешниҳодшуда ва роҳнамоии ғайримустақими омӯзгорон бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ пурра тасдиқ мешавад. Ҳамин тариқ, фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқот исбот гардид.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин нишон медиҳанд, ки МТТ ва оила ҳамчун ниҳоди ибтидоии иҷтимоӣ дорои имкониятҳои васеъ барои рушди иҷтимоии кӯдак мебошад. Ҳамкории субъектӣ-субъектии падару модар бо кӯдакон ба ташаккули фаъолнокӣ, мустақилият,

ташаббускорӣ, қобилияти ҳамкорӣ ва рушди рӯҳияи мусбии эмотсионалӣ мусоидат менамояд. Баланд гардидани салоҳияти мураббиёну падару модар имкон медиҳад, ки муҳити МТТ ва оила солим, дастгиркунанда ва рушдиёбанда фароҳам оварда шавад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои боби сеюм нишон медиҳанд, ки ташкили ҳамкории самараноки мураббиёну падару модар дар асоси амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ омили муҳимми рушди сифатҳои иҷтимоӣ, ташаккули шахсият ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон буда, метавонад дар амалияи муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои ибтидоӣ ба таври васеъ татбиқ гардад.

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

1. Дар шароити муосир, сиёсати давлатии мо дар соҳаи маориф, тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ниҳодҳои иҷтимоиро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоикунонӣ ва тарбияи шахсияти бофарҳанг ва қобилияти мутобиқшавӣ равона мекунад. Ташаккули сифатҳои муҳим ва боаҳамияти шахсии инсон аз солҳои кӯдакӣ вазифаи муҳимтарин дар рушди ҷомеа мебошад, ки аз ҷониби олимон тадқиқ шудааст. Сифатҳои иҷтимоӣ, ба монанди фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, ва қобилияти ҳамкорӣ, барои кӯдакон аҳамияти калон доранд.

2. Илова бар ин, муҳити МТТ ва оила бояд имкониятҳои гуногуни фаъолият ва таҷрибаомӯзиро барои кӯдакон таъмин кунад. Ин маънои онро дорад, ки падару модар ва аъзои оила бояд кӯшиш кунанд, то кӯдакон дар фаъолиятҳои гуногун, ба монанди бозӣ, санъат, варзиш ва омӯзиш, иштирок кунанд. Ин фаъолиятҳо на танҳо ба рушди қобилиятҳои иҷтимоӣ, балки инчунин ба беҳтар кардани равобити МТТ ва оила ва паст кардани сатҳи ҳаяҷон ва изтироб дар кӯдакон кӯмак мерасонанд.

3. Таҳқиқот собит сохт, ки иштирок ва ҳамкории падару модар бо муассисаҳои таълимӣ дар ин раванд ҷанбаи калидӣ мебошад. Ин ҳамкории наздик метавонад боиси беҳтар кардани сифати таълим ва тарбияи кӯдакон бошад, ки дар он падару модар метавонанд бо муаллимон ва мутахассисон дар соҳаи психология барои таъмини рушди муназзами кӯдакон ҳамкорӣ кунанд.

4. Ниҳоят муҳим аст, ки мураббиёну падару модар ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба рушди шахсии кӯдакон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кунанд. Ин метавонад тавассути муҳокимаи арзишҳо, маърифати иҷтимоӣ ва бо ҳам будан дар лаҳзаҳои муҳим ва хурсандкунанда ба вуҷуд ояд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин иқдомот метавонанд ба таъсиси муҳити солим ва дастгиркунанда барои кӯдакон, ки бо сифатҳои иҷтимоӣ ва шахсият баркамол мебошанд, мусоидат кунанд.

5. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он далолат мекунанд,

ки мо бояд имкониятҳои МТТ ва оиларо дар тарбияи кӯдак баррасӣ кунем ва шароити психологӣ ва педагогии рушди самараноки иҷтимоии онҳоро муайян намоем. Омӯзиши таҷрибаҳои пешқадам нишон медиҳад, ки захираҳои МТТ ва оила барои мақсадҳои тарбиявӣ то ҳол истифода нашудаанд. Мундариҷаи ҳамкории МТТ ва оила тибқи талаботи ҳаётии кӯдак муайян ва дар намудҳои гуногуни фаъолият амалӣ карда мешавад.

6. Ошкор карда шуд, ки фаъолияти кӯдак дар МТТ ва оила , ба монанди меҳнат, фароғат ва иртибот, яке аз омилҳои асосии рушди сифатҳои иҷтимоӣ мебошад. Кӯдак дар нақшҳои гуногун, бо ҷомеа шинос ва дар ҳамкорӣ бо калонсолон ташаккул меёбад, ки ин ба иҷтимоикунонӣ ва фаҳмиши муносибатҳои ҷамъиятӣ кӯмак мекунад.

7. Таҳқиқоти диссертатсионӣ шароитҳои асосии рушди самараноки иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оиларо нишон медиҳад. Сарфи назар аз ин, падару модар аксар вақт кӯдаконро аз корҳои хонагӣ дур мекунанд ва фазои бепарвогии кӯдакиро таъсис медиҳанд, ки ин пешрафти иҷтимоии онҳоро монеъ мешавад.

8. Таҳқиқоти озмоишӣ ошкор сохт, ки шароитҳои мусоид барои тарбияи сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон бо ташкили корҳои махсус оид ба баланд бардоштани салоҳияти падару модар, мувофиқи ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва маълумоти илмӣ фароҳам оварда мешавад.

9. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки падару модар бояд дар тарбияи фарзанд фаъол бошанд ва имкониятҳои МТТ ва оилавиро ба таври самаранок истифода баранд. Ташкили семинарҳо, тренингҳо ва барномаҳои таълимӣ барои мураббиёну падару модар метавонад ба онҳо кӯмак расонад, то беҳтар фаҳманд, ки чӣ гуна метавонанд кӯдаконро дар фаъолиятҳои гуногун, ба монанди меҳнат ва фароғат, ҷалб кунанд.

10. Илова бар ин, падару модар бояд муҳити мусоид ва дастгиркунанда барои кӯдакон эҷод кунанд, ки дар он онҳо метавонанд озодона фикр кунанд, худро изҳор кунанд ва таҷрибаҳои навро касб кунанд. Ин муҳит метавонад тавассути муносибатҳои солим ва эътимоднок бо фарзандон, инчунин сохтани анъанаҳои МТТ ва оила хос,

ки дар онҳо кӯдакон метавонанд иштирок кунанд, ба вуҷуд ояд.

11. Пас, муҳим аст, ки падару модар ва муаллимон дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар кор кунанд, то кӯдаконро дар роҳи рушди шахсӣ ва иҷтимоӣ дастгирӣ намоянд. Ин ҳамкории наздик метавонад боиси беҳтар шудани сифати тарбия ва рушди кӯдакон гардад, ки дар он падару модар нақши муҳим ва фаъол доранд.

12. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ шароитҳои психологӣ ва педагогӣ барои ташаккули сифатҳои ғайримустақими иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила муайян карда шуд. Яке аз ҷанбаҳои калидӣ ҳамкории субъект-субъект мураббиёну падару модар бо кӯдакон мебошад, ки якчанд ҷузъҳои муҳимро дар бар мегирад.Аввалан, ҷанбаи арзишӣ, ки ба муносибатҳои арзишӣ ба худ, ба шарик, ба фаъолият ва ягонагии самтҳои арзиш дахл дорад. Дар ин замина, муҳим аст, ки ҳарду ҷониб барои ҳамкорӣ ҳавасманд бошанд.

Дуюм, ҷанбаи эмотсионалӣ, ки эҷоди фазои мусоиди эҳсосиро дар МТТ ва оила дар назар дорад, ки ба услуби муносибатҳо таъсир мерасонад.

Сеюм, ҷанбаи рағбатнокӣ (когнитивӣ), ки ба мавқеи субъективии мураббиёну падару модар ва эътирофи субъективии кӯдакон, инчунин зуҳуроти фаъолияти эҷодии онҳо диққат медиҳад.Чорум, ҷанбаи низомнокии фаъолият, ки аз амалӣ намудани фаъолияти муштарак ва ҷалби кӯдак ба машғулиятҳои дастрас иборат буда, бо фаъолияти МТТ ва оила ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ алоқаманд аст.Ниҳоят, ба назар гирифтани салоҳияти мураббиёну падару модар дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила муҳим аст, ки дар ин раванд нақши муҳим мебозад.

13. Омӯзиши манбаъҳои илмӣ дар бораи сохтор ва мундариҷаи салоҳияти мураббия ва падару модар моро водор сохт, ки се ҷузъи сохторӣ - шахсиятӣ, маърифатӣ ва фаъолиятиро ҷудо кунем. Барои муайян кардани шаклҳои самараноки кор бо падару модар, ки ба ташаккули хусусиятҳои субъектии онҳо нигаронида шудааст, мо амсилаи

сохторӣ-мазмуниеро пешниҳод кардем. Ин амсила, бо ҳамроҳии мураббиёну омӯзгорони маркази рушди кӯдак ва наврасони ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе барои баланд бардоштани салоҳияти падару модар, ғоя ва муқаррароти азхудшударо дар МТТ ва оила мавриди истифода қарор додааст.

14. Амсила бо тамоюлҳои муосир, равишҳои методологӣ ва принсипҳои гуногун эҷод шудааст. Бахшҳои он шомили мақсаднокӣ, мазмуннокӣ, методӣ ва самарабахшӣ мебошанд. Мундариҷаи кори мустақим бо падару модар дар давоми соли таҳсил тибқи барномаи муаллифӣ, ки аз се бахш «Кӯдак дар ҷомеа», «Падару модарӣ - рисолати бузург» ва «Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар намудҳои фаъолияти МТТ ва оила» иборат аст, таҳия шудааст.

15. Барномаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани салоҳияти мураббиёну падару модар ва рушди сифати иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила таҳия гардида, дар ҳар бахш ба масъалаҳои муҳими муносибатҳои МТТ ва оила, таъсири онҳо ба тарбияи кӯдакон диққати махсус медиҳад.

16. Бахши «Кӯдак дар ҷомеа» бо омӯзиши нақши кӯдакон дар вазъиятҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳо бо ҳамсолон, муҳити атроф ва ҷомеа бахшида шуда, кӯмак кард, ки мураббиёну падару модар фаҳманд, чӣ гуна метавонанд кӯдаконро дар таҳкими ин муносибатҳо дастгирӣ кунанд.

17. Бахши «Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар намудҳои фаъолияти МТТ ва оила» ба ҳамкории мураббиёну падару модар ва кӯдакон дар фаъолиятҳои гуногун, аз қабили хонавода, омӯзиш ва фаъолиятҳои эҷодӣ диққат дода шудааст. Амалисозии ин бахш имконият дод, ки падару модар ва кӯдакон дар якҷоягӣ фаъолият кунанд, ин равиш на танҳо машғулиятҳои амалӣ, балки муҳити МТТ ва оилавиро низ беҳтар кард.

18. Собит шуд, ки тамоми ин бахшҳо дар маҷмӯъ, бо мақсади беҳтар кардани равобити МТТ ва оила ва таҳкими салоҳияти мураббиёну

падару модарон, кӯмак мерасонанд, ки кӯдакон дар муҳити дӯстона ва дастгиркунанда тараққӣ кунанд. Ин равиш дар ниҳоят ба рушди иҷтимоии кӯдакон ва тайёр кардани онҳо барои нақши фаъол дар ҷомеа мусоидат мекунад.

19. Машғулиятҳо барои кор бо падару модар дар МТТ ва хона пешбинӣ шуда, бо истифода аз технологияи инноватсионии роҳнамоии ғайримустақим барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон баргузор гардиданд. Ин технология марҳила ба марҳила бо панҷ марҳила: проблемавӣ-таҳлилӣ, ҷустуҷӯӣ-ташхисӣ, лоиҳакашӣ, ҷорӣ ва ҷамъбастӣ-таҳлилӣ амалӣ карда шуд. Дар оғози ҳар марҳила натиҷаи мураббиёни падару модар таҳлил ва муҳокима карда шуданд. Ба онҳо шаклҳои худомӯзӣ дар мавзуъҳои барнома, аз ҷумла технологияҳои ТИК пешниҳод карданд.

20. Боби дуюми диссертатсия мазмуни кори озмоиширо дар се марҳила - муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ инъикос мекунад. Дар марҳилаи муқарраркунанда, сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоии 60 кӯдак, ки ба марказҳои рушди кӯдак ва наврасони ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе ташриф меовардаанд, таҳқиқ карда шуд. Шиносоӣ бо МТТ ва оила тавассути пурсишномаҳо имкон дод, ки дар бораи салоҳият ва имкониятҳои педагогии мураббиёну падару модар фаҳмиши амиқ пайдо шавад.

21. *Дар марҳилаи ташаккулдиҳанда*, бо истифода аз барномаҳои омӯзишӣ ва тренингҳо мураббиёнупадару модар барои дастрасӣ ба донишҳои нав ва такмили салоҳиятҳои педагогии худ ҷалб карда шуданд. Ин марҳила бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамкории мураббиёну падару модар дар тарбияи иҷтимоӣ ва шахсии кӯдакон гузаронида шуд.

22. *Марҳилаи назоратӣ*, ки баъд аз анҷоми омӯзишҳо ва кор бо мураббиёну падару модар амалӣ гардид, ба арзёбии таъсири тадбирҳои қабулшуда ва рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона шуда буд. Ин марҳила имкон дод, ки тағйирот ва пешравиҳои бадастомада дар сатҳи

иҷтимоии кӯдакон ва муносибатҳои МТТ ва оила таҳлил шаванд, ки натиҷаҳои он барои такмили барномаҳои оянда муҳим буданд.

23. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар натиҷаи фаъолиятҳои иҷрошуда, мураббиёну падару модар ба усулҳои муосири тарбияи кӯдакон шинос шуданд ва қобилияти худро барои дастгирии рушди иҷтимоии кӯдакон беҳтар карданд. Ин равиш на танҳо ба рушди шахсият ва сифати иҷтимоии кӯдакон, балки ба таҳкими муносибатҳои МТТ ва оила низ мусоидат намуд.

24. Натиҷаҳои коркарди маълумоти тавассути усулҳои тестӣ ва суҳбатҳо бо падару модар бадастоварда ба ташкил намудани ду гурӯҳ - назоратӣ ва озмоишии иборат аз 60 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ дар ду гурӯҳ оварда расонд.

25. *Дар марҳилаи ташаккулдиҳанда* кор бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ бо роҳбарии мураббиён дар МТТ гузаронида шуд. Самаранокии кори анҷомдодашуда дар марҳилаи назоратӣ бо истифодаи усулҳои ташхисии монанд арзёбӣ гардид.

26. Ташхис ошкор сохт, ки ҳарду гурӯҳ афзоиши сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро нишон медиҳанд, вале динамикаи гурӯҳи озмоишӣ бештар ба назар мерасад. Динамикаи гурӯҳи назоратӣ бо афзоиши 1,7% дар сатҳи баланд, 1% дар сатҳи миёна ва 4,2% коҳиш дар сатҳи пасти сифатҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд.

27. Дар гурӯҳи озмоишӣ, сатҳи баланд 37,5% афзоиш ёфта, сатҳи миёна ва паст мутаносибан 18,2% ва 19,2% коҳиш ёфтааст. Муқоисаи маълумотҳо дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва назоратӣ ба баланд бардоштани сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ ва самаранокии тадбирҳои дар марҳилаи ташаккулдиҳанда гузаронидашуда хулосаи мусбат медиҳад.

28. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, албатта, самаранокии барномаи муаллифӣ ва усулҳои инноватсионӣ дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон боиси такмили муносибатҳои МТТ ва оила ва беҳтар шудани муҳити иҷтимоии кӯдакон гардид. Ин равиш на танҳо барои кӯдакон,

балки барои падару модар низ фоидаовар буд, зеро онҳо шоҳиди рушди қобилиятҳои иҷтимоии фарзандон ва тағйиротҳои мусбат дар муносибатҳои онҳо гардидаанд.Илова бар ин, падару модар дар раванди омӯзиш ва фаъолиятҳои МТТ ва оила, ки дар доираи барнома гузаронида шуданд, бештар фаъол ва ҷалбшуда буданд. Ин ба онҳо имкон дод, ки бо усулҳои муосир ва самараноки тарбияи кӯдакон ошно шаванд.

29. Натиҷаи корҳои озмоишӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва ҳамкории назоратии мураббиён бо падару модар дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим дорад. Бо ин роҳ, кӯдакон на танҳо маҳорати иҷтимоии худро ба даст оварданд, балки дар муҳити МТТ ва оила низ боэътибор ва фаъолтар шуданд.

30. Кор бо мураббиёну падару модар нишон медиҳад, ки ҳар як МТТ ва оила ҳамчун як институти ибтидоии иҷтимоӣ имкониятҳои бузурги рушди иҷтимоии кӯдаконро дорад, агар мураббиёну падару модар роҳҳои ҳамкории субъект-субъектро бо кӯдакон дошта бошанд.

31. Роҳнамои ғайримустақим оид ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ исбот мекунад, ки истифодаи он дар амалияи муассисаҳои таълимӣ барои дастгирии мураббиёну падару модар дар тарбияи МТТ ва оила самаранок аст.

32. Илова бар ин, омӯзиш ва фаъолиятҳои муштарак байни падару модар ва кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила ба беҳтар шудани муносибатҳои байни онҳо кумак мекунад, ки ин дар навбати худ ба рушди қобилиятҳои иҷтимоии кӯдакон таъсири мусбат мерасонад. Ин равиш на танҳо кӯмак мекунад, балки падару модарро дар ташаккули муҳити солими тарбиявӣ фаъол мекунад.

33. Барномаҳои омӯзишие, ки ба ҳамкорӣ бо падару модар равона шудаанд, метавонанд нақши муҳим дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии падару модар дар тарбияи кӯдакон ва рушди иҷтимоии онҳо дошта бошанд. Сарфи назар аз истифодаи технологияи инноватсионӣ, муҳим

аст, ки падару модар эҳсос кунанд, ки онҳо дар ин раванд нақши асосӣ доранд ва иштироки онҳо барои рушди кӯдакон зарурӣ аст.

34. Натиҷаи таҳқиқот фарзияи пешниҳодкардаи моро тариқи озмоишӣ тасдиқ карда, дурустии он собит месозад ва аз он далолат мекунад, ки вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

35. Таҳқиқоти минбаъда метавонад бо ҳамкории субъект-субъектии мураббия бо кӯдак, падару модар бо кӯдак дар намудҳои гуногуни фаъолият дар МТТ ва оила алоқаманд бошад, ки ин ҳамкориҳо метавонанд бо усулҳои муосир ва инноватсионӣ тарҳрезӣ шаванд. Ин таҳқиқот метавонад ба омӯзиши тафовутҳои гуногуни фаъолият, аз қабили фаъолиятҳои эҷодӣ, варзишӣ, омӯзишӣ ва иҷтимоӣ, равона шаванд, ки дар онҳо падару модар ва кӯдакон метавонанд бо ҳам кор кунанд.

Дар асоси таҳқиқот тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Мушкилотҳои рушди шахсияти кӯдакон дар МТТ ва оила ва ташаккули сифатҳои иҷтимоии онҳо ҳал карда шавад. Тарбияи муташаккилона ва мақсаднок дар МТТ ва оила бо шароити махсус, ба монанди муҳити гарм ва муносибатҳои эътимоднок, барои ташаккули хислатҳои шахсии кӯдакон нигаронида шудааст, вазифаи МТТ ва оила дониста шавад.

2. Волидайн вазифадор карда шавад, ки дар тарбияи кӯдакон ҷиддитар диққат дода, аз даврони таълими томактабӣ барои омода кардани таҳсилоти ибтидоӣ чораҳои махсус андешида, барои ба таълим фаро гирифтан маводҳои таъими пурра таъмин карда шавад. Ин бахш падару модарро бо усулҳои самараноки тарбияи кӯдакон, таҳкими муносибатҳо дар МТТ ва оила ва рушди хислатҳои нек бештар мусоидат менамояд.

3. Падару модар асосан бо усулҳои анъанавии тарбияи кӯдакон бештар шинос шаванд ва аксарият дар истифодаи методҳои муосир ва

инноватсионӣ танқиси мекашанд, ин ҳолат барои беҳтар кардани сифати тарбияи кӯдакон, ва истифодаи усулҳои самараноки педагогӣ ва психологияи онҳо бояд маълумоти бештар дошта бошанд.

4. Падару модар бояд доимо ба омӯзиш ва такмили донишҳои худ дар бораи тарбияи кӯдакон машғул шаванд, то ин раванд самараноктар гардад. Тавассути ин тадбирҳо, онҳо метавонанд ба фарзанди худ кӯмак кунанд, ки кӯдакон сифатҳои иҷтимоии худро рушд диҳанд ва дар ҷомеа ҳамчун шаҳрвандони масъулиятшинос ва фаъол гарданд.

5. Муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда шаванд, ки на танҳо кӯдаконро дар раванди рушди иҷтимоии онҳо дастгирӣ кунанд, балки падару модарро низ дар ин раванд бо омӯзиш ва кӯмакҳои дахлдор ҷалб созанд, ки ин боиси таъсири мусбат ба ояндаи кӯдакон мегардад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪЗАХҲО)

1.Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

1. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Душанбе, 2019. - 85с.

2. Барномаи «Раҳнамои мураббӣ». Душанбе, 2002. - 146 с.

3. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон». Душанбе. 2012. - 112с.

4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006-№94.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, № 1004. https://mmk.tj/

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ. - Душанбе, 2013. – 14 с. https://mmk.tj/

